**М. ҒАЙРАТОВ,**
**устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои техникӣ,**
**Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон**



# ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ, ПАЁМАДҲОИ ОН ВА МАВҚЕИ ТОҶИКИСТОН

Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мавқеи географӣ, релефи маҳал тахти таъсири фаъоли оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва равандҳои гуногуни табиӣ, ки ба офатҳои табиӣ оварда мерасонанд, қарор дорад. Ҳукумати мамлакат воқеияти тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои онро барои кишвар дарк намуда, барои ҳалли ин мушкилот тадбирҳои муҳимро андешида, тамоми талошҳоро барои рафъи паёмадҳои тағйирёбии иқлим ва хатару офатҳои табиӣ равона кардааст.

Яке аз мушкилоте, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асри XXI бо он рӯ ба рӯ гардидааст, паёмадҳои тағйирёбии иқлими Сайёра ба ҳисоб меравад. Тағйирёбии иқлим дар навбати аввал ба зиёдшавии миқдори зуҳуроти нохуши табиӣ, алалхусус, баландшавии ҳарорат, норасоии оби ошомиданӣ ва оби полезӣ, табдил шудани заминҳои корам ба биёбон, бодлесшавии хокҳои ҳосилхез, эрозияи қабати хокии замин, камшавии захираҳои обӣ, обшавии босуръати пиряххо, мушкилоти гидроэнергетикӣ, зиёд шудани зуҳуроти табиӣ, аз қабили сар задани сел, ярч, тармафарой, хушксолӣ ва сӯхтори ҷангалзорон оварда мерасонад. Дар навбати худ ин ҳодисаҳо ба коҳиши захираҳои табиӣ оварда мерасонад ва дар ин замина, сабаби мушкилоти соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мегардад. Созмони Умумиҷаҳонии Обуҳавошиносӣ (СУО), ки ниҳоди бонуфузи иттилоот дар низоми Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои иқлим ва пиряххо ба ҳисоб меравад, маълумот додааст, ки консентратсияи газҳои гулхонаӣ - гази карбон, метан ва оксиди азот боз ба сатҳи рекордӣ расиданд.

Пиряххо яке аз манбаъҳои асосии об ба ҳисоб рафта, нақши онҳо дар таъмини аҳолии сайёра бо оби ошомиданӣ зиёд аст. Аммо раванди тағйирёбии иқлим имрӯз барои ҳифзи пиряххо монеа гардида, боиси аз меъёр зиёд обшавии онҳо гардидааст. Аз ҷумла, дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ва гармшавии босуръати ҳаво аз шумораи пиряххои кӯҳсори Тоҷикистон то ба имрӯз беш аз 1 ҳазори он пурра аз байн рафтааст. Ин дар ҳолест, ки қариб 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ аз пиряххои Тоҷикистон сарчашма мегиранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз чорабиниҳои муҳим шаҳри Бокуи Ҷумҳурии Озарбойҷон (12.11.2024) таваҷҷуҳи иштирокдоронро ба яке аз ҷанбаҳои муҳими мавзуи обу иқлим - обшавии босуръати пиряххо ҷалб намуданд. Дар ин ҳамоиш Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки бо ташаббуси Тоҷикистон Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид соли 2025-ро ҳамчун “Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо” эълон намуд. Тибқи ин қатъномаи қабулгардида, ҳамчунин, “Фонди эътимодноки байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо” таъсис дода шуд ва Тоҷикистон аз аввалинҳо шуда, саҳми молиявии худро ба фонди мазкур гузошт.

Ҳамчунин, дар асоси қатъномаи мазкури Созмони Милали Муттаҳид Тоҷикистон моҳи майи соли 2025 дар шаҳри Душанбе Конфронси сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххоро баргузор гардид. Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадаф аз баргузории ин ҳамоишро боло бурдани сатҳи огоҳӣ, мубодилаи маълумот ва ҷалби бештари таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли ин мушкилот ва ҳамбастагии масъалаҳои обу иқлим арзёбӣ карданд.

Таъсири тағйирёбии иқлимро дар тамоми сатҳҳои ҷаҳонӣ, минтақавӣ, зерминтақавӣ, миллӣ ва маҳаллӣ вохӯрдан мумкин аст. Ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партобҳои газҳои гулхонаӣ дар ҷаҳон ночиз аст, аммо Тоҷикистон яке аз кишварҳои аз ҷиҳати тағйирёбии иқлим осебпазир дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, обшавӣ ва коҳиши пиряххо барои

## ТАШАББУСҲОИ МОНДАГОРИ ПЕШВО

Тоҷикистон ташвишовар аст, зеро пиряхҳо ва захираҳои барфии Тоҷикистон манбаи асосии захираҳои об дар минтақа мебошанд. Ҷиҳати мусоидат ба ҳалли масъалаҳои марбут ба об ва тағйирёбии иқлим, хусусан, босуръат обшавии пиряхҳо, Пешвои миллат пайваста пешниҳодҳо дар самти обу иқлимро ироа менамоянд, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ дастгирӣ ва пуштибонӣ меёбанд. Зикр кардан бамаврид аст, ки дар моҳи марти соли 2021 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки коҳиши босуръати пиряхҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки аз афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад, ба оқибатҳои манфӣ оварда расонад. Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон гардида, Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо муайян карда шавад. Хушбахтона, 14 декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни иҷлосияи 77-уми худ қатъномаи «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро бо 153 овози кишварҳои узви СММ пазируфт. Ташаббуси мазкур панҷумин ташаббус буда, доир ба масъалаҳои об, иқлим ва пиряхҳо аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст.

Мавриди зикр аст, ки дар ҷараёни баргузории Конфронси 29-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим дар Боку (12.11.2024) механизми ҳалли масъалаҳои мубрами рӯз, аз қабили захираҳои обӣ, обшавии босуръати пиряхҳо, оқибатҳои ногувори тағйирёбии иқлим ва дигар масъалаҳои ҳифзи муҳити зист арзёбӣ гардида, барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани истифодаи захираҳои обии минтақаи Осиёи Марказӣ ва дар ин замина, барои аҳолии сайёраи Замин нақши ҳалкунандаро бояд дошта бошад. Дар конфронси мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нав-баста аз иқдомҳои саривақтии пешгирифтааш, бо пайгирӣ аз далелҳои амиқ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ исбот менамояд, ки солҳои охир инсоният ба мушкилоти ғайричашмдошти норасоии оби ошомиданӣ дучор шуда истодааст. Ҳалли саривақтии норасоии оби ошомиданӣ дар ҷаҳон як чораи муҳимми пешгирии оқибатҳои ногувори тағйирёбии иқлим муаррифӣ мегардад, ки ин ҳам бошад, як ҳиссае аз пешгирии оқибатҳои ногувори тайирёбии иқлими сайёраро ташкил медиҳад.

Мушкилоте, ки дар масъалаи тақсимоти захираҳои об дар байни давлатҳои олам вуҷуд дорад, дар баъзе мавридҳо ба сар задани мунокишаҳои байни кишварҳо боис мешавад. Дар миқёси ҷаҳон беш аз 240 дарёи байнидавлатӣ мавҷуданд, ки беш аз 170 мамлакати мухталифи дунё аз онҳо истифода менамоянд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки масъалаи мазкур 21 июни соли 2012 дар шаҳри Рио-де-Жанейро (Бразилия) дар чорабинии муштараки ЮНЕСКО ва механизми “СММ - об” оид ба масоили истифодаи оқилона ва самараноки об суханронӣ намуда, пешниҳод намуданд, ки соли 2013 “Соли дипломатияи об” эълон карда шавад. Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба назар гирифта, Маҷмаи Умумии СММ соли 2013-ро “Соли байналмиллалии ҳамкорӣ дар соҳаи об” эълон кард, ки он аз ҷониби 190 кишвари олам дастгирӣ ва пуштибонӣ ёфт. Мояи сарфарозии мост, ки маҳз дар асоси ин иқдом СММ оид ба рафъи мушкилоти об, танҳо давоми 20 соли охир панҷ қатънома қабул намуд, ки нишони эътирофи баланд ва далели мавқеи устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Ташаббусҳои Президенти кишвари мо дар мавриди беҳтар намудани сифати оби ошомиданӣ, масоили марбут ба обу иқлим ва ҳифзи пиряхҳо ба рӯзномаи ҷаҳонии рушд ворид гардида, дар таърихи пешрафти инсоният саҳифаҳои тоза боз намуданд.

Ташаббуси навбатии Сарвари кишвари мо - дар сатҳи ҷаҳонӣ эълон шудани соли 2025 ҳамчун “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” ва 21 марти ҳар сол таҷлили “Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” низ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирии ҳамаҷониба ёфт, ки роҳест ба сӯи ояндаи дурахшони сайёра. Бидуни шубҳа, қабули ин қатънома дар миқёси ҷаҳон иқдоми муҳим ва таърихӣ буда, тавассути он ҷомеаи ҷаҳонӣ имкон пайдо мекунад, ки барои ҳифзи бузургтарин манбаъҳои оби ошомиданӣ тадбирҳои муштараки зарурӣ андешад.

Чуноне мушоҳида мешавад, имрӯзҳо дар ҷомеаи илмиву ҷамъиятии кишвари мо дар ҳавои ташаббусҳои Пешвои миллатамон ва қатъномаҳои қабулгардида як ҳавои ҳамраъйӣ ва амалиёти мушаххас дар ҷодаи амалисозии барномаҳои нав дар омӯзиш ва амалҳои мушаххас барои ҳифзи пиряхҳо ва обу табиат роҳандозӣ гардида истодааст. Ин иқдомҳои Пешвои миллат мояи ифтихор ва сарфарозии ҳамаи мост, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари пешоҳангу ташаббускор дар масъалаҳои глобалии сайёра эътирофи комил шудааст.

**Файзуллоҷон САФАРОВ,**
**дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва автоматикунонии филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ - МИСиС дар шаҳри Душанбе**



# СИСТЕМАИ ҶУСТОРИИ “ДОДАҲО” - ЗАМИНАИ МУФИД БАҲРИ ДАСТРАСӢ БА ИТТИЛООТ

Дар шароити муосир ва тағйирёбии рақамӣ, вақте ки иртиботи иттилоот дар рушди ҷомеа ва иқтисод нақши асосиро мебозад, масъалаҳои таъмини соҳибихтиёрии системаи ҷусториюи иртиботӣ аҳаммияти хос пайдо мекунад. Вобастагии технологӣ аз шабакаҳои иртиботии хориҷӣ, инчунин, платформаҳои рақамии бегона, барои амнияти миллӣ ва суботи иқтисодии кишвар хатар эҷод мекунад. Давлатҳое, ки қодиранд инфрасохтори рақамии худро мустақилона рушд дода ҳифз кунанд, дар ин самт рақобатпазир мегарданд. Соҳибихтиёрии миллии рақамӣ ба омили асосии таъмини Истиқлоли давлатӣ дар ҷаҳони муосир табдил меёбад, ки дар он технологияҳои мустақили рақамӣ нақши муҳим дошта, барои таъмини соҳибихтиёрии иттилоотӣ тақвияти инфрасохтори иттилоотию иртиботӣ дар тамоми қаламрави кишвар зарур аст. Ин маънои онро дорад, ки таъмини дастрасии устувор ва босифат ба интернет омили муҳимми татбиқи технологияҳои муосир мегардад.

Вобастагии ҷаҳон ба технологияҳои иттилоотӣ ҳамарӯза меафзояд ва Тоҷикистон низ истисно буда наметавонад. Системаи ҷусториюи иртиботии мустақил имкон медиҳад, ки кишвар аз таъсири манфии эҳтимолии беруна дар соҳаи амнияти иттилоотӣ эмин бошад. Ин на танҳо як василаи таъмини амнияти иттилоотӣ, балки воситаи муҳимми рушди иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона давлати пасошуравӣ аст, ки дорои системаи ҷустории мустақили худ мебошад. Ин система дастрасӣ ба иттилоот ва хидматрасониҳои иртиботиро аз платформаҳои бегона озод карда, маълумотро аниқ ва бо суръат таъмин менамояд.

Шабакаи иртиботии **Додаҳо - Dodaho** аз рӯи усули тарҳрезӣ фаъолият мекунад, ки шумораи умумии истифодабарандагон ба он пайваст мешаванд. Системаи ҷустории мазкур ба муштариён хидматҳои ҷусторӣ, иртибот, ҳифзи иттилоот, интиқоли иттилооти зиёд, хидматҳои дастрас ба шабакаи ҷаҳонии интернетро пешниҳод мекунад. Имкони афзоиши суръати интиқоли иттилоот бо назарияи маъруфи Шеннон ва Хартли шарҳ дода мешаванд, ки қобилияти гузариши шабакаро бо C [бит/с], хати гузариши басомад B [Гц] ва таносуби мавҷ/садо h2 = Pc / Pш, яъне, таносуби қувваи мавҷи фоиданок ба қувваи садо дар шабака пайваст мекунад [3]: C = B log2 (1+ h2).

Аз таҷриба бармеояд, ки гузариш аз стандарти шабакаи вобаста бо маҷрои 1,5 МГц ба стандарти "5g-Advanced" бо маҷрои 50 МГц афзоиши суръатро метавон аз 10 Мбит/с то 100 Мбайт/с таъмин кард. Дар натиҷаи афзоиши суръати интиқоли маълумот афзоиши назаррас дар системаи иртиботии мустақил ба амал меояд.

Иқтисоди рақамӣ аз он ҷиҳат бартарӣ дорад, ки дар он муносибати марбут ба истеҳсол, коркард, захира ва интиқоли маҳсулот бо истифодаи саривақтӣ ва самараноки иттилоот, ки бо далелҳои қотеъ ва возеҳ асос ёфтаанд, таҷассум меёбанд.




***Расми 1. Дархост дар сисетемаи ҷустории Додаҳо - Dodaho***

Истиқлоли иттилоотӣ имкон медиҳад, ки давлат дар фазои рақамӣ сиёсати мустақилро пеш барад, шароити мусоидро барои рушди иқтисоди рақамӣ фароҳам оварад ва манфиатҳои миллиро ҳифз намояд. Браузери мустақили миллӣ Додаҳо - Dodaho барои таъмини амнияти иттилоотӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои киберӣ мусоидат мекунад. Дар асри XXI, ки технологияҳои рақамӣ ҳаёти моро тағйир

медиҳанд, таъмини соҳибихтиёрии рақамӣ на танҳо зарур, балки кафолати амният, шукуфоӣ ва истиқлоли воқеии давлат мебошад. Илова бар ин, таҳкими истиқлоли рақамӣ бояд бо баланд бардоштани сатҳи саводи рақамии аҳолӣ ҳамоҳанг сурат гирад. Барномаҳои таълимӣ, омодасозии мутахассисони соҳаи амнияти иттилоотӣ ва ташаккули фарҳанги истифодаи технологияҳои рақамӣ метавонанд кафолати муваффақияти сиёсати миллӣ дар самти рақамикунониро таъмин намоянд.




***Расми 2. Замина (платформаи) Додаҳо - Dodaho***

Дар ҷаҳони муосир воситаҳои технологияи иртиботӣ дар пешрафт қарор дошта, он барои аксар кишварҳои рӯ ба тараққӣ муҳим аст. Хусусияти асосии системаи ҷусторию иртиботӣ қобилияти бо сифати баланд интиқол додани ҳама гуна маълумот, доираи васеи гузариш ва суръати интиқоли иттилоот 10 Мбайт/с ташкил медиҳад.

Ин иқдом имкон медиҳад, ки дастрасии шаҳрвандон ба иттилоот осонтар гардад ва рушди иқтисоди рақамӣ бе ягон монеа таъмин шуда, рақобатпазирии кишварамон дар арсаи ҷаҳонӣ боло равад. Сарчашмаи додаҳо имкон медиҳад, ки маълумотро самаранок ҷамъоварӣ ва таҳлил намуда, дар қабули қарорҳои стратегӣ истифода баранд. Рушди системаи ҷусториии мустақил, қадами муҳим дар таъмини соҳибихтиёрии рақамӣ, алахусус, дар шароити афзоиши танишҳои геополитикӣ ва таҳдидҳои киберӣ мебошад.

Системаи ҷусториии Додаҳо - Dodaho имкон медиҳад, ки кишвар аз вобастагии системаҳои хориҷӣ раҳо ёфта, амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи маълумоти шахсии шаҳрвандонро таъмин намояд. Ҳамзамон, рушди чунин система ба таҳкими иқтидори илмӣ ва технологии миллӣ мусоидат карда, барои мутахассисон имкони нави касбӣ фароҳам меорад ва метавонад ба рушди тиҷорати электронӣ дар кишвар такони ҷиддӣ бахшад.

Дар шароити ҷаҳонишавии иттилоотии иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ, минтақабандии он, ки шаклҳои бештари ҳушдордиҳандаи таъсири иттилоотиро касб мекунад, зарурати нигоҳдорӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иттилоот, таъмини амнияти онҳо моҳияти хосса касб кардааст.

Тағйироти рақамӣ дар кишварҳои гуногун бо шаклҳои гуногун ба амал меояд. Баъзе кишварҳо зудтар рушд мекунанд, дар ҳоле ки дигарон ҳанӯз дар марҳалаҳои аввали татбиқ қарор доранд. Аз тамоюли рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ бармеояд, ки иқтисодиёти Ватани мо низ ба монанди кишварҳои тараққикарда, дар ин сатҳ қарор дорад. Пешравии иқтисод бештар аз барқарорkунии истеҳсолот, ба кор даровардани корхонаҳои гуногун, таҷдиди илм дар истеҳсолот ва ҷорӣ намудани технологияҳои иртиботии мустақили миллист.

Тибқи маълумоти Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шумораи истифодабарандагони интернет дар Тоҷикистон 4,5 миллион нафарро ташкил медиҳад. Яъне, аҳолии кишвар ба воситаҳои интернетӣ дастрасӣ доранд, ки худ далели рушди босуръати инфрасохтори рақамӣ ва афзоиши нақши технологияҳои иттилоотӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа мебошад.

Раванди рақамикунонӣ, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонро фаро мегирад, имконоти нав ва бесобиқаро барои рушд фароҳам меорад, аммо дар баробари ин, хатарҳои ҷиддии марбут ба амнияти иттилоотиро ба вуҷуд меорад. Дар ин шароит, таҳияи браузери инноватсионӣ ҳамчун платформаи ягона баҳри таъмини амнияти иттилоотӣ вазифаи муҳим ва саривақтӣ ба шумор меравад. Ин иқдом омили таҳкими эътимоди аҳолӣ ба платформаҳои рақамӣ гардида, дар навбати худ иқтисоди рақамиро суръат мебахшад.



***Расми 3. Ҳимояи иттилоот дар браузери Додаҳо - Dodaho***

Барои идора ва таҳлили додаҳои бузургҳаҷм асбоб ва технологияи махсус ба мисли “Hadoop”, “Spark”, пойгоҳи додаҳои “NoSQL”, алгоритмҳои омӯзиши зеҳни сунъӣ ва воситаҳои таҳлили маълумот лозим аст. Азбаски ҳаҷми маълумоти тавлидшуда афзоиш меёбад, аҳаммияти маълумоти калон танҳо меафзояд. Имрӯз, вақте сухан дар бораи истифодаи зеҳни сунъӣ (“AI”) меравад, бештар ба он ишора мекунанд, ки маҳз омӯзиши забони техникиро аз худ кардан зарур аст. Алгоритмҳои омӯзиши забони техникӣ (“ML”), одатан, аз рӯйи усули амсилаи математикии омӯзишӣ кор мекунанд, таҳлилро дар асоси ҳаҷми зиёди маълумот анҷом медиҳад ва хулосаҳо аниқ мешаванд.

Истифодаи алгоритмҳои омӯзиши мошинӣ дар коркарди маълумоти калон ба рушди хадамоти зеҳнӣ, аз қабили тавсиядиҳандаҳо (recommendation systems), низоми ошкорсозии қаллобӣ (fraud detection) ва таҳлили рафтори корбар (user behavior analytics) мусоидат мекунад. Ҳамзамон, платформаҳои таҳлили маълумот, ба монанди “Power BI”, “Tableau”, “QlikView” ва муҳити барномасозии илмӣ, ба мисли “Python” (бо китобхонаҳои “Pandas”, “NumPy”, “Scikit-learn”, “TensorFlow”) ва “R” дар таҳлили илмии додаҳо нақши муҳим доранд. Аз нуқтаи назари сиёсати рақамӣ, кор бо маълумоти бузургҳаҷм яке аз самти афзалиятноки амнияти иттилоотӣ ва соҳибихтиёрии рақамӣ маҳсуб ёфта, боиси афзоиши самаранокии идоракунии давлатӣ, ташкили низоми пешгӯишавандаи иқтисодӣ ва таҳкими қобилияти рақобатии субъектҳои хоҷагидорӣ мегардад. Ба таври мушаххас, дар шароити муосир маълумоти калонҳаҷм ба унвони «сарвати стратегӣ» баромад мекунад, ки ба раванди геополитика низ метавонад таъсир расонад. Бо дарназардошти ин ҳолат, таҳияи стратегияҳои миллии идоракунии маълумоти калонҳаҷм, татбиқи чораҳои қонунгузорӣ барои ҳифзи иттилооти махфӣ ва сармоягузорӣ ба рушди захираҳои инсонӣ дар ин самт, бояд аз афзалиятҳои калидии давлат бошанд.

Ҳифзи истиқлоли рақамӣ ба давлат имкон медиҳад, ки таҳти таъсири манбаъҳои беруна қарор нагирад ва дар ҳолатҳои бӯҳронӣ, аз ҷумла, таҳримҳо ё кибертаҳдидҳои глобалӣ низ устувории иттилоотӣ ва қобилияти идоракуниро нигоҳ дорад. Яке аз роҳҳои муҳимми расидан ба ин ҳадаф таҳияи браузери миллӣ, системаҳои амалиётии ватанӣ ва замимаҳои рақамии дорои стандарти баланд мебошад, ки хатарҳои берунаро коҳиш медиҳанд ва фазои маълумотиро зери назорати қонунгузории миллӣ нигоҳ медоранд. Бо мақсади рафъи ҳама гуна мушкилот, моро мебояд ба рушди инфрасохтори миллии иттилоотӣ ва иртиботӣ диққати ҷиддӣ диҳем. Инчунин, таҳияи стратегияи мукаммали платформаи рақамиро, ки барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ зарур аст, дар мадди назар дошта бошем. Ҳамзамон, ташвиқи таҳқиқоти илмӣ ва инноватсия дар соҳаи технология метавонад ба мо имкон диҳад, ки истиқлоли худро дар ин соҳа мустаҳкам намоем.

## АДАБИЁТ:

1. Schwab K. The Fourth Industrial Revolution. World Economic Forum 2016. 172 c.
2. Importance of information technology in modern world. [манбаи электронӣ]. URL: https://colaninfotech.com/blog/importance-of-information-technology/ (санаи муроҷиат: 05.05.2025).
3. Теорема Шеннона - Хартли о пропускной способности канала. [манбаи электронӣ]. URL: https://siblec.ru/telekommunikatsii/teoreticheskie-osnovy-tsifrovoj-svyazi/9-kompromissy-pri-ispolzovanii-modulyatsii-i-kodi rovaniya/9 - 4 - teorema-shennona-khartli-o-propusknoj-sposobnosti-kanala.
4. Цифровой суверенитет и кибербезопасность // Материалы Четвертого международного транспортно-правового форума / под редакцией А.А. Чеботаревой, В.Е. Чеботарева. - Москва: Изд-во Юридического института РУТ (МИИТ), 2022 г. - 335с.
5. 100VG - AnyLAN – надежды на высокую скорость. URL: https://www.osp.ru/lan/1996/02/131911.
6. Защита национального контента в сети интернет на базе поисковой системы Dodaho.tj. Илм ва инноватсия ДМТ Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ 2024. №3 166 с.
7. Системаи ҷусторию иртиботии миллӣ: www.Dodaho.tj
8. Служба связи: «Для доступа к высокоскоростному Интернету в Таджикистане установлено 798 базовых станций». URL: https://khovar.tj/rus/2025/01/sluzhba-svyazi-dlya-dostupa-k-vysokoskor ostnomu-internetu-v-tadzhikistane-ustanovleno-798-bazovyh-stantsij/
9. Maths for Machine Learning. URL: https://www.geeksforgeeks.org/ machine-learning-mathematics/.

**Мирзошариф АБДУСАЛОМОВ,**
**муҳаққиқи ЮНЕСКО дар бахши мероси фарҳангӣ, докторант (PhD)-и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**



# ЁЗДАҲ ЁДГОРИИ ТАЪРИХИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН БА ФЕҲРИСТИ ҶАҲОНИИ ЮНЕСКО ШОМИЛ ГАРДИД

Мероси таърихию фарҳангӣ чун баёнгари арзишҳои волои маънавӣ ва хотираи гузаштаи таърихӣ пайвасткунандаи дирӯзу имрӯзу фардои миллатҳо буда, дар шинохту муаррифии таъриху тамаддун ва мақому манзалати ҷаҳонии миллати куҳанбунёду фарҳангсолор нақши муҳим ва аҳаммияти ниҳоят хосса дорад. Бесабаб нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин нукта бо назари нек нигариста, осори қадим ва ёдгориҳои таърихиро забони гӯёи фарҳанги миллат номида, таъкид намудаанд: "Қарзи мову шумост, ки ин гуна осори фарҳангиро ҷустуҷӯву пайдо намоем, онҳоро ҳифз кунем, омӯзем, омӯзонем ва барои болоравии сатҳи умумии маърифату эҳсоси худшиносии миллӣ истифода барем".

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти кор бо ЮНЕСКО, махсусан, дар ҳамкорӣ бо Кумитаи мероси ҷаҳонӣ хеле фаъол буда, то имрӯз ба дастовардҳои баланд дар самти мероси фарҳанги моддӣ ва ғайримоддӣ ноил гаштааст. Аз ҷумла, ба феҳристи мероси фарҳанги умумиҷаҳонии ЮНЕСКО шомил шудани яке аз қадимтарин шаҳрҳои таърихӣ Саразми Бостон бо таърихи 5500-сола (соли 2010) намунаи он мебошад.

Лозим ба зикр аст, ки соли 2022 бо дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби олимону, мутахассисон ва коршиносони миллӣ ва байналмилалӣ гурӯҳи корӣ барои таҳия намудани парвандаҳои номинатсионии ёдгориҳои таърихию фарҳангии "Хуттали Қадим" дар шакли силсила-номинатсия таъсис дода шуд. Гурӯҳи корӣ аз олимону мутахассисони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, коршиносон ва мутахассисони байналмилалӣ аз Института байналмилалии тадқиқотии Осиёи Марказӣ (ИБТОМ) ва ИКОМОС (Шурои байналмилалӣ оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ ва ҷойҳои тамошобоб) иборат буд. То оғози кор гурӯҳи корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд бор воҳӯриҳо анҷом доданд. Масъалагузориҳо сурат гирифт. Протоколҳо тартиб дода шуд.

Мувофиқи банди 37-и Протоколи Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.01.2021, №1 парвандаи номинатсионии ёдгориҳои таърихии вилояти Хатлон дар нақша гирифта шуда буд. Барои ин, бо дарназардошти маълумоти илмӣ, археологӣ, бойгониҳо, барномаву стратегияҳои соҳавӣ ва дигар санадҳои дахлдор зиёда аз 200 ёдгории таърихию фарҳангӣ рӯйхат карда шуда, ҳайати гурӯҳи корӣ тамоми ёдгориҳоро аз назар гузаронида, барои таҳияи парвандаи номинатсионии "Хуттали Қадим" корҳои заруриро анҷом доданд. Чун талаботи Кумитаи мероси ҷаҳонӣ ва дар маҷмуъ, ЮНЕСКО хеле ҷиддӣ аст, аз миёни 200 ёдгории таърихию фарҳангии ҳудуди вилояти Хатлон 11 адад ниҳоят интихоб карда шуд. Ин ёдгориҳои таърихию фарҳангии Ҳалевард (ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ), Аҷинатеппа (ноҳияи Вахш), Золи Зар, Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин (ноҳияи Данғара), Шаҳристони Золи Зар, Корвонсаройи Тоҳир, Шаҳртеппа, Шаҳристони Ҳулбук, Қалъаи Ҳулбук, Манзартеппа (ноҳияи Фархор) ва Хиштеппаи (ноҳияи Ховалинг) мебошанд.

Лозим ба зикр аст, ки доир ба объектҳои интихобгардида маълумоти илмӣ, бостоншиносӣ ва таҳқиқотӣ ҷамъоварӣ карда шуда, ба объектҳои интихобгардидаи мазкур таваҷҷуҳи махсус

зоҳир мешавад. Аз ҷумла, онҳо дар барномаҳои давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаи чорабиниҳои он ворид карда шуда, барои ташкил намудани инфрасохтори зарурӣ, сертификатсияи пурра, чорабиниҳои оммавию илмӣ маблағҳо аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва маблағҳои шарикони рушд пешбинӣ шудааст. Объектҳои таърихию фарҳангӣ барои бедор кардани ҳувияти миллӣ, худшиносии ҷавонону наврасон, завқи зебоипарастии шаҳрвандон нақши асосиро мебозад.

Ҳамин тариқ, парвандаи номинатсионии “Хуттали Қадим” бо фарогирии 11 ёдгории таърихию фарҳангӣ дар ҳаҷми зиёда аз 1000 саҳифа омода карда шуда, тариқи роҳҳои дипломатӣ ба дафтари марказии ЮНЕСКО дар шаҳри Парижи Ҷумҳурии Фаронса ирсол карда шуд. Боиси хушнудӣ ва сарфарозист, ки бори аввал моҳи марти соли 2023 парвандаи мазкур аз нигоҳи техникӣ комил арзёбӣ гардида, 11 ёдгории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯйхати пешакии ЮНЕСКО шомил карда шуданд. Ин қадами хеле муҳим ва дастоварди боарзиш барои миллати тоҷик буд.

Бо ин тартиб, барои ба Феҳристи асосии мероси фарҳанги умумиҷаҳонии ЮНЕСКО шомил кардани номинатсияи «Хуттали Қадим» ва барои боз ҳам мукаммал кардан ва омода намудани ёдгориҳои мазкур тавсияҳои ИКОМОС ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардид. Дар қадами аввал ҳуҷҷатгузорӣ ва бо сертификати ҳуқуқи истифодаи замин таъмин намудани ёдгориҳо ва дар қадами дуюм, рушд ва ҳифзи ёдгориҳо таъмин карда шуд. Дар ин баробар, намояндаи ИКОМОС Жан Ясмин – доктори илмҳои бостоншиносӣ моҳи сентябри соли 2024 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои арзёбии объектҳои номинаи “Хуттали Қадим” ташриф оварда, барои арзёбии воқеии объектҳо сафари ҳайати гурӯҳи кории номинатсия ба ёдгориҳои таърихӣ сурат гирифт. Ҷаноби Жан Ясмин пурра бо вазъи воқеии ёдгориҳои номинатсияи “Хуттали Қадим” шинос гардида, ҳамзамон, зимни сафари корӣ аз Осорхонаи миллии Тоҷикистон, Осорхонаи миллии бостоншиносии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, осорхонаҳои шаҳру ноҳияҳо, ки нигораҳои таърихӣ ва бозёфтҳои ёдгориҳои номинатсия дар онҷо ҳастанд, дидан кард. Намояндаи ИКОМОС тавсияҳои худро барои боз ҳам пурра кардани номинатсия ва ҳифзи бештари ёдгориҳо изҳор дошт.

Дар маҷмуъ, номинатсияи “Хуттали Қадим” дар сатҳи баланди касбӣ аз ҷониби мутахасисони соҳа омода шуда, ҳамчунин, таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи кор бо ЮНЕСКО бештар гардид. Намунаи олии он дар соли 2024 таъсис додани Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ЮНЕСКО (шаҳри Париж) ва таъйин намудани мутахассиси соҳаи фарҳанг ҳамчун намояндаи доимӣ мебошад.

Иҷлосияи 47-уми Кумитаи мероси умумиҷаҳонӣ дар қароргоҳи ЮНЕСКО аз 6 то 16 июли соли 2025 таҳти раёсати намояндаи Булғористон профессор Николай Ненов баргузор гардид. Дар ин иҷлосия 32 парвандаи номинатсионӣ баррасӣ карда шуд, ки аз он 24 номинатсияи фарҳангӣ аз 24 кишвари дунё (дар бахши мероси фарҳанги моддӣ) буданд. Аз ин миён Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона кишвар аз Осиёи Марказӣ мебошад, ки номинатсияи “Хуттали Қадим”-ро бо фарогирии 11 ёдгории таърихию фарҳангии ҳудуди вилояти Хатлон дар шакли силсилавӣ пешбарӣ кард. Номинатсияи мазкур хусусияти миллӣ дошта, соли 2023 аз ҷониби гурӯҳи кории миллӣ ва байналмилалӣ бо роҳбарии Мирзошариф Абдусаломов – коршиноси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ба ЮНЕСКО пешниҳод гардида, дар Рӯйхати пешакии ЮНЕСКО шомил шуда буд.

Ҳамин тариқ, 12 июли соли 2025 парвандаи номинатсионии “Хуттали қадим” бо фарогирии 11 ёдгории таърихию фарҳангии ҳудуди вилояти Хатлон бори аввал ба Феҳристи асосии мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуд

Ворид гардидани ёдгориҳои таърихию фарҳангии кишвар ба феҳристи мероси фарҳанги умумибашарӣ уҳдадорӣ ва масъулияти шаҳрвандон ва махсусан, масъулони соҳаро дучанд менамояд. Мувофиқи талаботи Конвенсия оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ ва ҷойҳои тамошобоб (16 ноябри соли 1972), ки Тоҷикистон онро эътироф намудааст, зарур аст, ёдгориҳои ЮНЕСКО аз ғасб гардидан, хароб гаштан ва дигар омилҳои зараррасон ҳифз карда шаванд. Пазируфта шудани 11 ёдгории бостонии вилояти Хатлон дар рӯйхати мероси умумиҷаҳонӣ аз нақши муҳим доштани ин маконҳо дар таърихи минтақа гувоҳӣ медиҳад, ки ин як дастоварди беназири фарҳангӣ дар соли 2025 барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Аминҷон ЗАРИФӢ,
устоди Коллеҷи политехникии
ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд**



# ТАБЛИ БЕДОРИИ УСТОД АЙНӢ БА ГӮШИ ОРИЁН

***Дар ҳошияи рисолаи “Садриддин Айнӣ ва инқилоби маданӣ”- и академик Саймумин Ятимов - “Ҷумҳурият”, №101 аз 21.05.2025***

Дар замони муосир, ки авҷи бархӯрдҳои фарҳангӣ, талошу найрангҳои фарҳангситезию фарҳанграбоиҳост, бахри ҳифзи фарҳанги беназири ориёии миллат, аҳли зиё, рӯшанфикрони ҷомеаро зарур аст, кору пайкори ватандорона кунанд, то миллат зираку бедор ва посдори ин ганҷинаи пурбор гардад. Зеро “Ҷаҳонбинӣ ва идеологияи хурофотӣ сабаб гашт, созмонҳои экстремистиву террористӣ давра ба давра шакл бигиранд. Ҳалқаҳои махфии он тамоюл ва имконоти барои давлати миллӣ хатарзою афзояндаро аз худ нишон диҳанд” (С.Ятимов) ва сабабгори асосии фоҷеаи миллӣ гарданд. Ҷангҳои таҳмилию миллаткуши шаҳрвандӣ дар марҳалаҳои таърихии замон: 1929-1937 ва 1992-1997 гувоҳ бар он аст, ки холигоҳи идеологӣ ва афзудани хурофоти динӣ, камфаъолиятӣ, бетарафӣ, ё фурсатталабии аҳли зиё ва фаъолони ҷомеа, миллатро дар дуроҳаи бақо, ё фано қарор дода буд. Имрӯз ин хатарҳо дар паси сиёсатҳои пасипардагии абарқудратҳо дар либоси талошҳои динию мазҳабӣ роҳандозӣ мегардад, ки ҷаҳолату хурофот дар он тантана дорад. Сиёсатшиноси хирадёр ва дурандеш, академик С. Ятимов бо силсилаи мақолаву рисолаҳои илмию касбӣ нозукона ҳамаи нуктаҳои заъф ва боздорандаи рушду рифоҳ ва саодати миллиро дақиқан пайгирӣ намуда, миллатро ба бедории афкори худӣ даъват менамояд. Шинохти Қаҳрамони миллат “Садриддин Айнӣ (пешвои) - сарчашмаи маънавии таъсис ва таҳкими сохти давлатдорӣ” дар рисола, далолат бар он аст, ки он баъди ҳазор соли гумномӣ ва бо номҳои ҷуғрофии бухороӣ, самарқандӣ, хоразмӣ, хуҷандӣ, ҳисорӣ, балхӣ, бадахшӣ, хатлӣ зистан номи миллати шарифи ТОҶИК-ро, ҳарчанд дар маҳдудаи хурди меросӣ бошад ҳам, дар таърихи харитаи сиёсии ҷаҳон бо номи Тоҷикистон ҷойгир сохт. Дар бораи “Доҳии адабиёти навини тоҷик”, “Асосгузори маънавиёти миллӣ”, эҳёгари арзишҳои фарҳангу тамаддуни бостонӣ, мубаллиғи ғояҳои наву созандаи сохти нав дар самти илму маориф будани аллома Садриддин Айнӣ муаллиф баҳои сазовор додааст, ки омӯхтанист. Ҳадаф аз бозтоби кору пайкори чеҳраҳои мондагори миллат, ин сабақи таърихӣ, маънавӣ ва ғоявӣ андӯхтан аст, то дар “чоҳи Шағғодони давр” наафтем. Дар рисола масъалаи доғи рӯз: “...зиёӣ – профессорону журналистони думрави муллоҳои ташаббускори ҷанги хунумонсӯзи шаҳрвандӣ ва акнун дар даҳаи чоруми замони истиқлол - ҷавонони гумроҳи узви созмонҳои террористии байналхалқӣ, зархаридони бозигарони геополитикӣ, соҳибунвонҳову мансабдорони хурофотзадаи бетарафи дампову хомӯши розӣ ба авҷи ҷаҳолату бегонапарастӣ...” (С.Ятимов.), ки бомбаи ҳастаии фаъолшудаанд, дақиқан ошкор баён шудаанд ва бонги хатар ва табли бедорӣ ба наслҳои навини миллат мебошанд.

Пешоҳанги силсилаи бедории миллат устоди устодон, Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ буданд. Устод дар радифи

дигар осори мондагори худ, асарҳои таърихӣ - воқеӣ эҷод намудаанд, ки барои бедор сохтани рӯҳи миллӣ арзишмандтарин буданд. Агар дар асарҳои “Ҷаллодони Бухоро”, “Таърихи амирони манғития” ваҳшонияту қабоҳат, фасоду ҷаҳолати амирони манғитиро дар асрҳои XVIII - XIX ва ибтидои асри XX пешниҳоди хонанда намуда, ранҷу азоби тоҷиконро бо дард баён сохта бошанд, сипас, бо навиштани асарҳои мондагори “Намунаи адабиёти тоҷик”, “Маънои калимаи тоҷик”, “Устод Абуабдуллои Рӯдакӣ”, “Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ”, “Шайхулраис Абуалӣ ибни Сино” ва чанде дигар исбот намуданд, ки миллати тоҷик сокинони аслӣ ва меросбарони асили фарҳанги ҷаҳоншумули Ориёӣ мебошанд. Агар устодро дар замони амирӣ барои озодандешӣ ва хостори ислоҳот дар соҳаи илму маориф будан бо 75 даррачӯб ҷазо дода бошанд, дар замони ҳукумати болшевикон, бо дасисаи бадхоҳони миллати тоҷик ва тухмати “хостори ҳукумати шоҳони Сомонӣ” будану майлони миллатгароӣ доштан бо ҳукми бадарғаву марг (солҳои1938-1939) маҳкум гардиданд. Хушбахтона, ба бахти миллати тоҷик ва азму талошҳои устод Лоҳутӣ ин тухмати душманони миллат бардошта мегардад. Мавзуи тарғиби ғояи ватандӯстию қаҳрамонӣ барои руҳбаландии ҷанговарон дар майдонҳои ҳарби Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ба нависандаи номвар имкони мусоиди эҷодӣ фароҳам меорад. Акнун Айнии пухтакор зиракона, бо сеҳри қалам дар эҷоди очерки таърихӣ - бадеии “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” ва “Исёни Муқаннаъ” ба гӯши хонандаи закӣ аввалин хитобаи бедории миллиро нармак-нармак навохтанд. Танҳо бозгӯи нуктаҳои такондиҳандаи ин ду очерки таърихӣ кофист, то ҷасорати таърихиву пайкори миллии устодро дар афрӯзиши рӯҳи миллӣ муайян намуда, ба заковатмандию хирадёрии устоди бузург сари таъзим фуруд орем.

Дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ рӯй овардан ба мавзуи муборизаҳои таърихӣ, муборизаҳои озодихоҳонаи миллӣ барои қувватбахшӣ ба руҳияи ҷангии афсарону сарбозон басо муҳимму зарурӣ буд. Ӯ бо нишон додани ду марҳалаи басо сарнавиштсоз дар таърихи миллати сарбаланду озодаи тоҷик, ки яке даврони истилои бадавиёни араб ба сарзаминҳои Ориёно ва бо баҳонаи дин баҳри ғулому бенаво кардани мардум, вайрону тороҷ сохтани тамоми шаҳру деҳоти обод, дигаре вуруди чингизиёни ваҳшӣ ба ин сарзаминҳои муқаддас ва қатли ому харобазор намудани шаҳрҳои ободи Вароруду Хуросони бузург аст, ҷасорату мардонагии ватандорону шерони ориёиро бо тамоми асноду далели таърихӣ баён сохтааст. Муқаддимаи очерки бадеӣ - таърихии “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” бо боби “Аҳволи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ободӣ дар Мовароуннаҳр, Хуросон ва Хоразм пеш аз хуҷуми Чингизхон” ба ин сарзаминҳо оғоз шуда, дар асоси мадракҳои муътамади таърихӣ, осори илмӣ - бостоншиносӣ ва фарҳангномаҳои нодир, назири “Равзатуссафо”, “Қомусулаъмоли туркӣ”-и Ёқути Ҳамавӣ (соли вафот 1229), “Таърихи Наршахӣ”, “Ғиёс-ул луғот”, “Бурҳони қотеъ” ва даҳҳои дигар шарҳу тафсир ёфаанд. Ахбори пурраи ҷуғрофӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоиву иқтисодии он давронро дарҷ сохтаанд. Баёни танҳо номҳои тоҷиконаи шаҳрҳои Чағониён, Бинокат, Хатлон, Вахш, Тирмиз, Балх, Марв, Шодбох, Нишопур, Шаҳристон, Деҳистон, Абевард, Тӯс, Хуҷанд, Хоразм, Самарқанд, Бухоро, Фарғона, Ҳирот ва садҳои дигар, ки ҳангоми вуруди чингизиёни ваҳшӣ дар ибтидои асри XIII (солҳои 1220-1226) ободтарин ва сернуфузтарин шаҳристонҳои ҷаҳон буданд, ба зеҳнияти миллии хонанда таконе ба сӯи шинохти ганҷҳои аз дастдодаҳои миллӣ аст. Ҳамчунон, тибқи ахбори “Равзатуссафо” чингизиён дар хуҷуми аввал дар Нишопур як миллиону 47 ҳазор, дар Ҳирот як миллиону 60 ҳазор ва дар дигар шаҳру деҳот қатли оми сартосариро гузаронидаанд ва танҳо дар

модаршаҳри ориёии Балх донишмандони зиёд ваҳшиёна қатл гардидаанд, ки фоҷеаи миллӣ ва умумиинсонӣ буд. Он даврон ҳазоршаҳри Балх дорои масҷидҳои ҷомеъ, ҳамомҳои калон, китобхонаҳои оммавӣ ва бозору растаҳои ҳунармандиву бозоргонӣ буд, ки бо ҳуҷуми чингизиён ба хок яксон гардидааст.

Муаллифи "Маъҷам-ул-булдон" Ёқути Ҳамавӣ нақл намуда, ки дар Бухоро ҳамаи мадрасаҳо китобхонаи худро доштанд ва масҷиди ҷомеи шаҳр китобхонаи бузурге доштӣ, ки пур аз китобсандуқҳои чӯбину чармин буданд. "Вақте ки Чингиз шаҳри Бухороро ишғол кард, бо саворони хоссаи худ ба масҷиди ҷомеи мазкур даромад, худаш дар мақсураи масҷид нишаст ва саворони худро фармуд, ки китобҳоро ба ҷои коҳу алаф ба пеши аспон рехта, китобсандуқҳоро ба ҷои охур кор фармуданд ва аспони гуруснаи муғулон варақҳои китобҳои пурбаҳоро мисли гиёҳҳои хушки биёбонӣ бо рағбати тамом хӯрданд".

Баёни ин фоҷеаи таърих, ки захми ҷаҳлу ҳамоқат ва ваҳшату тарси он дар руҳу равонҳо буда, то кунун захма мезанад, барои имрӯзиён дарси бедориву бахуд омаданҳост.

Устод Айнӣ тасвири арӯси шаҳрҳои он замон - "Тирози ҷаҳон" – Хуҷанди бостонро ботафсил нақл намуда, тамоми намуди касбу ҳунар ва санъату фарҳанги ин шаҳри асилзодагони ориёиро нозукона баён сохтаанд. Дар ин очерки таърихӣ фарҳангномаи мардумиро бозгӯӣ намуда, ҳунармандӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ, дуредгарӣ, меъморӣ, наққошӣ, заргарӣ, оҳангарӣ, мисгарӣ ва анвои дигари ҳунарҳои дастии мардумони шаҳрҳои бостонии тоҷиконро дар тимсоли Хуҷанди Бостон баён намуда, таконе ба асолат ва дарки нигоҳдошту эҳёи ин ганҷҳои нуҳуфта намудаанд, ки хеле омӯхтанист.

Дигар масъалаи доғе, ки устод Айнӣ зиракона баён сохтаанд, ин масъалаи нангини хиёнати ҳамватанон дар лаҳзаҳои ҳассосу ҳалкунандаи мубориза҇ҳост. Дар очерки "Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик" ҳокими шаҳри Хуҷанд Темурмалики далер бо ҷавонони таҳамтани шаҳр як ҷо киштиҳои ҷангӣ сохта, урдаи чингизиёнро маҳв сохтаву намегузорад, ба шаҳри азизаш даро-янд. Лек, ҳайҳот аз он, ки чанд бозоргону тоҷири бандаи нафс чун Аҳмади Хуҷандӣ ва ёрони ӯ дарвозаҳои қалъаи шаҳрро ба рӯи чингизиён мекушоянд ва сабаби ғорату куштор ва қатли оми мардумон мегарданд. Устод Айнӣ агар яке аз сабабҳои шикасти давлати паҳновари Хоразмшоҳиёнро аз дасти урдуи душман, ноуҳдабароии Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ донанд, сабаби дигарро ҷаҳлу хурофоти динӣ, дасисаи Носир халифаи аббосӣ медонанд. Зеро агар султони аз аҳволи давлати паҳновар бехабар аз аввалин ҷанг бо дастае аз чингизиҳо шикаст хӯрда, бо тарс мардумонро ба ҳоли хеш гузошта, "Ҷораи кори худ созед ва барои худ гурезгоҳе ба даст оваред, то аз ҷанги ҳаводис ва навойиб (ҳодисаҳо ва мусибатҳо) эмин бошед" мегуфт, дигар ҳокимони шаҳрҳо танҳо ба танҳо дар миёни галлаи урдаи ваҳшии Чингиз монда буданд ва яке паси дигар нобуд мегаштанд.

Аҳаммияти очерки таърихию бадеии "Исёни Муқаннаъ" низ беназир аст, зеро муаллиф пеш аз он, ки доир ба мубориза҇и Муқаннаъ (Ҳошим ибни Ҳакими донишманд) ба хонанда қисса намоянд, маълумоти мукаммали таърихӣ аз ҳолу аҳволи сиёсию иқтисодии Хуросону Мовароуннаҳрро пеш аз истиллои арабҳо меорад. Ин маълумотномаи таърихию ҷомеашиносӣ барои шинохти унсурҳои фарҳанги миллӣ, номҳои ҷуғрофӣ, солномаи шоҳону хонадонҳои бузургмардони ориёӣ басо муфиду зарурӣ буда, бо саҳеҳияти асноди таърихӣ, таконбахши худёбист. Зикр ва гӯшзади номҳои тоҷиконаю таърихии шаҳру деҳоти он сарзаминҳо назири Нахшаб (Насаф-Қаршӣ), Кеш (Шаҳрисабз), Шумон (Ҳисор), Вардонзеҳ (Шофирком), Варорӯд (Мовароуннаҳр), Рай (Нишопур), Кашкаша (Каҳкашон), Хатлон (Кӯлоб, Балҷувон, Вахш) ва чанде дигар дарси бузурге барои дарёфти гумкардаҳои хеш аст. Барои бедории зеҳнияти миллӣ тамоми китобу мадракҳои

таърихиро омӯхта, устод Айнӣ холисона ва бе ягон истиҳола ваҳшату даҳшати омоли арабҳои бадавиро пурра ба қалам дода, ҳақро аз ботил ҷудо намудааст. Дар ҳамаи сарчашмаҳои таърихӣ, ки аз тарафи таърихнигорони асрҳои миёна эҷод шудаанд, назири "Таърихи Табарӣ", "Таърихи Наршахӣ", "Равзат-ус-сафо" ва чанде дигар, муаллифон бо тамаллуқ ба ходимони дини ислом, корномаи ҳамаи муборизони роҳи озодию истиқлолхоҳии тоҷиконро зидди истилои арабу туркони биёбонӣ, чун шӯру исён ва зидди дину диёнат нишон додаанд. Номи пешвоёни бебоки ин шӯришҳои мардумиро ба айёрию тарророрӣ, куфру бедиёнатӣ доғдор сохта, ҳатто, дар чеҳранигорӣ ҳам ба ифрот рафта, ҳама нуқсе, ки ҳаст ба онон часпонидаанд. Устоди эҳёгари миллат ва шаҷараноманависи ростини ориёкеш, аллома Садриддин Айнӣ, ки таҳсилдидаи мадрасаҳои бонуфузи маркази тамаддуни исломи он замон, яъне, шаҳри Бухори Шариф буд ва ҳадафу хостаҳои ғосибонро, ки дар пардаи Қуръону ислом ба ғорату наслкушӣ овора буданд, мӯ ба мӯ медонист ва зиракона ба пуштибонии "Миллати муаззами тоҷик" бархоста, ҳақиқати таърихи ростинро ба гӯши ворисону вопасон расонид, то бедору вораста бигарданд, дӯстро аз душман, фидоиро аз ғосиб, ҳаммиллатро аз бегона фарқ бинмоянд.

Тасвири корномаи Оли Кашкаша, ватандорони бухороие, ки дар як ҳавлӣ бо арабҳои ғосиб зистанро нанг диниста, хонаву дар, боғу роғи хешро раҳо ва ба беруни шаҳр рафтанд ва маҳаллаи наве сохтанд, исёни озодагон буду орияти ориёӣ, ки чун сароғози муборизаҳо гардидӣ. Дигар исёни 80 тан гаравгони сулҳи Бухорихудотзан бо Саид ибни Усмони сарлашкари ғосиби Хилофати араб аст, ки ваъдахилофӣ намуда, на дар Марв, на дар Нишопур, на дар Кӯфа ва на дар Мадина гаравгононро барнагардонду ғулом сохтанӣ буд, мебошад. Он ҷавонони ашрофзодаи боорияти тоҷик маргро аз ғуломӣ ба ин ваҳшиёни биёбонӣ афзал дониста, бо машварат ба сарои Саид пинҳонӣ даромада, он ваъдахилофро бикуштанду қасоси хеш ситонданд ва барои ба дасти душман зинда наафтодан, хешро низ ба марг доданд. Дигар хуруҷи Язаки тахористонист, ки бо вуҷуди хидмату ҷонфидоияш ба Қутайбаи ҷаллод эмин намонд ва бо хиёнату миёнаравии Салими Носеҳ ҳамроҳи бародаронашу ҳампаймононаш ноҷавонмардона бо фиребу дасиса кушта шуд. Тасвири исёни суғдиёни Самарқанд бо роҳбарии Ғурак ба лашкари ҷаррори Қутайбаи ғосиб ва ҳамчунон, поёни кори Тархунхудот дарсест, ибратомӯз. Ҳамчунон, дар соли 737 мардуми боғурури Хуталон исён намуда, амири Хуросон Асад ибни Абдуллоро шикаст доданду ӯ фирор карду масхараи оламиён шуд.

Бо тафсил қисса намудани сабабу омилҳои хуруҷи Абумуслими Хуросонӣ, маълумот овардан аз авлоду аҷдоди ӯ, вақту ҷойи хуруҷи он, хидматҳои бесобиқааш дар густариши сарҳади хилофати бани Умайя дар Хуросону Варорӯд ва шимолу ғарби Чин, ҳимояти беназираш аз авлодони хонадони Аббосиву бар сари хилофат овардани ин носипосон ва оқибати кори он. Яъне, ин муборизи ростин тавониста, хилофати бани Умайяро шикаст диҳад ва ба садри хилофат авлодони дигари қабилаи араб - Аббосиёнро сари кор оварад. Вале халифа Абуҷаъфар Мансури Аббосии носипос ӯро боиззат ба хонааш оварда, тарсуёнаю ноҷавонмардона, бесилоҳ намуда, ғофилгир ва бо ҷаллодонаш бикушт. Ин амали ваҳшиёнаю бегонабадбинии онҳо оғози дигари шӯришу исёнҳои мардумони Хуросону Варорӯд гардидааст. Исёни Синбоди Муғ, исёни Ровандиён, исёни Ибни Муқаффаъ (ватандоре, ки зиёда аз 60 китоби нодирро аз забони паҳлавӣ ба арабӣ баргардонидааст), исёни Шарик ибни Шайхи Бухороӣ ва чанде дигарро ин олими забардаст чун дарси мардонагию ватандорӣ, ҷасорату далерӣ бахри ҳифзи марзу буми аҷдодӣ оварда, зимнан таконе ба ҳофизаи торихӣ ва дарки хештаншиносии наслҳо намудааст.

Тафсили зоднома, касбу кор, донишу ма-

лака ва саҳнаҳои муборизаи Муқаннаъро намуда, лақабгузорӣ, таънаю надомат, ширку гуноҳ тадбир намудани ошӯби Муқаннаъро аз тарафи муаррихони нотавонбини асрҳои миёна бо далелу бурҳони қотеъ рад намуда, ҳақиқати таърихиро ба хонанда баён сохтаанд, ки ҷасорати адабиву таърихист. Муаллифи “Таърихи Наршахӣ” нигошта: “Муқаннаъ марде буд аз рустои Марв, аз деҳае, ки онро Коза хонанд ва номи ӯ Ҳошим ибни Ҳаким буд ва вай дар аввал козарӣ мекард ва баъд аз он ба илм омӯхтан машғул шуд ва аз ҳар ҷинс илм ҳосил кард, илми шаъбада ва илми найранҷот биомӯхт, бағоят зирак буд ва китобҳои бисёр аз илми пешиниён хонда буд ва дар ҷодугарӣ бисёр устод буд...”. Ин нуктагирии муаллиф далел бар он аст, ки арабҳои аз илм бехабар тамоми корҳои озмоишию илми кимиёгарии Ҳошими Ҳакимро сеҳр ва дар рӯй ниқоби муҳофизатӣ пӯшидани ӯро бо лақаби “Муқаннаъ” (ниқобпӯш) таъна задаанд.

Муқаннаъ яке аз пайравону сипоҳии Абумуслими Хуросонӣ дар ошӯбҳо буда, оқибати кори ин муборизи роҳи озодиро дид ва дигар ба ғосибон сари мӯе бовар накард. Барои ситонидани қасди роҳбари хеш либоси сапеди озодагон ба бар кард ва бар зидди ғосибони араб исён бардошт. Муддати зиёда аз чордаҳ сол бо пайравонаш дар Хуросону Варорӯд пеши роҳи лашкари ҷаррори арабро гирифт ва ба дили мардуми бумии ин сарзамин: суғдиён, бохтариҳо, марвиён, порсҳо, хоразмиён ва дигар ҳамнажодон шуълаи умеди озодӣ ва истиқлолталабиро барафрӯхт. Ҳарчанд ин исёни мардумӣ бо сабаби парокандагии фаъолият дар шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи он замон: Марв, Самарқанд, Хоразм, Бухоро, Балх, Истаравшану Хуҷанд, Чағониёну Хуталон, инчунин, хиёнати баъзе ҳокимони маҳаллӣ ва сарватмандону руҳониёни тамаллуккор вахшиёна пахш шуда бошад, ҳам руҳи муборизаҳои озодихоҳонаи ориёизодагонро шикаста натавонист. Бо нишондоди “Таърихи Наршахӣ” бо гузашти зиёда аз 168 соли даргузашти Муқаннаъ, дар замони муаллиф, пайравони Муқаннаъ зиёд ва муҳаббати халқ бар ӯ рӯзафзун будааст. Устоди закитабъ Садриддин Айнӣ барои бедор намудани дарки худогоҳии миллии хонанда дар боби панҷуми асар натиҷаи исёнҳои мардумиро хулоса намуда, зикр сохтааст, ки натиҷаи хуруҷи Шарик ибни Шайх ва Абумуслиму дигар муборизон, агар танҳо иваз шудани як хонадони халифаҳои араб бар дигари он шуда бошад, исёни Муқаннаъ сабаби суст шудани нуфузи хилофати араб дар Варорӯду Хуросон ва заминаи таъсиси аввалин давлатҳои миллии Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Ғуриён ва дигарон гардидааст.

Баҳои сиёсӣ ва таърихии академик С. Ятимов ба “Исёни Муқаннаъ” ва “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик”, ки “ҳамосаҳои ҷовидонаи қаҳрамонҳои миллати тоҷик ҳастанд...” ва арзиши таърихиву маънавии онҳоро дар радифи “Идеалҳои бузурги маънавии умумибашарӣ” гузоштан, басо рамзист, то навои табли хештаншиносии наслҳо бигарданд.

Имрӯз зарурат ва талаби вақт аст, то барои зинда мондан дар гирдоби ҷаҳонишавӣ наслҳои бедору зирак, хештаншиносу худогоҳ ва мусаллаҳ бо ғурури ориёиро парвариш намоем. Барои ин пайкори тамоми ҷомеа: аз оила, кӯдакистон, мактаб, донишгоҳ оғоз намуда, то зинаҳои гуногуни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатию қудратӣ зарур аст.

Васоити ахбори омма, равшанфикрони ҷомеа - олимону донишмандон, руҳониёни миллатдӯст - на бегонапараст, бояд барои манфиатҳои миллати тоҷик кор кунанд. Аз рӯи саҳнаҳои ин ду шоҳасари устод Айнӣ офаридани филмномаҳои бадеӣ, ҳуҷҷатӣ, бачагона, саҳнаҳои намоишӣ, ангора - расмҳои тарғиботии молу маҳсулоти ватанӣ, муҷассамасозӣ дар боғҳои истироҳатӣ ва чанд тадбири дигар метавонад, шуълаи бедорӣ, ғуруру асолати миллиро дар дили наслҳои ҷавон такон бахшад, зеро ноогоҳӣ ба бегонапарастӣ мебарад, ки хеле хатарзост.

Дилафрӯз ҚУРБОНЗОДА,
“Маърифати омӯзгор”



# “ТОБИСТОН-2025”: МАВСИМИ ИСТИРОҲАТИ КӮДАКОНУ НАВРАСОН ЧӢ ГУНА СИПАРӢ МЕШАВАД?

Ҳамасола дар Тоҷикистон бо фаро расидани фасли гармо ва анҷоми соли таҳсил кӯдакону наврасон ба таътили тобистона мебароянд. Пурсамар гузаронидани таътили тобистона бисёр муҳим буда, он дар рушду инкишофи зеҳнию ҷисмонии кӯдакону наврасон нақши арзанда дорад. Ба ҳамин хотир, волидон мекӯшанд, бо анҷоми соли хониш фарзандонашонро ба истироҳатгоҳҳои гуногун ҷалб кунанд, то ки неруву қувваи тоза гирифта, бо табъи болидаву шавқу ҳаваси бештар ба мактаб қадам гузошта, ба таълиму тарбия фаро гирифта шаванд.

Олими маъруфи олами таълиму тарбия - яке аз чеҳраҳои шинохтаи педагогика Фридрих Фрёбел гуфтааст: «Бозӣ дар муҳити озод на танҳо воситаи фароғат, балки роҳи асосии омӯзиш ва рушди зеҳнии кӯдак аст». Бинобар ин, ҷиҳати ташкили самараноки раванди солимгардонии кӯдакон ва наврасон дар истироҳатгоҳҳо масъулин дар фасли тобистон чорабиниҳои гуногуни фарҳангию варзишӣ ва адабӣ баргузор намуда, барои хотирмон гузаштани истироҳати кӯдакон дар истироҳатгоҳ ва аз лиҳози ҷисмонию равонӣ ба соли нави таҳсил омода кардани онҳо тадбирҳои гуногун меандешанд.

Имрӯзҳо дар аксари истироҳатгоҳҳои ҷумҳурӣ басти сеюми истироҳати бачаҳо оғоз ёфтаву теъдоди зиёди хонандагони муассисаҳои таълимиро ба истироҳат фаро гирифтаанд. Бо мақсади иттилоъ ёфтан аз чараёни истироҳати бачаҳо, вазъи истироҳатгоҳҳо ва фаъолияти кӯдакону наврасон дар давраи истироҳат дар муассисаҳои мазкур бо чанде аз масъулон ҳамсуҳбат гардидем, ки фишурдаи онро барои шумо – хонандагони маҷаллаи “Маърифати омӯзгор” пешкаш мекунем.

### Истироҳатгоҳҳои Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бояд таъкид кард, ки раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулхия Нозакзода, дар радифи дигар раисони ҳамузви Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, узви Ситоди ҷумҳуриявии “Тобистон-2025” мебошад. Бинобар ин, аз муаллима доир ба раванди ҷалби кӯдакону наврасон ба истироҳатгоҳҳо пурсон шудем.



Номбурда изҳор дошт, ки иқдомҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таъмини ҳаёти осоиштаи кӯдакон ва риояи ҳуқуқу озодиҳои онҳо, дар руҳияи меҳру муҳаббат ба Ватан ва ҳамчун насли солиму созанда тарбия намудани кӯдакон равона гардидааст.

Дар натиҷаи ин саъю талошҳо ҳаёти кӯдакони кишвар сол аз сол беҳтару рангинтар гардида, ҳамасола аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар бораи ташкили истироҳати кӯдакон ва наврасон қарори дахлдор ба тавсиб мерасад.

Пеш аз ҳама, бояд, бигӯям, ки бо мақсади иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, №97 «Дар бораи ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон дар соли 2025» дар назди Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2025 Ситоди ҷумҳуриявии "Тобистон - 2025" таъсис дода шудааст. Ҳамчунин, доир ба назорат ва ташкили истироҳати кӯдакон ва наврасон дар мавсими тобистони соли 2025 нақшаи чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ гардидааст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар тавозуни Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм 4 истироҳатгоҳи беруназшаҳрӣ - «Файзи Истиқлол» (ноҳияи Варзоб), «Маркази солимгардонии Суғд» (ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд), «Чиларча» (шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд) ва «Саодат» (ноҳияи Шуғнони ВМКБ) амал менамояд.

Дар мавсими истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон, дар тобистони соли 2025, дар маҷмуъ, фарогирии 2511 нафар кӯдак ва наврас, аз ҷумла, кӯдакони ятиму бепарастор - 307 нафар, кӯдакон аз оилаҳои камбизоат - 124 нафар, кӯдакони болаёқат - 268 нафар, кӯдакон аз соҳаи маориф ва илм - 1678 нафар, тарбиятгирандагони мактаб-интернатҳо - 134 нафар ва 39 нафар хонандаи муассиссаҳои таълимии ноҳияи Рашту Тоҷикобод, ки манзилҳои истиқоматии волидайнашон аз заминларза зарар дидаанд, дар истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрии зикргардида нақшабандӣ шудааст.

Ба ҳолати 14 июли соли равон дар истироҳатгоҳҳои дар тавозуни Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм қарордошта, дар маҷмуъ, 1620 нафар кӯдак ва наврас ба истироҳати тобистона фаро гирифта шуданд. Ҳамчунин, ёдрас кардaниям, ки басти сеюми истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон аз 14 июли соли равон дар истироҳатгоҳҳои берунaзшаҳрии Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм оғоз гардид.

Ҳамасола хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба истироҳатгоҳҳои озодаву пероста омада, бо фароғату истироҳат даврaи таътили худро сипарӣ менамоянд. Дар истироҳатгоҳҳо мувофиқи нақша рӯзи хонандагон бо машқи пагоҳирӯзӣ оғоз шуда, бо оббозию хӯроки нисфирӯзӣ, соати муайяни хоб ва машғул шудан ба бозиҳои шавқовар идома меёбад.

Мураббии истироҳатгоҳ бояд барномаи рӯзонаи гурӯҳро омода карда, машғулиятҳои шавқовар ва бозиҳои эҷодӣ пешниҳод намояд, инчунин, дар лаҳзаҳои зарурӣ кӯдаконро дастгиру роҳнамо бошад. Мураббӣ бояд меҳрубон ва хушмуомила, бо сабру таҳаммул ва роҳбари ташаббускору равоншинос буда, дар муошират бо бачаҳо маҳорат дошта бошад. Ҳамчунин, мураббӣ бояд бо дигар кормандони истироҳатгоҳ - духтур, равоншинос, ошпаз, тарбиятгар ва роҳбарият ҳамкории зичро роҳандозӣ намояд. Танҳо тавассути амали дастҷамъона метавон муҳити беҳтару бехатар барои истироҳати кӯдакон фароҳам овард. Маҳорати касбӣ, меҳру муҳаббат ба кӯдакон ва масъулиятшиносии мураббӣ барои ташкили як муҳити солим ва хотирмон нақши калидӣ мебозад. Аз ин рӯ, интихоби мураббиёни соҳибтаҷриба ниҳоят муҳим аст. Ояндаи кӯдакон ва дараҷаи хуби истироҳати онҳо ба заҳмату муҳаббати мураббӣ вобаста мебошад.

Лоиқи зикр аст, ки ҳолати санитарию эпидемиологӣ, сифати маводи ғизоӣ ва дигар талаботи мавҷуда мунтазам аз ҷониби сохторҳои назоратӣ санҷида мешаванд, то ин ки наврасон дар беҳтарин шароит даврaи фароғати худро сипарӣ намоянд.

Ҳамчунин, бояд гуфт, ки соли 2024 барои истироҳатгоҳҳои берунaзшаҳрӣ аз тарафи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм дастури тавсиявӣ таҳия ва чоп гардид. Дастури мазкур барои мураббиён, ташкилкунандагони истироҳатгоҳҳои берунaзшаҳрии иттифоқҳои касаба пешниҳод гардида, ҷиҳати роҳандозии корҳои ташкилӣ дар раванди истироҳати тобистонаи кӯдакону наврасон мусоидат менамояд ва хусусияти тавсиявӣ дорад.

Дар дастури болозикр намунаи шиору овезаҳо бо иқтибос аз суханрониҳои Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои истироҳатгоҳҳо, ташкил ва баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман»,

озмунҳои зеҳнӣ, фарҳангию фароғатӣ, бозӣ ва тарбияи ҷисмонӣ дар истироҳатгоҳ тарҳрезӣ гардидааст, ки барои инкишофи зеҳнӣ ва тарбияи ҷисмонии кӯдакон ва наврасон дар раванди истироҳат мусоидат менамояд.

### Истироҳатгоҳҳои Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Директори Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Вазорати маориф ва илм Муяссара Давлатзода гуфт, ки дар мавсими тобистони соли 2025 фаъолияти 3736 истироҳатгоҳи берунашшаҳрию наздимактабӣ, солимгардонию беҳдоштӣ ба нақша гирифта шудааст, ки дар онҳо 303 ҳазору 198 кӯдаку наврас ба истироҳат фаро гирифта мешаванд.



Тибқи маълумоти дастрасгардида, фаъолияти истироҳатгоҳҳои наздимактабии вилояти Суғд аз 3 июни соли ҷорӣ оғоз гардида, дар басти якум дар 695 муассисаи таҳсилоти умумӣ 49 ҳазору 100 нафар ва дар басти дуюм 38 ҳазору 562 нафар хонанда ба истироҳат фаро гирифта шуданд. Дар ин давра - дар бастҳои 1-ум ва 2-юми истироҳатгоҳҳои берунашшаҳрии «Чашма»-и ноҳияи Зафаробод, «Сиёвуш»-и ноҳияи Мастчоҳ, «Бободархон»-и ноҳияи Ашт, «Чашма»-и ноҳияи Деваштич, муассисаи солимгардонии «Суғд»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, «20-солагии Истиқлолият»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов, ҶДММ «Шоҳин»-и шаҳри Гулистон, «Чиларча»-и шаҳри Панҷакент, «Гагарин»-и шаҳри Исфара, «Парасту»-и шаҳри Конибодом, дар маҷмуъ, 3 ҳзору 255 кӯдаку наврас ба солимгардонӣ фаро гирифта шуданд.

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон басти якум аз 3 июли соли ҷорӣ оғоз гардида, дар истироҳатгоҳҳои берунашшаҳрии «Саодат»-и ноҳияи Шуғнон 112 нафар, «Шабдез»-и ноҳияи Роштқалъа 110 нафар ва дар истироҳатгоҳҳои наздимактабии ноҳияҳои Мурғоб, Ишкошим ва Роштқалъа - дар се муассисаи таҳсилоти умумӣ 84 нафар, дар маҷмуъ, 306 нафар ба солимгардонӣ фаро гирифта шуданд.

Дар ҳудуди вилояти Хатлон 5 истироҳатгоҳи берунашшаҳрӣ ба қайд гирифта шуда, айни ҳол 4 адад - «Офтобак» - и дараи Пехои шаҳри Норак барои 120 нафар, «Насими Фархор»- и ноҳияи Фархор барои 35 нафар,”Шарора”ва “Истиқлол”-и шаҳри Кӯлоб, воқеъ дар ноҳияи Муъминобод, барои 200 нафар аз ҳисоби маблағҳои ҷудонамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии шаҳру ноҳияҳо ва истироҳатгоҳи «Офтобак»-и шаҳри Норак аз ҳисоби Шурои иттифоқи касабаи вилоят маблағгузорӣ шуда, барои қабули кӯдакону наврасон омода гардиданд ва 24-уми июни соли равон басти аввали фаъолияташонро оғоз намуданд. Ҳамзамон, 100 нафар кӯдаку наврас аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар истироҳатгоҳи “Офтобак”-и дараи Пехои шаҳри Норак, 87 нафар хонанда дар истироҳатгоҳи “Файзи Истиқлол”-и ноҳияи Варзоб ва 30 нафар дар истироҳатгоҳи ”Насими Фархор”-и ноҳияи Фархор, 102 нафар дар истироҳатгоҳи “Шарора”- ноҳияи Муъминобод ба истироҳат ҷалб карда шуданд.

Дар басти якум, дар назди 147 муассисаи томактабӣ 13 ҳазору 777 нафар, 14 муассисаи интернатӣ 1 ҳазору 612 нафар, 684 муассисаи таълимӣ 8 ҳазору 261 нафар ба майдончаҳои солимгардонӣ (бо додани 1 маротиба хӯрок), 3 ҳазору 555 нафар ба лагери варзишӣ-беҳдоштӣ, 64 ҳазору 730 нафар ба лагери фароғатӣ-таълимӣ ва 314 нафар дар 3 истироҳатгоҳи берунашшаҳрӣ ва истироҳатгоҳҳои ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби маблағҳои шуроҳои иттифоқи касаба, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маблағҳои падару модарон ба истироҳати тобистона фаро гирифта шуданд, ки дар маҷмуъ, 95 ҳазору 174 нафар кӯдакро ташкил медиҳад.

Дар мавсими тобистони соли 2025 дар назди 46 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Турсунзода дар 2 баст майдончаҳои солимгардонӣ ташкил карда шуд, ки 4600 нафар хонанда ба солимгардонӣ фаро гирифта шуданд, ки аз ин 47 нафарашро кӯдакон аз оилаҳои камбизоату нимятим ташкил намуд. Тибқи фармоиши мудири шуъбаи маорифи шаҳри Турсунзода имсол 72 нафар фарзандони омӯзгорон, дар 2 баст, дар истироҳатгоҳи беруназшаҳрии «Файзи Истиқлол» сафарбар шудаанд.

Дар назди 125 муассисаи таълимии шаҳри Ҳисор дар мавсими тобистон майдончаҳои солимгардонӣ барои 3460 хонанда ташкил карда шуд. Ҳамзамон, дар истироҳатгоҳи беруназшаҳрии «Чангоб» дар ду баст 367 кӯдаку наврас ба истироҳат ҷалб карда шуданд.

Дар назди 130 муассисаи таълимии ноҳияи Рӯдакӣ дар 10 ҳазору 685 хонанда ва 70 наврас дар истироҳатгоҳи беруназшаҳрии «Файзи Истиқлол» ба истироҳату солимгардонӣ фаро гирифта шуданд.

Дар ноҳияи Тоҷикобод дар мавсими тобистони соли 2025 дар заминаи 6 муассисаи таҳсилоти умумӣ (мактабҳои №1,4,6,8,17,13) 67 хонанда ба истироҳат ҷалб карда шуда, 10 нафар ба истироҳатгоҳи «Файзи Истиқлол»-и ноҳияи Варзоб сафарбар шуданд. Инчунин, дар 7 муассисаи таҳсилоти умумӣ - №1, 2, 7, 21, 35, 40, 59 169 нафар ба солимгардонӣ фаро гирифта шуданд.

Дар истироҳатгоҳҳои наздимактабии №8, 9, 13, 17, 26, 30, 33, 35, 39 ва 41-и ноҳияи Нуробод 30 нафар ба солимгардонӣ фаро гирифта шуданд. Дар истироҳатгоҳи беруназшаҳрии «Камароб»-и ноҳияи Рашт дар ду баст 300 нафар ва 10 нафар ба истироҳатгоҳи «Файзи Истиқлол» ҷалб карда шуданд. Дар назди муассисаи таҳсилоти умумии №10-и ноҳияи Лахш 75 нафар ва 20 нафар хонандаи муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия ба истироҳаттгоҳи «Файзи Истиқлол» ба истироҳат фаро гирифта шуданд.

Лоиқи зикр аст, ки дар истироҳатгоҳҳо барномаҳои гуногуни таълимӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва омӯзишӣ амалӣ мегарданд. Инчунин, иштироки фаъолонаи кӯдакон дар чорабиниҳои гурӯҳӣ, озмунҳо ва бозиҳои тарбиявӣ ба рушди эҳсоси масъулиятшиносӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ мусоидат менамояд.

Илова бар ин, мутахассисони соҳаи тиб, равоншиносон ва омӯзгорони ботаҷриба дар истироҳатгоҳҳо фаъолият мекунанд, то ба саломатии ҷисмонӣ ва руҳии кӯдакон диққати махсус зоҳир намоянд. Ташкили вохӯриҳо бо шахсиятҳои маъруфи соҳаҳои илму фарҳанг, инчунин, иштирок дар маҳфилҳои ҳунарӣ ба кӯдакон дар рушди ҷаҳонбиниву маърифати онҳо нақши муҳим мебозад.

### Истироҳатгоҳи Маркази кӯдакону наврасони шаҳри Душанбе

Ба иттилои директори Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе Назрихӯҷа Сайдалиев бо мақсади ташкили муҳити созандаи таълиму тарбия ва истироҳати фароғатӣ барои кӯдакону наврасон дар мавсими тобистони соли 2025, дар назди муассисаи номбурда лагери истироҳативу омӯзишии «Рангинкамон» фаъолият намуда истодааст. Дар ҷор басти таълимӣ-фароғатии лагер 400 кӯдаку наврази аз 8 то 14-сола бо фарогирии тамоми шаҳру ноҳияҳои шаҳри Душанбе ба истироҳат ҷалб шудаанд.

Фаъолияти лагер бо риояи меъёрҳои бехатарии педагогӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ роҳандозӣ гардида, барои ҳар як кӯдак имконияти омӯзиш, истироҳат ва инкишофи ҳамаҷониба фароҳам аст. Барномаи таълимӣ-фароғатии лагер фарогири машғулиятҳои омӯзишӣ, эҷодкорӣ, худшиносӣ ва тарбияи ватандӯстӣ буда, тавассути 10 маҳфили гуногун амалӣ мегардад, ки инҳо дар самтҳои зерин фаъолият доранд:



**- Маҳфилҳои илмӣ-амалӣ-таҷрибаҳои содаи илмӣ, омӯзиши муҳити зист, робототехника;**

**- Маҳфилҳои забономӯзӣ-омӯзиши забонҳои хориҷӣ (англисӣ, русӣ ва ғайра);**

**- Маҳфилҳои эҷодӣ ва ҳунармандӣ-рассомӣ, кандакорӣ, дӯзандагӣ, кӯлолгарӣ, ороиш ва оҳангсозӣ;**

**- Маҳфилҳои варзишӣ ва бозиҳои гурӯҳӣ-футбол, шоҳмот, бандкашӣ, ҳаракатҳои ритмӣ ва бозиҳои тақвиятбахши руҳӣ ва ҷисмонӣ;**

**- Маҳфилҳои театрӣ ва синамоӣ-таҳияи саҳнаҳо, офаридани нақшҳо, суханронӣ.**

Иштирокдорон бар асоси завқу қобилият ба таври ихтиёрӣ ба маҳфилҳо шомил мешаванд. Омӯзиш тавассути усулҳои замонавии педагогӣ, таваҷҷуҳи инфиродӣ ба кӯдак ва дар фазои дӯстона сурат мегирад. Ҳадафи асосии лагери «Рангинкамон» таъмини муҳитест, ки дар он кӯдакон на танҳо истироҳат мекунанд, балки:

**-тарзи дурусти муошират ва ҳамкориро меомӯзанд,**

**-биниши илмӣ ва маърифатиро такмил медиҳанд,**

**-худшиносии миллиро тақвият мебахшанд,**

**-дарсҳои ҳаётиро бо шаклҳои амалӣ фаро мегиранд.**

Лагер ҳамчун як майдони озод ва тарбиятии ғайрирасмию эҷодӣ муҳити комил барои инкишофи шахсияти кӯдак ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, дар моҳи август бо ибтикори роҳбарияти марказ ва дастгирии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ лагери беруназзшаҳрии махсус барои 200 хонандаи фаъол ва узви Созмони хонандагони ба номи Исмоили Сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Лагери беруназзшаҳрӣ чунин хусусиятҳои фарқкунанда дорад:

**-Барномаҳои тарбиявӣ-фароғатӣ;**

**-Барномаҳои фарҳангӣ: шеъру суруд, саҳнаҳои ватандӯстӣ, вохӯриҳо бо шахсиятҳои шинохта;**

**-Озмуну бозиҳои интерактивӣ ва чорабиниҳои гуногун;**

**-Риояи меъёрҳои санитарӣ, амниятӣ ва ғизои солим.**

Ин лагер ба кӯдакону наврасон на танҳо истироҳати хуш, балки як таҷрибаи беназир ва хотирмонро пешкаш мекунад. Бояд қайд кард, ки лагери истироҳативу омӯзишии «Рангинкамон» аз ҷумлаи ташаббусҳои Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» маҳсуб ёфта, бо ҳамгироии омӯзиш, истироҳат, фарҳанг ва тарбият барои рушду инкишофи фарогири кӯдакону наврасон шароити заруриро муҳайё менамояд...



Аз суҳбат бо масъулон муайян гардид, ки истироҳати бофароғати бачаҳо дар миқёси кишвар бо маром ва пурсамару муфид идома дошта, то имрӯз теъдоди зиёди кӯдакону наврасон ба таълиму тарбия дар истироҳатгоҳҳои кишвар фаро гирифта шудаанд, зеро истироҳатгоҳҳои солимгардонӣ аз муассисаҳое ба шумор мераванд, ки бевосита ба тарбияи ахлоқӣ, фаъолияти эҷодӣ, кафолати бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдакон сару кор доранд. Дар истироҳатгоҳҳо шаклҳои гуногуни фаъолият, аз ҷумла, фаъолияти маърифатӣ, бадеӣ, варзишӣ-солимгардонӣ ва фароғатӣ амалӣ мегарданд ва ин имкон медиҳад, ки кӯдакону наврасон худро дар тамоми самтҳои онҳо санҷида, натиҷаҳои бадастомадаро муқоиса карда, афзалиятнокашро интихоб намоянд.

Истироҳатгоҳҳои кӯдакона на танҳо ҷойи фароғату бозӣ, балки макони тарбияи шахсият, барқароркунии саломатӣ ва рушди қобилиятҳои эҷодии насли наврас ба ҳисоб мераванд. Чунин муассисаҳо имкон фароҳам меоранд, ки кӯдакону наврасон дар муҳити солим аз ҳавои тозаи табиат, ғизои солиму аз ҷиҳати экологӣ муфид ва барномаҳои шавқовари адабию фарҳангӣ ва варзишӣ баҳраманд шаванд. Истироҳатгоҳ муҳити бехатар ва назоратшаванда буда, волидон метавонанд, бо хотири ҷамъ фарзандони худро ба онҷо бифиристанд.

**Ҳусайн МАҲМУДЗОДА,**
**сармутахассиси Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# УФУҚҲОИ НАВ ДАР ТАЪЛИФИ КИТОБҲОИ ДАРСИИ МАКТАБӢ

Соҳаи маориф дар замони муосир ба зарурати бознигарии маводди таълимӣ, бахусус, китобҳои дарсӣ ҳамчун воситаи асосии дидактикӣ мувоҷеҳ шудааст. Дар шароити дигаргуниҳои босуръати иҷтимоӣ-фарҳангӣ, рақамикунонӣ ва афзоиши фишорҳои равонӣ ба хонандагон, зарурати эҷоди китобҳои дарсии насли нав афзудааст. Чунин китобҳо бояд на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки воситаҳои аз лиҳози психологию педагогӣ мутобиқшуда барои ташаккули салоҳиятнокӣ, тафаккури интиқодӣ ва хусусиятҳои шахсии хонандагон бошанд. Ҳадаф аз иншои ин мақола равшан кардани самтҳои асосии рушди китобҳои дарсии муосир бо дарназардошти психология, педагогика ва дидактика буда, дар он ба таҳлили намунаҳои муваффақ аз таҷрибаи кишварҳои гуногун мепардозем.

**Психологияи дарк ва ҳавасмандгардонӣ**

Тадқиқоти муосир аҳаммияти ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии хонандагонро дар таҳияи китобҳои дарсӣ таъкид мекунанд. Тибқи назарияи файласуф ва равоншиноси швейтсарӣ Жан Пиаже (1896-1980) таълим бояд ба сатҳи инкишофи маърифатии кӯдак мутобиқ бошад. Масалан, хонандаи синфҳои ибтидоӣ донишро дар шакли тасвирҳои возеҳ ва сохторҳои мантиқии сода беҳтар мефаҳмад, дар ҳоле ки наврас ба муколама, баҳс ва натиҷагириҳои мустақил ниёз дорад.

Дар китобҳои дарсии мактабҳои Ҷопон, масалан, усули “kikan jugyō” (дарсҳои кушод) ба таври фаъол истифода мешавад, ки маводди таълимиро дар шакли ҳолатҳои мушкилсоз пешниҳод мекунад. Хонандагон ба муҳокима ҷалб мешаванд, ки ин ҳавасмандии дохилиро фаъол карда, фаҳмиши амиқи мавзуъро таъмин мекунад. Масалан, китобҳои математикаи нашриёти “Tokyo Shoseki” мисолҳоеро пешниҳод мекунанд, ки на танҳо ҳалли масъала, балки фаҳмидани мантиқи амалро талаб мекунанд. Ин усул ба тақвияти қобилиятҳои метакогнитивӣ (фарошинохтӣ) мусоидат мекунад.

**Педагогика ҳамчун равиши шахсиятгаро**

Парадигмаҳои педагогии асри XXI натанҳо ба азбаркунии маълумоти фаннӣ, балки ба рушди шахсияти хонанда диққати бештар медиҳанд. Аз ин рӯ, китоб набояд як дастур, балки воситаи ҳамроҳии педагогӣ бошад. Масалан, дар мактабҳои Сингапур роҳбурди “Teach Less, Learn More” (камтар омӯзон, бештар омӯз) амал мекунад, ки тибқи он китобҳо корҳои мустақил, гурӯҳӣ, таҳқиқотӣ ва лоиҳавиро ривоҷ медиҳанд. Дар китобҳои фанҳои табиии кишвари Сингапур унсурҳои бозӣ, мисолҳои илмӣ ва супоришҳои миёнриштаӣ (байнифаннӣ) мавҷуданд.

Дар таҷрибаи Русия низ тағйироти назаррас ба равиши шахсиятгаро мушоҳида мешавад. Масалан, силсилаи китобҳои дарсии “Линия жизни” оид ба биология (зери назари В. В. Пасечник) таҷрибаҳои лабораторӣ, масъалаҳои биологӣ бо такя ба мантиқ ва саволҳои ахлоқию экологиро дар бар мегиранд.

**Зарурати сохтори мантиқӣ ва модулнокии китобҳо**

Аз нуқтаи назари дидактикӣ, китоб бояд як низоми методии тарҳрезишуда бошад, ки азхудкунии мавод ва рушди мустақилияти таълимиро дастгирӣ мекунад. Принсипҳои муосири дидактика ба монанди модулнокӣ, гуногунӣ, фарққунии сатҳӣ ва мутобиқшавӣ ба вазъиятҳои гуногуни таълимӣ шомиланд.

Дар Чин аз соли 2012 ислоҳоти китобҳои дарсӣ бо такя ба равиши салоҳиятнокӣ амалӣ мешавад. Китобҳои нави дарсӣ, ки таҳти назорати Вазорати маорифи Чин таҳия мешаванд, модулҳои мавзуиеро дар бар мегиранд, ки ба масъалаҳои рушди устувор, саводи рақамӣ ва масъулияти иҷтимоӣ бахшида шудаанд. Масалан, дар китобҳои забони хитоӣ барои мактабҳои миёна матнҳо оид ба мушкилоти глобалӣ ва супоришҳое пешниҳод мешаванд, ки ба ташаккули нутқи далелнок равона шудаанд.

Дар кишварҳои ғарбӣ, ба мисли Олмон, китобҳои дарсӣ бо дарназардошти стандартҳои федералии таълим таҳия шуда, аксар вақт бо платформаҳои рақамӣ ҳамроҳ мешаванд. Метавон силсилаи китобҳои таърихии "Geschichte und Geschehen" (Таърих ва рӯйдодҳо)-ро мисол овард, ки диққати асосиро ба супоришҳои таҳлилӣ равона кардаанд ва ҷиҳати инкишофи донишҳои таърихии хонандагон усули кор бо сарчашмаҳоро дар худ ҷой додаанд.

**Ҳамоҳангсозии китобҳои дарсӣ бо технологияҳои рақамӣ**

Зикри ин нукта бамаврид аст, ки китоби дарсии муосир танҳо як маводди чопӣ нест, балки маҷмуаи мултимедиявӣ мебошад. Аммо бояд дар хотир дошт, ки заминаи рақамикунонии китобҳои дарсӣ бояд ҷанбаҳои педагогӣ асоснок бошанд, то тавозуни равониву эҳсосии хонандагон халалдор нашавад. Тавре ки педагог ва равоншиноси рус А. А. Вербитский (1941-2020) таъкид мекунад, муҳити рақамӣ бояд фаъолияти кӯшои маърифатиро ташвиқ кунад, на ин ки онро тағйир диҳад.

Дар Русия, лоиҳаи “Мактаби электронии Русия” (РЭШ) имкони истифодаи китобҳои рақамӣ, дарсҳои видеоӣ ва тамриндиҳандаҳоро фароҳам овардааст. Бо вуҷуди ин, самаранокии чунин захираҳо аз сатҳи коркарди методӣ ва пайванди онҳо бо китобҳои чопӣ вобаста аст. Намунаи муваффақ дар ин самт, муттаҳидсозии мухтавои рақамӣ дар китобҳои нашриёти “Просвещение” мебошад, ки дар онҳо QR-кодҳо ба супоришҳои иловагӣ, видео ва маводди аудиоӣ мебаранд.

**Таҷрибаҳои Тоҷикистон дар самти таҳияи китобҳои насли нав**

Ҷиҳати бо дарназардошти ғояҳои давлатдории миллӣ таҳия намудани китобҳои дарсӣ ва ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй гардонидани мазмуну мундариҷаи онҳо давоми чанд соли охир аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои мушаххас андешида мешавад.

Дар ҷаҳони имрӯза муносибат ба таълим тағйир ёфта, шеваҳои нави таҳсил ҷорӣ гардидааст. Принсипи муносибати босалоҳият ба таълим аз намунаи таҳаввулоти назаррас дар самти ислоҳоти соҳаи маориф аст, ки вазорат чандест пайи татбиқи он иқдом гирифтааст. Дар амалисозии он Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илм бо таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ саҳми бориз дорад.

Як ҷиҳати фарққунандаи китобҳои дарсии насли нав он аст, ки дар баробари китоби дарсӣ дафтари хонанда ва роҳнамои омӯзгор низ дар якҷоягӣ таҳия мешавад, ки ин мавод дар ҷараёни омӯзиш раванди дарсро пурра мекунанд.

Давоми се соли охир ҷиҳати таҳияи китобҳои дарсии насли нав чунин корҳо анҷом дода шуданд:

- **таҳияи стандартҳо, барномаҳои таълимӣ ва нашри китобҳои дарсии фанҳои забони тоҷикӣ, хониши адабӣ ва математика барои синфҳои 1-4;**
- **таҳияи стандартҳо, барномаҳои таълимӣ ва нашри китобҳои дарсии фанҳои забони тоҷикӣ ва математика барои синфи 5;**
- **бори нахуст дар таҷрибаи таҳияи китобҳои дарсӣ озмоиш (пилот)-и ин китобҳо дар доираи 80 дарсади муассисаҳои таҳсилоти умумӣ гузаронида шуд;**
- **таҳияи стандарт, барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсии насли нав аз фанни забони англисӣ барои синфҳои 10-11;**
- **таҳияи китобҳои дарсӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимашон бо забони русӣ.**

Айни ҳол Вазорати маориф ва илм бо дастгирии шарикони рушд дар доираи Лоиҳаи “Илм, технология, муҳандисӣ ва математика” (STEM) китобҳои дарсиро бо дарназардошти талаботи замон ва навигариҳои соҳаи маориф таҳия менамояд. Дар доираи ин лоиҳа таълифи китобҳои дарсии фанҳои физика, биология барои синфҳои 7-11-ум ва химия барои синфҳои 8-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷараён дорад.

Бознигарии консепсияи китоби дарсии мактабӣ як равиши мукаммалро талаб мекунад, ки хусусиятҳои психологӣ, ҳадафҳои педагогӣ ва сохтори дидактикии пешниҳоди мавводро муттаҳид месозад. Китоби муваффақи дарсии асри XXI ин натиҷаи ҳамкории муаллифон, омӯзгорон, равоншиносон, методистон ва тарроҳони соҳаи маориф мебошад. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки кишварҳое натиҷаҳои беҳтар ба даст меоранд, ки китобро ҳамчун ҷузъи муҳити таҳсилоти фарогир ва экосистемаи таълимӣ мешуморанд. Тоҷикистон дар ин самт гомҳои устувор мегузорад ва мисолҳои хубе мавҷуданд, ки зарфияти болои педагогикаи миллиро тасдиқ мекунанд.

**Мусоҳиб,**
**Сайфиддин МУРОДОВ,**
**“Маърифати омӯзгор”**



# КӮДАК АГАР ДАР СИМОИ ВОЛИДОН ДӮСТИ ХУДРО БИЁБАД...

***Мусоҳиба бо равоншиноси муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Манижа Раҷабова***



**- Муаллимаи азиз! Пеш аз ҳама, барои пазируфтани даъвати мо ба шумо изҳори сипос менамоем ва мехостем, перомуни кори илмиатон, ки бевосита дар мавзуи муносибатҳои оилавӣ аст, суханро оғоз намоем.**

- Ташаккур! Банда дар мавзуи «Таҳқиқи муносибатҳои мутобиқати психологии ҳамсарони ҷавон ва қаноатмандӣ аз никоҳ» соли дуюм аст, ки кори илмӣ-тадқиқотӣ бурда истодаам ва дар арафаи ҳимоя низ қарор дорад. Чанде пеш як мақолаи илмиямро дар асоси хулосагирӣ аз тадқиқотам рӯйи чоп овардам. Муҳтавои асосии мақола фарогири он буд, ки кадом омилҳо боис мегарданд, ки зану шавҳари ҷавон ба ҳамдигар мутобиқ ва аз ҳамдигар қаноатманд мешаванд. Мо дар тадқиқот бо 90 оилаи ҷавон суҳбатҳо гузаронида, онҳоро ба се категория ҷудо кардем. Якум, оилаҳои ҷавоне, ки таҳсил мекунанд (30 оила). Дуюм, оилаҳое ҷавоне, ки кор мекунанд (30 оила) ва сеюм, оилаҳои ҷавоне, ки бонувон хонашин ҳастанд (30 оила). Дар натиҷаи тадқиқот муайян кардем, ки оилаҳои ҷавоне, ки кор мекунанд, дар қаноатмандӣ аз никоҳ дар зинаи аввал қарор доранд ва оилаҳои ҷавоне, ки дар онҳо бонуи хонадон хонашин аст, дар ҷойи дуюм ва мутаассифона, оилаҳои ҷавони донишҷӯ дар зинаи сеюм қарор гирифтанд. Яъне, дар байни оилаҳои ҷавони донишҷӯ қаноатмандӣ аз никоҳ кам ба чашм мерасад ва мо дар тадқиқоти худ чанд сабаби асосии онро

муайян кардем. Яке аз сабабҳои меҳварӣ, дар баробари ба таҳсил машғул шудан, ҳамзамон, иҷрои корҳои хона аст, ки асосан, ба онҳо занҳо машғуланд. Бонуи хонавода бояд барои шавҳар низ вақт ҷудо кунад. Аз ин хотир, қаноатмандӣ аз никоҳ дар байни ҷавондухтарон ё ҷавонписарони донишҷӯ камтар дида шуд.

**- Тавре мо медонем, илми равоншиносӣ, навбаста аз синну сол, барои қавӣ шудани руҳу равони инсон дар ҳама давру замон муҳим аст. Мехостем, дар хусуси кор бо кӯдакону наврасон, ки масъулияти баланду муносибати касбиро талаб мекунад, каме маълумот медодед.**

- Кор бо кӯдакону наврасон дар ҳақиқат, душвор аст. Вале равоншиноси мактаб натанҳо бо кӯдаку наврас, балки бо тамоми субъектҳои раванди таълим кор мекунад. Мақсади асосии равоншиноси мактаб аз он иборат аст, ки дар байни омӯзгорону хонандагон як муҳити хубу фазои муносибу дӯстонаро фароҳам биёрад. Яъне, дар ҳар мушкилии маънавие, ки ба раванди таълим монеа мешавад, пеш аз ҳама, бояд равоншиноси мактаб бо тарафҳо суҳбат ороста, барои ҳарчи зудтар бартараф кардани он масъала талош намуда, саҳм гузорад.

Вақте ки донишҷӯ будам ва дар баробари дарс корро шурӯъ кардам, муроҷиати хонандагон ба равоншиноси мактаб хеле кам буд. Намедонистанд, ки равоншинос кист, чӣ рисолат дорад? Ё чунин суол мекарданд: “Барои чӣ ман назди равоншинос равам?” Бо вуҷуди ин ман корамро идома медодам ва кӯшиш мекардам, бо ҳар роҳу восита, натанҳо ба хонандагон, балки ба волидайни онҳо ва омӯзгорон мефаҳмондам, ки дар дилхоҳ мушкилӣ онҳо метавонанд, ба равоншинос муроҷиат кунанд. Корҳои фаҳмондадиҳиро бештар намуда, суҳбатро бо хонандагон дучанд кардам ва дар ҷаласаҳои омӯзгорон ва маҷлисҳои падару модарон бо машваратҳои равонӣ маърӯзаҳо мехондам. Ҳамин тавр, то ҷое муваффақ гаштам, ки боварии хонандагон, омӯзгорон ва волидонро нисбат ба пешаи равоншиносӣ ва равоншинос афзун намоям. Айни замон хонандагон, падару модарон ва ҳатто, омӯзгорон бо ман тамос гирифта, оид ба масъалаҳояшон муроҷиат карда, машварат мегиранд.

**- Ҳамчун мутахассиси соҳа дар бораи “буллинг”-и мактабӣ чӣ гуфта метавонед ва дар ин масъала бо хонандагон чӣ гуна корбарӣ мекунед?**

- Пеш аз он, ки дар бораи “буллинг”-и мактабӣ агар сухан гӯем, нахуст, мо бояд донем, ки худи вожаи “буллинг” чист. Он истилоҳи англисии “bull” буда, ба русӣ “бык”, ба тоҷикӣ “барзагов” ё “варзгов” мебошад. Яъне, агар ба шарҳи илмии истилоҳи “буллинг” назар афканем, ин зӯроварӣ ё таҳқир кардани як нафар нафари дигарро мебояд, ки амали барқасдона ва такрорист. Ҳадафи он расонидани зарба ё нороҳатии равонӣ ба шахси дигар мебошад ва аксар вақт бо истифода аз номутавозунии қудрат сурат мегирад.

Яке аз шохаҳои “буллинг” ин “кибербуллинг” мебошад, ки тавассути шабакаҳои интернетӣ ба амал меояд. Яъне, вақте ки наврас дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо нафаре ҳамсуҳбат мешавад, кор то ҷое мерасад, ки аз ҷониби муқобил нисбат ба шахсияти худ беэҳтиромиро дида, худро таҳқиршуда меҳисобад, ки ин албатта, ба равони кӯдак таъсири манфӣ мерасонад. Масалан, як ҷавондухтар бо ҷавонписар дар шабакаҳои иҷтимоӣ суҳбат карда, ба ҳамдигар бовар мекунанд, вале пас аз чанд муддат тарафе ба таҳдид мегузарад.

Мавқеи равоншинос дар чунин масъалаҳо, пеш аз ҳама, ин муайян кардани сабабҳои даст задани наврасону ҷавонон ба кибербуллинг мебошад. Ҳеҷ кас бесабаб ба зӯроварӣ, таҳқиру таҳдид намегузарад.

Аз рӯйи мушоҳидаҳои худам чунин баҳогузорӣ мекунам, ки буллинги мактабӣ сабабу омилҳои худро дошта, пеш аз ҳама, аз оила сар мезанад. Дар ин росто, равоншиноси мактаб бояд бо роҳбари синф ва волидайни чунин хонандагон суҳбатҳои алоҳида баргузор карда, машваратҳои психологӣ дода, рафторҳои номатлуби бачаи зӯроварро пешгирӣ кунад.

**- Назари шуморо ҳамчун равоншиноси мактаб оид ба матбуоти даврӣ мехостем бишнавем. Равоншинос чӣ муносибат бо ВАО дошта метавонад?**

- Матбуоти даврӣ яке аз василаҳои асосии расонидани хабар, ташаккули афкори умум ва фарҳангсозии ҷомеа ба ҳисоб рафта, ба назари ман воситаи муҳимми паҳн кардани иттилооти зарурӣ мебошад. Инчунин, он дар баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолии кишварамон аҳаммияти хос дорад. Матбуоти даврӣ, масалан, маҷаллаҳои соҳаи маориф дар мисоли **“Маърифати омӯзгор”** метавонад дар таълиму тарбия нақши арзандаву бориз дошта бошад. Дар ин маҷалла, ки пайваста ман мутолиа мекунам, дар мавзуъҳои равоншиносӣ, таъриху ҳуқуқ, илмҳои дақиқ ва умуман, дар бораи таълиму тарбия ва маърифатнокӣ маводди судманд ба нашр мерасад.

Дар муносибат бо ВАО гуфтан бамаврид аст, ки муносибати равоншинос бо ВАО бояд фаъол, касбӣ ва роҳнамо бошад, то ки ҳам матбуот самти солим гирад ва ҳам ҷомеа аз таъсири манфии ахбор эмин монад. Инчунин, равоншинос метавонад ба ҳайси як коршинос дар барномаҳои телевизионӣ, радиоӣ ширкат карда, ба руҳия ва рафтори инсон таъсири нек расонад. Масалан, пас аз як рӯйдоди ташвишовар: бахс, ҷанг, садама ва офати табиӣ, равоншинос метавонад тавсияҳо оид ба дастгирии равонӣ диҳад.

**- Кор бо хонандагон, махсусан, бо хонандагони душвортарбия то чӣ андоза душвор аст? Метавонед дар ин бора мисолҳои мушаххас биоред?**

- Аз овони хурдсолӣ кӯдакон ба остонаи мактаб қадам гузошта, 11 соли умри худро дар ҳамин даргоҳи муқаддас паси сар мекунанд. Онҳо ҳангоми таҳсил дар синфи як давраи мутобиқшавиро аз сар мегузаронанд. Вале на ҳамаи бачаҳо метавонанд зуд ба мактаб одат кунанд. Сипас, давраи наврасӣ шуруъ мешавад, ки дар ин айём хислатҳояшон тамоман тағйир меёбад. Раванди инкишофи равонӣ, ҷисмонӣ ва иҷтимоишавӣ оғоз мешавад. Ана, дар ҳамин давраи синнусоли гузариш ҳатман ёрии равоншиноси мактаб зарур аст. Бояд гуфт, ки наврасон худашон мустақилона ба равоншинос мурочиат намекунанд. Онҳоро роҳбари синф ё яке аз волидон ба машварати равоншиноси мактаб меоранд. Бо вуҷуди ин, машварати равоншинос дар мактаб маҷбурӣ нест ва мо бо чунин хонандагони душвортарбия, пеш аз ҳама, кори фаҳмондадиҳӣ гузаронда, бо розигии худи онҳо барояшон ёрии равонӣ мерасонем. Як нуктаи муҳимро ҳам гуфтан бамаврид аст, ки ин ҳамкорӣ накардани худи падару модарони хонандагони душвортарбия бо равоншиноси мактаб мебошад. Яъне, равоншиноси мактаб сабабҳои даст задани наврас ба ин ё он амалро муайян мекунад ва барои бартарафсозии он ёрии волидон ҳатмист, вале дар аксар маврид онҳо бетарафиро интихоб мекунанд, ки дар охир кор бар зарари худашон анҷом меёбад.

**- Тавре медонем, самти асосии фаъолияти мактаб таълиму тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва омода кардани хонандагони бомаърифат, зираку доно мебошад. Мегуфтед, ки заминаҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ оё ба ҳолати руҳиву равонии хонанда таъсир мерасонад?**

- Албатта, заминаҳои моддию техникӣ ва фарҳангию маънавӣ ба руҳияи хонандагон ва раванди илмомӯзии онҳо таъсири амиқ мерасонад. Зеро ҷаҳони муосир ҷаҳони иттилоот аст ва ҳар як хонанда ба иттилооти ҷаҳонӣ дастрасӣ дорад, пас, ҳамқадами замон будан як шарти аслии тарбияи равонӣ мебошад. Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №56-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, ки ман дар он кор мекунам, яке аз мактабҳои пешқадам дар пойтахт ба ҳисоб рафта, хонандагони мо дар тамоми озмунҳои ватанию байналмилалӣ фаъолона иштирок мекунанд. Муассиса бо таҷҳизоти технологияҳои иттилоотии замони муосир таъмин буда, синфхонаҳои барҳавои фанниро дорост. Барои равоншиноси мактаб низ утоқи алоҳида пешбинӣ шудааст. Зеро кори равоншинос хусусиятҳои махфият ё

маҳрамият дорад. Мо дар утоқи алоҳида бо хонандагон, омӯзгорон ва волидон суҳбатҳо мегузаронем. Яъне, вақте донишомӯз руҳияи солим дорад, метавонад, ҳамчун як мутахассиси шоиста тарбия шавад, ки барои миллат ва Ватан хидмати сазовору содиқона кунад.

**- Дар самти кор бо омӯзгорон ва волидони хонандагон чӣ корҳоро ба роҳ мондаву кадом муваффақиятҳоро ноил гаштаед?**

- Бо хушҳолӣ иброз медорам, ки дар давоми сол дар ҷаласаҳои Шурои омӯзгорон бо мавзуъҳои мухталифи равоншиносӣ баромад мекунам. Дар давраҳои таътил, яъне, анҷоми ҳар як чоряк, дар мавзуъҳои гуногун, аз ҷумла, “Психология чиро меомӯзад?” “Психолог кист?” “Маҳоратҳои педагогӣ”, “Таҳамулпазирӣ”, “Зӯроварӣ нисбати кӯдак” ва амсоли инҳо барои омӯзгорон, махсусан, омӯзгорони ҷавоне, ки дар муносибату муошират ва таълиму тарбияи хонандагони синфҳои болоӣ душворӣ мекашанд, семинару тренингҳо, нишасту ҳамоиш ва машваратҳо мегузаронам. То ҳадди имкон дар маҷлиси падару модарон ширкат варзида, дар масъалаву мавзуъҳои мухталиф бо онҳо суҳбат мекунам, ки заминаи ҳамкориро фароҳам меорад.

**- Нақши равоншиноси мактабро дар ҳаёти наврасону ҷавонон, волидон ва омӯзгорон чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

- Нақши равоншиноси мактаб дар ҳаёту фаъолияти наврасону ҷавонон, волидон ва омӯзгорон бисёр муҳим аст. Ӯ дар ташаккули муҳити солим дар муассисаи таълимӣ ва рушди шахсияти хонандагон нақши калидӣ мебозад. Масалан, равоншинос ба хонанда дар шинохти шахсияти худ ва ба худ эътимод пайдо кардан, ёрӣ мерасонад. Дар мубориза бо изтироб (стресс) ҳангоми ҷамъбасти чоряк, имтиҳонҳо, мушкилии хонаводагӣ равоншинос раҳнамоии касбӣ карда метавонад. Инчунин, дар рафтор ва муносибати байни наврасон равоншинос роҳҳои муносибати мусбат доштанро ба онҳо меомӯзонад. Дар баробари дигар омӯзгорону устодон, равоншинос низ тавассути тесту суҳбатҳо метавонад шавқу завқи хонандагонро муайян кунад ва дар интихоби касбашон роҳнамои беғараз бошад.

Аз таҷриба дидаем, ки аксар вақт волидон намедонанд, бо мушкилии равонии фарзанд чӣ тавр рафтор кунанд ва рӯ меоранд ба равоншиноси мактаб ва мо то ҷое ба онҳо ёрӣ мерасонем. Чӣ тавр? Масалан, як усули одии маъмул, ба падару модарон роҳҳои дурусти муошират бо кӯдакону наврасонро меомӯзонем, то муносибат, фаҳмиш ва эътимоду боварии байни онҳо беш аз пеш афзун гардад. Масалан, дар ҳалли низоъҳо ва мунокишаҳои хонаводагӣ дар аксар давлатҳои Аврупо, пеш аз ҳама, зану шавҳар ба равоншинос муроҷиат мекунанд. Мутаассифона, ин амал дар мо имрӯзҳо кам дида мешавад.

Тавре зикр кардем, бо омӯзгорон мунтазам семинару тренингҳо дар мавзуъҳои мухталиф аз ҷумла, идоракунии стресс, эҳтиром ба андешаи хонанда, ҷилавгирӣ аз зӯроварӣ баргузор карда, дар баланд бардоштани фарҳанги равоншиносии онҳо то андозае мусоидат мекунем. Умуман, дар нофаҳмиҳои байни хонандагон, ё омӯзгор бо хонанда равоншинос метавонад бо омӯзгорону хонандагон ҳамкорӣ дошта, роҳи дурусти ҳалли муамморо пешниҳод кунад.

**- Дар фарҷоми суҳбат ба ҳамаи падару модарон ҳамчун мутахассис-равоншинос чӣ машварат медиҳед?**

- Пеш аз ҳама, маслиҳат медиҳам, ки хусусиятҳои синнусолии фарзанди худро ба назар гирифта, дар хонавода барои ӯ як муҳити солиму дӯстона фароҳам оранд. Яъне, фарзанд ба падару модари худ бояд эътимод дошта бошад. Дар навбати худ, волидон барои кӯдак бояд такягоҳи асосӣ шуда, бо ӯ ҳамфикру ҳамандеша ва ташаббусҳои ҷигарбанди хешро тарафдор бошанд. Бо фарзанд ҳамчун як дӯсти бовафову содиқ муносибат намоянд. Таъкид мекунам, ки агар кӯдак дар хонавода дар симои волидон ё аҳли оила дӯсти худро наёбад, ҳатман ӯро аз кӯча, бо дӯстони "кӯчагӣ" меёбед.

**- Ташаккур барои суҳбати пурмуҳтаво.**

- Сарфароз бошед.

**Шаҳло БОБОЕВА,**
**мураббии кӯдакистони №82,**
**ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе**



# МАШҒУЛИЯТИ ШАВҚОВАР ДАР МАВЗУИ «ОБ - МАНБАИ ҲАЁТ»



Об асоси зиндагии инсон ва нерубахши табиат мебошад. Ташаккули ҷаҳонбинӣ дар самти шинохти об ва расидан ба қадру манзалати он ҷанбаи маърифатӣ, ахлоқӣ ва эътиқодӣ дошта, омӯзишҳо дар шинохти об ва манзалати он аз зинаҳои ибтидоии таълим сарчашма мегиранд. Дар ин нигошта, ман ҳамчун мутахассиси соҳаи томактабӣ, намунаи машғулиятеро барои гурӯҳҳои томактабӣ пешниҳод менамоям ва умедворам, ки барои мураббиҳои кӯдакистонҳои ҷумҳурӣ роҳнамои хубе мешавад.

**Мақсад:**

Ташаккули дониши кӯдакон дар бораи хосиятҳои об ва аҳаммияти он барои мавҷудоти зинда.

**Вазифаҳо:**

- маълумот дар бораи ашёи вазнине, ки дар об ғарқ мешаванд ва ашёҳои сабуке, ки дар об шино мекунанд;
- дар кӯдакон инкишоф додани кунҷковӣ, маҳорати тахминкунӣ ва санҷиши он;
- тарбияи муносибати мусбат бо об.

**Мавод ва таҷҳизот:**

Мусиқии халқии «Навои шаршара», интихоби расму мусаввараҳо доир ба мавзуи «Об - манбаи ҳаёт», истаканчаҳои шаффоф барои ҳар як кӯдаки гурӯҳ, ду найча барои қаҳва, ашё барои бозӣ: гӯйи (шайба) фулузин, сарпӯш, санг, сарпӯши пластикӣ, пенопласт, ду тағора бо оби хунук ва гарм, тасвири «қатра» барои рангкунӣ барои ҳар кӯдак.

**Рафти машғулият:**

Мусиқии «Навои шаршара» садо медиҳад.

**Мураббӣ:** - Бачаҳо, мешунавед? Ин наво шилдироси ҷиро ба ёд меорад?

Бачаҳо тахминҳои худро мегӯянд.

**Мураббӣ:** - Бале, ин шилдироси об аст. Оё шумо медонед, ки об барои чӣ зарур аст?

Бачаҳо тахминҳои худро мегӯянд.

**Мураббӣ:** - Одам обро истифода мебарад. Дастурӯй мешӯяд, менӯшад, бо он хӯрок мепазад, табақу коса мешӯяд, фарши хонаро тоза мекунад, либос мешӯяд, оббозӣ мекунад. Бе об алафу гулҳо хушк мешаванд. Об барои ҳайвону паррандаҳо низ хеле зарур аст. Ҳикоя бо истифодаи воситаҳои аёнӣ (расму тасвирҳо) пурра карда мешавад.

Барои мавзуи обро беҳтару хубтар ба бачаҳо омӯзондан шеърхонӣ, қироати шеър дар бораи об мувофиқи мақсад аст. Ин ҷо чанд намунаеро аз ашъори бачагонаи шоири номвар Аминҷон Шукӯҳӣ барои шумо - ҳамкорони гиромӣ пешкаш мекунам, то ҳангоми машғулиятҳо аз онҳо истифода баред ва шавқу завқи бачаҳоро ба мавзуи об бедор намоед.

**Мураббӣ:** - Бачаҳо, ба давра гирд шуда, ҷамъ шавед. Биёед, якҷоя барои чӣ лозим будани об ва аз куҷо омадани онро мефаҳмем.

Бачаҳо дар давра гирд меистанд ва шеърҳои зеринро якҷоя мехонанд:

**Аз кӯҳи Анзоб**
**Дарёи Варзоб**
**Сӯи Душанбе**
**Мекунад шитоб.**

**Даҳҳо шаршара**
**Аз ҳар як дара**
**Сӯяш медаванд**
**Чун оҳубарра.**

**Дарёи Варзоб**
**То шавад сероб**
**Чашмаҳои шӯх**
**Намекунанд хоб**

***

**Давидему давидем,**
**Ба ҷӯи нав расидем.**

**Ҷӯи нава обаш не,**
**Ниҳолчая тобаш не…**

**Пагоҳ аз нав давидем,**
**Ба ҷӯи нав расидем.**

**Ҷӯи нава обаш пур,**
**Хоҳӣ агар як каф хӯр…**

**Аз кӯҳистон меояд,**
**Ғелон-ғелон меояд…**

Ҳамчунин, ба бачаҳо мефаҳмонем, ки яке аз роҳҳои пайдо шудани об дар рӯи замин борон аст. Дар ин бора низ метавонем, чанд шеърро дар бораи пайдоиши борон аз шоир Аминҷон Шукӯҳӣ қироат кунем:

**Абр омаду абр омад,**
**Ғурранда чу бабр омад.**

**Дар соати нӯҳ омад,**
**Аз ҷониби кӯҳ омад.**

**Дар болои шаҳр омад.**
**Якбора ба қаҳр омад**

***

**Боронаки сим-симак,**
**Боронаки чим-чимак.**

**Як рӯзи тамом омад,**
**То омади шом омад.**

**Ҳар чангу ғубор аз он**
**Бар хок бишуд яксон.**

**Дар боғу хиёбонҳо,**
**Дар кӯчаву майдонҳо.**

**Ҳар сабзаву шохи гул**
**Шустанд руху кокул.**

**Пӯшида либоси нав,**
**Густурда палоси нав.**

**Бо табъи хӯшу хандон**
**Гаштанд ҳама рақсон…**

**Бар бод савор омад,**
**Борони баҳор омад.**

**Мураббӣ:** - Бачаҳо, обро мебинему дар бораш нақл мекунем, ки он чӣ хел аст. Барои ин ба паси миз мешинем.

Бачаҳо дар паси миз мешинанд. Дар рӯйи миз барои ҳар як кӯдак зарфҳои шаффофи обдор истодааст.

**Мураббӣ:** - Дар пеши ҳар кадоми шумо зарфи обдор аст. Обашро бӯй кашед, бӯй дорад?

**Бачаҳо:** - Не, об бӯй надорад!

**Мураббӣ:** - Ранги об чӣ хел аст?

Бачаҳо тахмин мекунанд...

Мураббӣ дар як зарф шир ва дар зарфи дигар об дорад. Ба зарфҳо найчаҳо андохта шудаанд.

**Мураббӣ:** - Ба зарфи ширдор нигаред. Ранги шир чӣ хел аст?

**Бачаҳо:** - Ранги шир сафед аст.

**Мураббӣ**: - Оре, ранги шир сафед аст. Ба фикри шумо, агар найчаро ба зарфи ширдор гузорем, найча намудор мешавад?

Бачаҳо тахмин мекунанд...

**Мураббӣ:** - Ана, бинед, ман найчаро ба зарфи ширдор андохтам, ки он намудор нест, зеро шир сафед аст.

Акнун найчаро ба зарфи обдор мегузорем.

**Мураббӣ:** Найча намудор аст?

Бачаҳо тахмин мекунанд...

**Мураббӣ:** - Об ранг надорад ва найча дар он намудор шуд. Пас, хулоса мекунем, ки об беранг будааст.

Мураббӣ дар рӯйи миз ду тағора (бо оби хунук ва бо оби гарм) мегузорад. Ба бачаҳо мегӯяд:

- Зарфҳои худро гирифта, обҳояшро ба тағораҳо резед.

Бачаҳо бо ёрии мураббӣ хулоса мебароранд, ки об рехта мешавад.

**Мураббӣ:** - Обро дар тағораҳо даст зада, бинед. Об чӣ хел аст?

Як гурӯҳи бачаҳо мегӯянд, ки оби тағораи онҳо хунук аст, гурӯҳи дигар мегӯянд, ки оби тағораи онҳо гарм аст. Хулоса мекунанд, ки об метавонад хунук ё гарм бошад.

**Мураббӣ:** - Ман ашёи бисёри гуногун дорам. Мураббӣ гӯю мурват, сарпӯшҳои фулӯзин ва пластикӣ, сангчаҳо ва пенопластро нишон медиҳад.

**Мураббӣ:** - Ба фикри шумо агар ин ашёҳоро ба об партоем, чӣ ҳодиса рух медиҳад?

Бачаҳо тахмин мекунанд...

**Мураббӣ**: - Биёед, бисанҷем, ки чӣ ҳодиса рух медиҳад.

Бачаҳо ашёҳоро ба тағораи об мепартоянд ва мушоҳида мекунанд, ки чӣ мешуда бошад. Диданд, ки ашёи вазнин дар об ғарқ шуда, ашёи сабук рӯйи об шино мекунанд.

**Мураббӣ:** - Бачаҳо, ба дастони худ нигаред, онҳо чӣ тавр шуданд?

**Бачаҳо:** - Дастонамон тар шуданд.

**Мураббӣ:** - Мо бояд чӣ кор кунем?

**Бачаҳо:** - Дастонамонро хушк кунем.

Бачаҳо бо дастмолҳои коғазин дастонашонро хушк мекунанд.

**Мураббӣ:** - Акнун дастони шумо чӣ тавр шуд?

**Бачаҳо:** - Дастонамон хушк шуд.

Бачаҳо ба курсичаҳо мешинанд.

**Мураббӣ:** - Бачаҳо, мо имрӯз дар бораи чӣ суҳбат кардем?

**Бачаҳо:** - Дар бораи об суҳбат кардем.

**Мураббӣ:** - Бале, мо фаҳмидем, ки об барои тамоми мавҷудоти зинда хеле зарур аст. Мо бо хосиятҳои об шинос шудем. Кӣ ба ман дар бораи хосиятҳои об мегӯяд?

**Бачаҳо:** - Об рангу бӯй надорад. Метавонад бирезад. Ашёи вазнин дар об ғарқ мешаванд, ашёи сабук дар рӯйи об шино мекунанд.

**Мураббӣ:** - Офарин, бачаҳо! Ҷавобҳои шумо дуруст аст. Ман ба шумо чунин қатраҳоро барои ранг кардан тухфа мекунам.

Бо чунин равиш машғулият ба анҷом мерасад. Ин навъ машғулиятҳо маърифати кӯдаконро доир ба об ва хосиятҳои он ташаккул медиҳад. Бинобар ин, ҳар як мураббӣ бо истифода аз равишу усули ба худ хос, бояд кӯдаконро ба мавзуъҳои аслӣ, ки ҳамеша барои инсон муҳим ҳастанд, ошно карда, ҳисси эҳтиром ба табиатро дар зеҳну шуури кӯдакон ҷой намояд.

**Некрӯз АКБАРОВ,**
**омӯзгори фанни технологияи иттилоотии МТМУ №42-и ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд**



# ГУЗАРИШ БА СИСТЕМАИ НАВИ ТАЪЛИМИ ТЕХНОЛОГИИ ПЕДАГОГӢ

Моҳияти асосии технологияи нави таълим воситаҳои асосии таълим дар асоси технологияи нав, шахсияти хонанда ва таълимдиҳанда, мавқеи таълимдиҳанда ва таълимгиранда дар ҷараёни таълим, зарурияти омӯзиш дар системаи нави таълим, таърих ва омилҳои пайдоиши технологияи нав дар ҷараёни таълим, баррасии масъалаҳои асосии технологӣ аз диди нав, нишон додани роҳҳои ҳалли муаммо ва мушкилот дар ҷараёни таълимӣ, фикрҳои хулосавии ҷамъбастӣ дар бораи мавзуъро дар бар мегирад.

Аслан мафҳуми муносибати технологӣ дар нимаи дуюми асри XX пайдо шуда, таъйиноти асосиаш – навсозии таълими анъанавӣ мебошад.

Мақсаду моҳияти хониш ва ҷараёни таълим дар асоси талаботи стандарти давлатии таълим барои аз бар кардани донишу малака нигаронида шудааст.

Таълимгирӣ ва ҷараёни таълим аз роҳи системавӣ ташаккул додани қобилияти маънавӣ ва ақлонист. Таълим бо усулҳои гуногун ба роҳ монда мешавад. Технологияи таълим чист ва он аз таълими анъанавӣ бо кадом ҷиҳатҳояш фарқ мекунад? Ҷараёни таълим кадом аст ва моҳияти он аз чӣ иборат аст? Тафаккури нави педагогӣ чист ва технологияи педагогӣ чӣ моҳият дорад? Имрӯз ба ҳамин монанд саволҳое мавҷуданд, ки посух мехоҳанд.

Таҳқиқоти илмӣ нишон доданд, ки дар ҳаёти маданиву иҷтимоии мардум пайдоиши технологияи педагогии таълим ба омилҳои зерин вобастагӣ дорад:

**- суръатнокии раванди таълим ва самаранокии он дар замони тараққиёти ҷомеа;**

**- барои бартараф кардани маҳдудияти фаъолияти омӯзгор дар ҷараёни таълим;**

**- тараққиёт ва пешрафти фан ва техника, афзоиши ахбор ва кам будани вақт;**

**- дар гузариш аз тафаккури эмпирикӣ ва назарӣ ба тафаккури техникӣ;**

**- ба ҳаёти мустақилона омода кардани ҷавонон.**

Омилҳои мазкур боис гардиданд, ки дар мамлакати мо ба системаи таълим ислоҳоти ҷиддӣ ворид гардад, аз ҷумла, ҷорӣ намудани технологияи нави таълим. Зеро технологияи нави таълим тадбири педагогиест, ки ба тамоми панҷ шарти сабаби болоӣ ҷавоб мегӯяд.

Технологияи таълим ба муаллим дар самти банақшагирии дарс, тарзи кори ӯ бо хонандагон, инчунин, ба назар гирифтани мушкилии мухталиф, “муносибатҳои фикрии хонандагон” ва доир ба ҷавобҳои пешбинишудаи хонандагон ёрӣ намуда, имкон медиҳад, ки омӯзгор маводи таълимиро аз нигоҳи хонанда бинад.

Рушди босуръати илму техника ва тағйир ёфтани муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ талаботи навро пеш мегузорад. Пешрафти технологияҳои муосири иттилоотӣ ва фароҳам шудани имкони дастрасӣ ба он аз аҳли маориф тақозо мекунад, ки хонандаву донишҷӯро ба таълиму тарбия фаро гирифта, бо васоити нави иттилоот кор кунад ва технологияро барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва рушди ҷомеа истифода намоянд.

Ҷамъ овардани дониш дар шакли маълумот ва дар доираи мафҳумҳои фаннӣ ба шакли маҳдуд матраҳ кардани масъалаҳо, ки мундариҷаи таълим ва тарзи ташкили раванди таълими анъанавиро таҷассум мекунад, ба талаботи замони муосир мувофиқ нест, зеро шароити нав фавриятро талаб мекунад.

Ҷумҳурии мо соҳибистиқлол буда, самт ва стратегияи рушди ҷомеа дар он бо дарназардошти арзишҳои фарҳангӣ, адабӣ ва таърихӣ ба роҳ монда шудааст. Гузариш ба низоми нав ба мо имкон медиҳад, ки вақт, шароит ва имкониятидар даст доштаамонро самаранок истифода бурда, сифати таълимро беҳтар гардонем ва ба ҷомеа инсони муосиру коромад ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатро пешниҳод кунем.

**Ҷавонмеҳр ИСМАТОВ,**
**омӯзгори Коллеҷи тиббии**
**шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд**



# БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ТАВАССУТИ ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ОМӮЗИШИ ҲАМФАЪОЛ

Дар ҳар як кишвари мутараққии ҷаҳон дар низоми маориф ба сифати таҳсилот афзалият медиҳанд, зеро сифати таълим асоси натиҷаи дарс ба ҳисоб меравад. Дар ин нигошта назаре доир ба ин масъалаи муҳим шудааст, ки манзури хонандагони маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" мегардад.

Мусаллам аст, ки баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳар давру замон яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи маориф мебошад. Дар шароити муосир вазифаи муаллим ба куллӣ тағйир меёбад. Дар шароити имкони беканори дастрасӣ ба ҳама гуна иттилоот омӯзгор бояд натанҳо дониши худро ба хонанда интиқол диҳад, балки пеш аз ҳама, тарзи истифода аз иттилоъро низ таълим диҳад. Ин аз муаллим мусаллаҳ будан бо методикаи нави таълим, назарияҳои муосири равоншиносии маърифатӣ, фаҳмишҳои умумифаннӣ ва технологияи омӯзишро талаб мекунад.

Пӯшида нест, ки соҳаи маорифи муосир дар зинаи иваз шудан аз модели кӯҳнаи донишҳои мактабӣ ба зинаи нав - мактаби салоҳиятҳо қарор дорад. Омӯзгорон ба саволи чиро таълим додан ва чӣ гуна таълим додан дар шароити олами зудтағйирёбанда ҷавоб меҷӯянд. Чун мавзуи матраҳшаванда доманадор аст, тасмим гирифтем, танҳо дар доираи истифодаи усулҳои ҳамфаъол, ки дар маорифи ҷаҳонӣ мавкеи назаррасро касб кардааст, изҳори андеша намоем.

Дар шароити кунунӣ яке аз роҳу воситаҳое, ки ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим заминаи мусоид фароҳам меорад, ин истифодаи усулҳои омӯзиши ҳамфаъол ба шумор меравад. Усулҳои таълими фаъол ва ҳамфаъол, таълим тавассути муҳити таълимӣ, инчунин, шаклҳои гуногуни худташкилкунӣ дар таълим дар навовариҳои соҳаи маорифи кишварҳои пешрафта ба зинаи аввал мебароянд.

Усулҳои омӯзиши ҳамфаъол усулҳое мебошанд, ки ҳамкорӣ (ё муносибати мутақобила) – и байни омӯзгор ва хонанда, инчунин, хонанда ва омӯзгорро талаб мекунанд. Дар ҳамин маврид калимаи «интерактив» бояд истифода шавад, ки он аз калимаи англисии «interact» гирифта шуда, маънояш «inter» - «якҷоя» ва «act» - «амал кардан» мебошад. Усули таълим ва омӯзиши ҳамфаъол аз омӯзгор фаъолияти баланд ва дарки эҷодкоронаи маълумоти пешниҳодшударо талаб мекунад. Меъёрҳои асосии модели ҳамфаъоли таълим ин имкони муҳокимарониҳо ва пешниҳоди озоди мавзуъ, вале шумораи зиёди фаъолиятҳои амалӣ, ташаббуси бештар аз тарафи донишҷӯ, шумораи зиёди фаъолияти гурӯҳие, ки кӯшишҳои якҷояро талаб мекунанд ва иҷроиши корҳои хаттӣ мебошад.

Талаботи дар боло зикргардида ҳар як омӯзгорро ҳушдор месозад, ки пайваста бо донишҳои наву тозаи илмию методии соҳа мусаллаҳ бошад, ташаббускору ҷӯянда ва эҷодкориро пешаи худ қарор диҳад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло дар раванди дарс донишҷӯ бояд бештар фаъолият намояд, на муаллим. Муаллим дар раванди дарс нақши раҳнаморо мебозад. Усулҳои омӯзиши ҳамфаъол дар назди муаллим як қатор вазифаҳо мегузорад, аз ҷумла, 1) истифодаи самараноки вақт; 2) риояи эҳтироми фикри тарафайн. Зикр кардан бамаврид аст, ки дар таълими анъанавӣ дар бисёр ҳолат ба мушоҳида мерасад, ки ин ё он донишҷӯ ба дарс ҷавоб мегӯяд, донишҷӯёни дигар аксаран беаҳаммият мебошанд ва фикри рафиқи худро гӯш намекунанд. Усулҳои омӯзиши ҳамфаъол тақозо дорад, ки донишҷӯён нисбат ба фикрҳои баёнкардаистодаи шарикдарсашон ҳисси эҳтиром дошта бошанд;

3) эътибор додан ба таъсирнокии сухан. Аслиҳаи тавонои омӯзгор дар дарс ин суханронии ӯ мебошад. Сухани муаллим бояд чун оҳанрабо таваҷҷуҳи шогирдро ба худ ҷалб намояд.

Сабаби интихоби ин усулҳо аз он иборат аст, ки онҳо воситаи самараноки омӯзиш ба ҳисоб мераванд. Ҳамон усул самараноктар аст, ки бо истифода аз мавод ва вақти кам мақсади таълим амалӣ шавад. Бинобар ин, пеш аз интихоби усул, бояд ба эътибор гирифт, ки чиро таълим додан зарур аст ва шогирдон чиро бояд омӯзанд, яъне, мақсади таълим бояд муайян бошад.

Яке аз роҳҳои дигари фаъолгардонии дарс ин гузаронидани дарс тавассути гурӯҳбандӣ ба шумор меравад. Аз ин дидгоҳ, кори дастаҷамъӣ хеле самарабахш аст. Аммо ин маънои онро надорад, ки омӯзгор ба осонӣ фаъолияти гурӯҳиро дар дарси худ ташкил карда метавонад.

Ба андешаи мо, омӯзгор он гоҳ метавонад, омӯзиш дар ҳамкориро ташкил кунад ва ба қувваҳои шахсии худаш бовар дошта бошад, ки мафҳумҳои зеринро дақиқ фаҳмад:

**1. Кӯшишҳои инфиродӣ аз кӯшишҳое, ки аз ҷониби ҷомеа ба амал меоянд, бо кадом хусусият фарқ мекунанд?**

**2. Кадом натиҷаҳоро аз кори якҷояи гурӯҳҳои хурд метавон интизор шуд?**

**3. Чӣ бояд кард, то гурӯҳ ба дастаи ҳамфикрон табдил ёбад?**

**4. Чӣ гуна кори гурӯҳҳоро баҳогузорӣ бояд кард?**

Нахуст бояд тазаккур дод, ки гурӯҳҳои ҳамкорӣ бояд аз шумораи ками донишҷӯён иборат бошанд. Чӣ қадар агар гурӯҳ хурд бошад, ҳамон қадар ҳар узви гурӯҳ масъулиятро зиёдтар ҳис мекунад. Масалан, дар гурӯҳи 25-нафараи донишомӯзон омӯзгор метавонад, онҳоро ба панҷ гурӯҳи баробар ҷудо кунад. Аммо созмон додани гурӯҳ чандон кори осон нест, зеро имкон дорад, ки донишҷӯ гурӯҳро аз диди хеш интихоб кунад. Омӯзгори ҳассос гурӯҳро тавре созмон медиҳад, ки онҳо баробарвазн бошанд (дар ин маврид сатҳи дониши шогирдон дар назар гирифта мешавад). Дар акси ҳол як гурӯҳ метавонад пурқувват бошад, гурӯҳи дигар баръакс. Агар узви гурӯҳ фақат аз афроди лаёқатманд ё суст иборат бошад, он гоҳ омӯзгор фаъолияти кори гурӯҳҳоро мувофиқи матлаб ба роҳ монда наметавонад. Гурӯҳҳорро номгузорӣ мекунанд. Чунончи: «Дӯстӣ», «Истеъдод», «Муваффақ», «Истиқлол», «Ваҳдат». Намояндаи ҳар гурӯҳ сабаби чунин номгузориро шарҳ медиҳад.

Сипас, саволу супоришҳои пешакӣ омоданамуда ба гурӯҳҳо тақсим карда мешавад. Бартарии ин тарзи кор дар он аст, ки нафари дорои лаёқати суст дигар наметавонад, ба фикри беруна дода шавад ва ҳаракат мекунад, ки ҷавоб ёфта тавонад. Дар ин маврид ба шариконаш эътибор медиҳад, ки чӣ тавр онҳо дар ёфтани ҷавобҳо кӯшишу талош мекунанд. Омӯзгор ба донишҷӯён пешниҳод менамояд, ки дониш ва малакаҳои андӯхтаашонро ба дигарон омӯзонанд. Вақте ки ба ин фаъолият тамоми узви гурӯҳ ҷалб карда шудаанд, онро «фаҳмондадиҳии мустақим» номидан мумкин аст.

Ҳангоми пурсиши саволу супоришҳои пешниҳодгардида омӯзгор ҳаракат мекунад, ки бештар ҷавобҳоро аз нафарони дорои лаёқати суст пурсон шавад. Моҳияти ин амал дар он аст, ки фаъолон нафарони сустхонро мавриди муҳокима қарор медиҳанд ва хоҳиш менамоянд, ки минбаъд дар ёфтани ҷавобҳо онҳо низ бетараф набошанд. Зери ин таъсир нафари сустхон кӯшиш мекунад, ки то андозае дар ёфтани ҷавоб ҳиссагузорӣ кунад.

Дар хотир бояд дошт, ки ҳар қадар ҳайати гурӯҳ зиёд бошад, ҳамон қадар бо хусусиятҳои фардии гуногун, ба монанди қобилият, дониш, малака, маҳорат ва одатҳо дучор шудан мумкин аст. Ҳар қадаре теъдоди узви гурӯҳ зиёд бошад, ҳамон қадар дар назди ҳар яки онҳо масъулияти бештар гузошта мешавад. Дар гурӯҳ бояд фазои дӯстона ҳувайдо буда, ҳар як узви он бо баёни фикри худ, ҳамоҳангсозии ақидаи пешниҳодкардааш бо фикри рафиқони худ, нишон додани маводи таълимӣ, мушоҳида карданӣ он, ки ягон нафар аз гурӯҳ дар канор намонад, имкон дошта бошад.

Дар муайян кардани теъдоди узви гурӯҳ хусусияти супориш, ки онро бояд иҷро кард ва таъмини узви гурӯҳ бо маводи зарурӣ нақши асосӣ мебозад. Хулоса, чунин равиши дарс донишомӯзонро дар раванди дарс фаъол гардонида, онҳоро аз ҳолати афсурдагӣ, камтаваҷҷуҳӣ ва бемайлӣ раҳо месозад ва пойбанди дарсу омӯзиш месозад.

**Идигул НУСРАТУЛЛОЗОДА,**
**сардори шуъбаи депозитарии**
**Китобхонаи миллии Тоҷикистон**



# МЕВАЕ ШИРИНТАР АЗ ФАРЗАНД НАБВАД ДАР ҶАҲОН



Таълиму тарбияи инсон дар ҳама давру замон яке аз корҳои душвору мураккаб ба шумор рафта, фаъолияти дастаҷамъонаро тақозо мекунад. Имрӯзҳо ин масъаларо дар баробари муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, дигар идораҳои масъул, ҳамзамон, қонунгузории кишвар ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ танзим менамоянд.

Дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти тарбияи фарзанд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак" ҷойи асосиро ишғол менамояд. Қонуни мазкур муносибатҳоро дар таълиму тарбияи кӯдак дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ танзим намуда, ба ҳифзи манфиатҳои кӯдак равона месозад. Дар қонуни мазкур масъулияти муштарак бар дӯши падару модар, шахсони онҳоро ивазкунанда, омӯзгор, давлату ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёди мо гузошта шудааст. Тавре аз талаботи қонун бармеояд, хонавода масъули асосии тарбияи кӯдак мебошад. Ҷораҳои пешгирӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои падару модар, масъулияти онҳо барои таълиму тарбияи кӯдак воситаҳое мебошанд, ки қонунгузор бобати таъмини меъёрҳои қонунҳои амалкунанда пешбинӣ менамоянд.

Ҳадафи аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат дар соҳаи маориф, пеш аз ҳама, бо роҳи тарбияи насли солиму созанда гузоштани заминаи устувор барои эъмори ҷомеаи пешрафта ва таҳкими пояҳои давлатдории миллиамон мебошад. Зеро бунёди ҷомеаи муосир ва давлати пешрафта бидуни насли соҳибмаърифат, хушахлоқ ва до-

рои беҳтарин фазилатҳои инсонӣ, бешак, кори мураккаб мебошад. Имрӯзҳо ин рисолати азим - таълиму тарбияи насли ояндасози Ватан бар дӯши устодону омӯзгорон вогузор шудааст.

Камолоти ақлонии фарзанд ва сифатҳои хуби инсонӣ дар зеҳну шуури ӯ танҳо тавассути тарбия ташаккул меёбад. Аз ин лиҳоз, вазифаи ҳар як шахсу ниҳоди масъул аз он иборат аст, ки барои таълиму тарбияи насли босаводу бомаърифат ва хештаншиносу ватандӯст дар ҳамкорӣ бо падару модарон ва аҳли ҷомеа саҳми фаъол гузошта, рисолати хешро софдилона ва аз рӯйи муҳаббат анҷом диҳад.

Дар фарҳанги миллии мо - тоҷикон ва ориёиён тарбияи фарзанд аз хонавода оғоз гардида, кӯдак дар муҳити оила ҳамчун шахсият ва инсони комил ташаккул меёбад ва баъд ба ҷомеа мепайвандад. Агар кӯдак дар оила одоби риоя кардани эҳтиром дигарон, урфу одат ва талаботи қонунҳоро омӯхта бошад, ӯ ба беэҳтиромӣ нисбат ба дигарон роҳ надода, ба таъсири шахсоне, ки рафторҳои зиддиҷамъиятӣ доранд, дода намешавад ва дар ниҳояти кор, ба амалҳои зиддиҳуқуқӣ роҳ намедиҳад. Падару модарони соҳибэҳтироми мо хуб дар хотир доранд, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолии мо барои хонандагону донишҷӯён чӣ гуна мушкилоту маҳдудиятҳо вуҷуд доштанд. Вале сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда, падару модарон фарзандони худро ҳамеша барои донишандӯзиву касбомӯзӣ ҳидоят мекарданд.

Бинобар ин, имрӯзҳо низ бояд падару модарон аз раванди таълиму тарбияи ҳаррӯзаи фарзандон дар муассисаҳои таълимӣ бохабар бошанд, зеро дар шароити ҷаҳонишавӣ баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия ва камолоти ҳамаҷонибаи хонандагонро танҳо бо роҳи ҳамкории доимии падару модарон ва аҳли ҷомеа бо мактаб таъмин кардан мумкин аст. Яъне, робитаи наздики падару модар ва аҳли ҷомеа бо мактаб, ҳам ба оила, ҳам ба ояндаи фарзандон ва ҷомеа манфиатовар мебошад.

Тарбияи кӯдак масъулияти бузургест, ки инсон на барои як рӯзу як соат ва ё як муҳити хурди хонаводагӣ вақт мегузорад, балки барои умри як инсон ва муҳити бузурги ҷамъиятӣ ва дар маҷмуъ, барои шукуфоии миллату давлати худ неруи зеҳнияшро равона мекунад. Бузургони мо фармудаанд, ки кӯдак дар назди волидон эътибори амонатро дорад ва қалби поки ӯ ҷавҳари нафисе ҳаст, ки аз ҳар гуна нақшу тасвир холӣ буда, қобили қабули ҳар гуна нақш мегардад ва ба ҳар тараф, ки ҷалб шавад, майл мекунад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки камолоти ақлонии фарзанд ва сифатҳои хуби инсонӣ дар зеҳну шуури ӯ танҳо тавассути тарбия ташаккул меёбад, ки барои ноил шудан ба он падару модарон бояд бо мактаб ҳамкории хуб дошта бошанд. Зеро фарзанд дар муҳити хонавода ба дунё омада, шахсияташ дар ин маҳдудаи мушаххас ташаккул меёбад. Бо рафтан ба боғча ва мактаб дар зинаи ибтидоии таҳсил кӯдак бо муҳити дигар дучор меояд. Бинобар ин, ҳар фарди ҷомеаро лозим аст, ки барои ба таври матлуб иҷро намудани ухдадориҳои ба зиммадоштаашон бояд ҳамаҷониба кӯшиш ба харҷ диҳанд, то ки рисолати падарию модарӣ ва устодии худро ҳамчун қарзи азалӣ иҷро намоянд.

Амалӣ гардидани ухдадориҳои мазкур ба хоҳишу ирода ва ба шуурнокии баланди ҳар як падару модар вобастагию алоқамандии бевосита дорад. Мутаассифона, баъзе падару модарон ухдадориҳои худро дар самти тарбият ва таълими шоистаи фарзанд ба таври бояду шояд иҷро намекунанд ва масъулияти худро кӯшиш мекунанд, ки танҳо бо фароҳам овардани шароити моддӣ: нону обу сару либос маҳдуд намоянд. Ин дар ҳолест, ки маҳдуд кардани масъулияти худ дар тарбияи фарзанд бо дасти худ фарзандро ба пойи "қисмат" раҳо кардан мебошад.

Фарзанд меваи умри инсон, неруи дилу ҳаловати ҷон, номбардори падару модар ва ифтихороварии миллату давлату халқу кишвари худ мебошад. Аз ин рӯ, тарбияи фарзанд ба зиммаи падару модар гузошта шуда, ҷомеа, мактаб ва муҳити иҷтимоӣ низ дар ин радиф масъулият доранд. Вақти он расидааст, ки фарзандони худро чунон тарбия кунем, ки фахри хонадон бошанд ва ба халқу Ватан манфиат расонда, аз худ амали хубу номи нек боқӣ гузошта тавонанд. Тавре шоир гуфтааст:

**Меваe ширинтар аз фарзанд набвад дар ҷаҳон,**
**То тавонӣ, ин самар бо рангу бӯи хуш расон.**

**Икром АШӮРОВ,**
**омӯзгор, вилояти Суғд**

# НАҚШИ ФАНҲОИ РИЁЗӢ ДАР РУШДИ ТАФАККУРИ МАНТИҚӢ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИР



Таваҷҷуҳи вижа ба илмомӯзӣ, махсусан, ба илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ гоми устувору боэътимодест, ҷиҳати пешрафти бардавому қавии иқтисодиёти кишварамон ва таъмини рақобатпазирии он дар миқёси байналмилалӣ, зеро дар марҳилаи нави рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми илму маърифат ва андешаву тафаккури илмӣ дар ҳалли хеле аз масоил, аз ҷумла, иқтисодиву иҷтимоӣ ва бунёдӣ муҳим аст. Бинобар ин, давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ба масъалаи илму донишомӯзии наврасону ҷавонон диққати хосса зоҳир мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи яке аз Паёмҳояшон чунин таъкид намуда буданд: “Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки дар баробари чунин дастгириҳои давлат ва афроди ватандӯст сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд. Инчунин, назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд”.

Бояд зикр намуд, ки фанҳои дақиқ муҳимтарин василаи рушди зеҳни инсон ба шумор рафта, дар шароити кунунии ҷаҳон, ки пешрафти босуръати илму техника ҷараён дорад, нақши

фанҳои дақиқ, табиӣ ва риёзӣ дар таълиму тарбияи насли огоҳу закӣ беш аз пеш меафзояд.

Бо мақсади тақвияти ин раванд ва фароҳам овардани заминаи устувор барои рушди илмҳои дақиқ ва риёзӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, бо дастуру роҳнамоиҳои маорифпарваронаи Пешвои миллат солҳои 2020-2040 ҳамчун Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ эълон шудааст.

Яке аз муҳимтарин фанҳои риёзӣ, ки ҳам дар таълим ва ҳам дар татбиқи амалӣ ҷойгоҳи хосса дорад, ин фанни геометрия мебошад. Геометрия аз ибтидои ташаккули тамаддун ҳамроҳи инсон буда, аз замони қадим дар сарзаминҳои Мисри қадим, Юнони қадим ва Ҳиндустони қадим барои андозагирии заминҳо, сохтмони биноҳо ва ҳисобу китоби муҳандисӣ истифода мешуд. Имрӯзҳо геометрия ҳамчун фанни асосии таҳсил дар низоми таълими муосири мо ҷойгоҳи вежа дошта, дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, касбӣ ва олии кишвар ин фан омӯзонда мешавад, ки ба ташаккули тафаккури мантиқӣ ва таҳлилии хонандагон мусоидат мекунад.

Фаҳмиши сохти шаклҳо, таҳлили ҷисмҳо дар муҳити сеандоза, қонуниятҳои табдили координатаҳо, истифодаи теоремаҳо ва амалисозии исботи мантиқӣ донишомӯзонро водор месозад, ки зеҳнро фаъол нигоҳ дошта, ҳар як қадами фикриро бо далел асоснок кунанд. Аз ҳамин ҷост, ки омӯзиши геометрия танҳо омӯхтани маълумоти назариявӣ набуда, балки як воситаи пуриқтидори тарбияи фикрронӣ ва мантиқӣ мебошад.

Имрӯзҳо татбиқи донишҳои геометрӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон барҷаста ва меҳварӣ ба мушоҳида мерасад. Аз соҳаи сохтмону меъморӣ гирифта, то соҳаи компютер ва технологияҳои иттилоотӣ, харитасозӣ ва геодезия, тибби муосир ва кибернетика геометрия ҳамчун асоси ҳисобу моделсозӣ нақши муассир мебозад. Дар муҳандисии компютерӣ, системаҳои графикӣ ва лоиҳакашии автоматикӣ (CAD), моделсозии 3D ва дизайн бе дониши амиқи геометрия иҷронашаванда аст. Ҳатто, дар рушди зеҳни сунъӣ ва роботсозӣ низ шаклу сохтор, масири ҳаракат ва масофа бо истифода аз мафҳумҳои геометрӣ ҳисобу таҳлил мешаванд.

Аз ин рӯ, омӯзгорони фанни геометрия дар раванди таълим нақши калидӣ доранд. Онҳо вазифадоранд, ки дарси худро на танҳо бо мазмуни назариявӣ, балки бо машғулиятҳои амалӣ, моделсозӣ, истифодаи воситаҳои аёнӣ, нармафзорҳои муосир ва усулҳои интерактивӣ ғанӣ гардонанд. Вақте ки донишомӯзон дар шароити мактаб, омӯзишгоҳҳои касбӣ - техникӣ ва ё донишгоҳу донишкадаҳо на танҳо формулаҳо, балки фалсафаи ҳар қонуни геометриро дарк мекунанд, раванди таълим самаранок ва шавқовар мешавад. Инчунин, истифодаи лоиҳаҳо, озмунҳо, таҳлили масъалаҳои ҳаётӣ ва фаннигардонии онҳо бо маводди муосир шавқи омӯзишро дучанд менамояд.

Геометрия дар баробари рушди тафаккур, инчунин, ҳисси зебоипарастӣ ва тартибро низ дар зеҳни одам инкишоф медиҳад. Тарҳрезии симметрӣ, таносуби ҷузъҳо, танзими ҷисмҳо дар фазо - ҳамаи ин падидаҳо шахсро ба сӯйи тартибу низом, зебоӣ ва фаҳмиши зеҳнӣ раҳнамун месозанд. Бо ин маънӣ, омӯзиши амиқи геометрия дар ташаккули инсони комил ва муосир нақши муассир мебозад.

Бинобар ин, бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ як имкони нодиру воқеан, муассир барои арзёбӣ ва таҳлили дастовардҳо дар соҳаи таълим буда, ҳамзамон, такони нав барои ислоҳи камбудиҳо ва татбиқи навовариҳо мебошад. Дар ин раванд, саҳми омӯзгорон, олимон, донишҷӯён ва тамоми ходимони соҳаи маориф беандоза арзишманд аст. Вақте ки ҳамаи унсурҳои низоми таълим - барнома, китоби дарсӣ, омӯзгор ва муҳит дар ҳамоҳангӣ қарор доранд, ба даст овардани сатҳи баландтарини саводи илмӣ ва касбӣ амри воқеӣ мегардад.

Хулоса, омӯзиши амиқи фанни геометрия на танҳо яке аз василаҳои муҳимми рушди тафаккури мантиқӣ ва илмӣ мебошад, балки заминаи мустаҳками касбҳои муҳандисӣ, технологӣ ва моделсозии муосирро фароҳам месозад. Ин фан бояд бо истифода аз имконоти нави дидактикӣ ва технологияи рақамӣ тадрис шавад, то дар замони рушди босуръати илм ва техника, насли ҷавон тавонад бо дониш ва ҷаҳонбинии илмӣ ҷавобгӯи ниёзҳои муосири ҷомеа гардад.

**Ҳусейн АЛИЕВ,**
**омӯзгори фанни биологияи Литсейи Умари Хайём дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе**



# ОМӮЗИШИ ПОЛИМЕРҲОИ БИОЛОГӢ ДАР ДАРС

## Дарси намунавии “Полимерҳои биологӣ – ангиштобҳо (карбогидратҳо)” дар синфи 10

Карбогидрадҳо, навъҳои он ва аҳаммияти онҳо дар ҳуҷайра яке аз масъалаҳои калидии дарс ба шумор рафта, барои ҳар як донишомӯз маълумоти муҳимму муфид мебошад. Дар зер намунаи як дарс дар ин мавзуъ манзур карда мешавад. Бовар дорем, ки он барои омӯзгорон ва махсусан, омӯзгорони ҷавон ҷиҳати истифода бурдан дар дарсҳояшон аз манфиат холӣ нест.

**Мақсади дарс: хонанда бояд:**

- оид ба аҳаммияти карбогидратҳо дар ҳуҷайра маълумот дошта бошанд;

- дар бораи карбогидратҳо донанд ва бо мисолҳо шарҳ дода тавонанд;

- намудҳои карбогидратҳоро вобаста ба атоми карбон фарқ карда тавонанд;

- карбогидратҳои сода ва мураккабро аз ҳам ҷудо карда тавонанд.

**Таҷҳизонидани дарс:**

Матн, китоби дарсӣ, плакатҳо, расм, тасвирҳо, презентатсия.

**Метод, даҳонӣ (шифоҳӣ):**

Лексия, суҳбат, нақл, нақша, расм, тасвирҳо, тахтаи электронӣ мушоҳида, супоришҳо, кор бо китоби дарсӣ, методи фаъолгардонӣ, масъалагузорӣ, корҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ.

**Равиши дарс:**

**I. Қисми ташкилии дарс:**

а) ба ҷо овардани одоби муошират;

б) омода будани хонандагон ба дарс;

в) аз назар гузарондан ва ҳозирғоиб кардани хонандагон;

г) мавҷуд будани бӯру латта дар синф;

д) тоза будани синф аз ҷиҳати гигиенӣ санитарӣ.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ:**

Аз аҳли синф вазифаи хонагиро (инфиродӣ ё умумӣ) бо воситаи варақаҳо, рӯйнамоҳо ва дигар маводди ёрирасон дар муддати 10-15 дақиқа баррасӣ мекунанд ва на камтар аз 50-60%-и хонанда бояд пурсида шаванд.

**III. Муаррифӣ ва муҳокимаи мавзуи нав:**

Нақшаи мавзуъро ба хонандагон муаррифӣ ва онҳоро барои муҳокима даъват кардан.

**IV. Пешниҳоди матни мухтасари мавзуъ (лексияи кӯтоҳи омӯзгор):**

Ангиштобҳо ё карбогидратҳо моддаҳои органикӣ буда, бо формулаи умумии $C_n(H_2O)_m$ ифода карда мешаванд. Дар аксари ангиштобҳо адади молекулаҳои об ба миқдори атомҳои карбон мувофиқ мебошад. Ин истилоҳро Карл Шмидт соли 1844 пешниҳод кардааст. Аз ҳамин сабаб, ин моддаҳоро карбогидрат ё ангиштоб номидаанд. Дар ҳуҷайраи ҳайвонот то 5% ангиштоб мавҷуд аст. Дар ҳуҷайраи рустаниҳо (картошка, тухмӣ) миқдори ангиштоб то 90% мерасад. Ангиштобҳо сода ва мураккаб мешаванд. Ангиштобҳои сода моносахаридҳо ном гирифтаанд. Вобаста ба адади атомҳои карбон дар молекула моносахаридҳо триозаҳо (дорои 3 атоми карбон), тетрозаҳо (дорои 4 атоми карбон), пентозаҳо (дорои 5 атоми карбон) ё гексозаҳо (дорои 6 атоми карбон) мебошанд. Глюкоза, фруктоза ва галактоза мансуби гексозаҳо мебошанд.

**Истилоҳот:**

Гликоген – ангиштоби захиравии ҳайвонот ва одам мебошад.

Муреин – ҷилди ҳуҷайраи бактерияҳоро ташкил медиҳад.

Гидролиз – раванди таҷзия шудани молекулаҳои ангиштобҳо бо ёрии об.

Олигосахаридҳо – ангиштобҳое, ки аз миқдори ками (3 то 10) моносахаридҳо иборатанд.

**V. Арзёбӣ саволу ҷавоб:**

Бо истифодаи саволҳои умумӣ оид ба мавзуъ сатҳи фаҳмишу дарки хонандагонро санҷида, ҷавоби хонандагонро мушоҳида мекунем ва барои худ оид ба инкишофи онҳо дар дафтари синф ишораҳо мекунем.

**Намунаи саволҳо:**

1. Ангиштоби таркиби КРН кадом аст?

V. Кластер




A) рибоза B) фруктоза
C) галактоза D) сахароза

**2. Ангиштоби захиравии ҳуҷайраи ҳайвонот чӣ ном дорад?**
A) гликоген B) хитин
C) галактоза D) глюкоза

**3. Кадом ангиштоб рӯйпӯши бадани буғумпойҳоро ташкил намудааст?**
A) гликоген B) хитин
C) галактоза D) глюкоза

**4. Кадом ангиштоб ҷилди ҳуҷайраи растаниро ташкил кардааст?**
A) гликоген B) хитин
C) галактоза D) селюлоза

**5. Кадом ангиштоб дар растаниҳо вазифаи бинокориро ба ҷо меорад?**
A) гликоген B) хитин
C) галактоза D) селюлоза

**6. Кадом модда дар занбурӯғҳо моддаи ғизоии захиравӣ ба ҳисоб меравад?**
A) гликоген B) глюкагон
C) галактоза D) глюкоза

**7. Кадом модда гликогенро ба глюкоза табдил медиҳад?**
A) гликоген B) глюкагон
C) галактоза D) инсулин

**8. Кадом ҳуҷайраҳо ангиштоби бештар доранд?**
A) бактерияҳо B) ҳайвонот
C) растаниҳо D) прокариотҳо

**9. Агар дар молекула ду моносахарид бошад, онро чӣ меноманд?**
A) фосфолипидҳо B) дисахаридҳо
C) полисахаридҳо D) моносахаридҳо

**10. Гурӯҳи пайвастагиҳои органикие, ки формулаи умумии онҳо бо Cn (H2O)m ифода мешавад, кадом аст?**
A) ангиштобҳо B) пептидҳо
C) стероидҳо D) липидҳо

**VI. Ҷамъбасти дарс:**
Кӯшиши хонандагон бо гузоштани баҳо бояд қадр карда шавад. Омӯзгор бо ин мақсад аз суханони рӯҳбаландкунанда истифода мебарад: “Ба ҳамаатон ташаккур!”, “Офарин!” “Дар дарс шумо фаъол будед!”. Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълимии дарс равона сохта, аз онҳо мепурсем: “Аз нақшаҳои пешниҳодшуда ба кадомаш ноил гаштанд?”, “Барои ноил шудан ба мақсад дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд?”.

**VII. Супориши вазифаи хонагӣ:**
Мавзуи “Полимерҳои биологӣ - ангиштобҳо ё карбогидратҳо”-ро аз саҳифаи 83 то 84-и китоб хондан.

Бо чунин равиш дарс гузаронда мешавад ва омӯзгор бо истифода аз усулҳои ба худ хос раванди онро таҳлил карда, донишомӯзонро ба машғулият ҳавасманд мегардонад.

| № | Маҳсулоти ғизоӣ | Миқдор бо фоиз дар 100 грам |
|---|---|---|
| 1 | Шакар | 99,8 |
| 2 | Зефир | 76-78 |
| 3 | Шолӣ | 28 |
| 4 | Марҷумак | 72 |
| 5 | Нон | 49 |
| 6 | Картошка | 17 |
| 7 | Шоколад | 61 |
| 8 | Лӯбиёи сафед | 61 |
| 9 | Брокколӣ | 7 |
| 10 | Шир | 5 |
| 11 | Ҷигари гов | 4,5 |

**Шодбахт ХӮҶАМОВ,**
**магистранти бахши дуюми**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон**
**дар шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд**



# ЛАБОРАТОРИЯИ ВИРТУАЛӢ ВА ТАСНИФИ ДИДАКТИКИИ ОН ДАР ТАЪЛИМ

Пешрафти технологияи компютерӣ системаи таълимро водор месозад, ки аз имконоти он самаранок истифода барад ва усулҳои нав ба навро дар ин бобат роҳандозӣ намояд. Дар ҳоли ҳозир манзараҳои омӯзиш ба шабакаи интернет ва технологияи компютерӣ хос аст. Зарфияти технологияҳои компютерӣ ҳамчун воситаи таълим дар таърихи омӯзгорӣ бесобиқа аст, зеро ба роҳандозӣ ва моделсозии мазмуни объектҳои таълим нигаронида шудааст. Дар ин мақола вежагӣ ва равишҳои лабораторияҳои виртуалӣ манзур мешаванд.

Принсипҳои дидактикии фаъолияти лабораторияи виртуалӣ тавре ба роҳ монда мешавад, ки принсипи фардикунонии омӯзишро дастгирӣ намояд. Дар консепсияи умумии дидактика оварда шудааст, ки "Принсипҳои дидактикӣ инкишофёбанда буда, дар баробари дигар шудани мақсаду мароми назарияи таълиму тарбия такмил меёбанд ва ба тарзи нав амал мекунанд". Мақсади истифодаи лабораторияи виртуалӣ дар таълим ин фароҳам овардани муҳити фаъоли дидактикӣ аст, ки барои кори пурмаҳсули маърифатӣ дар раванди азхудкунии маводи нав ва рушди тафаккури шахс мусоидат мекунад. Инчунин, асоснокии назарияҳои таълим истифодаи лабораторияи виртуалиро барои ба даст овардани натиҷаҳои самараноки омӯзиш дастгирӣ мекунанд. Ба қавли Сименс (Siemens) таълим раванди таҳияи шабакаи омӯзишӣ ва иртиботи байни ғояҳои инсонӣ (бо шинохти инсон алоқаманд) аст, ки бо парадигмаи назариявии конструктивизми Лев Виготский [3,5,6], ки таълимро ба ҳамкории одамон ва абзорҳои рамзӣ тавъам медонист, мувофиқат мекунад. Виготский [7] бори нахуст истилоҳи «воситаи равонӣ (рамзӣ)»-ро барои муошират бо одамон истифода бурд. Ба андешаи Виготский рамзҳоро метавон ба ду намуд тақсим кард:

**- истифодаи ашё ва реквизитҳо (ҳисси объективӣ);**

**- муносибат бо одамон (ҳисси субъективӣ).**

Лабораторияи виртуалӣ воситаи муассири рамзӣ мебошад, ки ба ҳайси яке аз навовариҳои технологияи муосир дар фазои таълим тарҳрезӣ шудааст. Аз ин рӯ, баррасии назарияҳои дидактикӣ барои ин муҳим аст, ки бифаҳмем, чӣ тавр лабораторияи виртуалӣ метавонад як воситаи муҳимми таълим бошад, ки тавассути он меъёр ва қонунҳои таълим риоя ва таъмин карда шавад. Масалан, лабораторияи виртуалӣ мустақилона воситаи таълим шуда наметавонад, агар муаллим онро ба таври мақсаднок тарҳрезӣ ва раванди таълимро барои ноил шудан ба ҳадафи омӯзиши онҳо роҳнамоӣ накунад.

Мувофиқи назарияи Виготский [5], инкишоф ва омӯзиши инсон наметавонад дар як раванди хаттӣ ба вуқуъ ояд, балки онро ҳамчун ягонагии ҷаҳони моддӣ ва ҷанбаи ботинии шахс баррасӣ кардан лозим аст. Ин ягонагӣ бояд ҳамчун таҷрибаи воқеӣ баррасӣ шавад, ки дар он таснифи дидактикии лабораторияи виртуалӣ тавассути амалия сурат мегирад.

Муқаддимаи лабораторияи виртуалиро то имрӯз пажуҳандагон бисёр таҷриба кардаанд. Масалан, бозиҳои дар платформаи телефон ва ё компютер мавҷуда баъзе унсурҳои иҷрои корҳоро дар лабораторияи виртуалӣ ташкил

медиҳанд, ба монанди ҷобаҷогузорӣ, интихоби лавозимот, ҳаракат. Ҳамаи ин малакаи нахустини иҷрои кор дар модулҳо ва профилҳои курс, иҷрои ибтидоии фаъолиятро барои шинохт, омезиш ва таҷриба таъмин менамояд.

Лабораторияи виртуалӣ муҳити бо компютер сохташуда мебошанд, ки ба ҳуҷраи воқеии озмоишӣ шабоҳат доранд (яъне, лабораторияҳои виртуалии химия, биологӣ ва физика), ки дар он корбарон метавонанд аз як мавқеъ ба мавқеи дигар гузаранд; онҳо метавонанд муҳити лабораторияро дар шакли моделҳои термометр, волтметр, скелетҳо, найҳои озмоишӣ, зарфҳои кимиёвӣ ва ғайра ба вуҷуд оранд.

Лабораторияи виртуалӣ метавонад визуализатсияи мустақим, муҳити интерактивии маҷозӣ, таъмини сифатии таҷрибаҳои амалӣ ва ғайраро таъмин намояд [9]. “Тамоюли рушди комплексҳои лабораторий маҷозӣ пайдоиши маҳсулоти барномавиро пешниҳод менамояд, ки онҳоро ба талаботи соҳаҳои мухталиф мутобиқ кардан мумкин аст” [5, 3]. Ба таври мухтасар гуфта мешавад, ки таҷриба метавонад ҳассос, тағйирпазир, фрагменталӣ ва таълимӣ бошад. Таҷрибаи арзишманд барои таълим пайваста интерактивӣ мебошад.

Таҷрибаҳои ҷаҳонӣ собит намудаанд, ки чунин омилҳо сабабгори нуфуз ва мартабаи лабораторияи виртуалӣ дар омӯзиши илм гардид:

**1. Мавҷудият: хусусияти ҷуғрофӣ сарфи назар гардида, дар ҳар замон новобаста аз вақти астрономӣ дастраст аст.**

**2. Мушоҳидаҳо: машғулиятҳои лабораториро дар доираи васеи иштирокчиён гузаронида, ҳатто сабти электронии онро нигоҳ доштан мумкин аст.**

**3. Дастрасӣ: доираи васеи одамон, аз ҷумла, маъюбон дастрас карда, аз омӯзиш ва амалия баҳра мегиранд[9].**

4. Амният: метавон алтернативаи бехатарро аз таъсири беруна ҳифз кард.

Айни ҳол барои системаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ҷорӣ намудани лабораторияи виртуалӣ дар ҳолати муқаддимавӣ қарор дорад, яъне, аз консепсияву таҷрибаҳои мавҷудаи кишварҳои хориҷӣ омӯхта шуда истодааст. Дар баробари ин, барномаҳои таълимӣ ва стандарти нақшаҳои мавҷуда истифодаи лабораторияи виртуалиро ба фанҳои мухталиф, аз ҷумла, физика, математика, химия, биология, информатика дастгирӣ менамояд. Поёнтар мувофиқати лабораторияи виртуалиро дар таълими фанни физика дида мебароем.

Бартариятҳои умумии лабораторияи виртуалӣ дар таълими фанни физика:

**- Бартарии асосии истифодаи лабораторияи виртуалӣ барои фароҳам овардани муҳити бехатар ва назорат, ки дар он корбарон метавонанд, бидуни ягон хатар ва дудилагӣ як вазифаро иҷро кунанд;**

**- Ташаккули эҳсоси муҳити воқеиро таъмин мекунанд, ки дар он корбарон метавонанд, дар вақти муайян бо объектҳо муошират кунанд;**

**- Лабораторияи виртуалӣ метавонад, барои омӯзиши сохти молекула, атом ё ҳуҷайраҳои биологӣ истифода шавад;**

**- Лабораторияи виртуалӣ, инчунин, услубҳои гуногуни омӯзишро пешниҳод мекунанд, ки то ба умқи он бояд сарфаҳм рафт;**

**- Иҷрои амалҳои фардӣ ва муштарак (фронталӣ).**

Дар ҳоли ҳозир муҳити лабораторияи виртуалӣ ба категорияҳо тақсим мешавад ва ин категорияҳо бо мурури вақт зиёд мешаванд:

**Симулятсияҳо.** Модели лабораторияи воқеӣ бо истифодаи барномаҳои компютерӣ татбиқ мешавад ва раванди таҷрибаро бо истифода аз асбоби воқеӣ таъмин мекунад.

**Аплетҳои шабакавӣ.** Ҳамчун прототипҳои системаи оператсионӣ фаҳмида мешавад. Аплетҳои шабакавӣ дар шакли асбобҳои начандон калон даъват ва дар ҷараёни таҷриба истифода мешаванд.

**Лабораторияҳое, ки аз масофаи дур назорат карда мешаванд (лабораторияҳои дурдаст).** Озмоишҳои аз фосилаи дур назоратшаванда - лабораторияҳои дурдаст, ки ба таври дигар бо номи лабораторияҳои онлайн (online) ё коргоҳҳо маълуманд, таҷрибаҳои

воқеиро дар бар мегиранд, ки аз масофаи дур бо истифодаи шабакаҳои телекоммуникатсионӣ гузаронида мешаванд, дар ҳоле ки корбар ин технологияро аз ҷойи дигар истифода мебарад. Онҳо метавонанд аз масофаи дур идора шаванд. Дар ҳоли ҳозир намунаҳое ҳастанд, ки дар асоси аплетҳо ё устохонаҳои роботӣ (лабораторияҳои дурдаст) метавонанд, фармонҳоро тавассути интернет қабул кунанд.

Дар рафти таҳқиқот мо муайян карда, ба хулосае омадем, ки истифодаи лабораторияи виртуалиро дар таълим ба се давра ҷудо намоем:

**1. Муқаддимавӣ – Таҳлил ва омӯзиши консепсияву назарияҳои мавҷуда, ки ба раванди таълим хос будани лабораторияи виртуалиро дар бар мегирад.**

**2. Таҳияи лабораторияи виртуалӣ – Таҳия ва эҷоди лаборатияҳои вертуалӣ бо истифода аз барномаҳои компютерӣ ва шабакаи интернетӣ, ки талаботи барномаи таълимро қонеъ мекунад.**

**3. Истифода лабораторияи виртуалӣ – Дар амал вобаста ба шароит ва вақти истифодаи он лабораторияи виртуалӣ тарзе истифода шавад, ки арзишҳои дидактикии таълимро риоя намояд.**

Дар тафовут чунин имконот муайян гардидаанд:

– **бо лабораторияҳои виртуалӣ дониш, малака ва маҳоратҳоеро ба даст меоранд, ки бидуни маҳдудияти фазо ва вақт таҷриба мекунанд. Онҳо дар муқоиса бо лабораторияҳои мактабӣ, ки дар як ҷойи мушаххас ва барои як муддати маҳдуданд, тамоми сол дастрасанд;**

– **истифодаи муҳити виртуалӣ шахсро водор мекунад, ки малакаҳои беҳтари компютерро ба даст орад, ки онро метавон малакаҳои омӯзиши якумра арзёбӣ кард.**

Шароити кунунии иқтисоди рақамӣ моро водор мекунад, ки аз имкони мавҷуда истифода намоем, зеро таҳия ва истифодаи лабораторияи виртуалӣ аз рӯи нишондиҳандаҳо дар шароити маорифи кишварамон зарур аст.

**Адабиёт:**

1. Siemens, G. Connectivism: A learning theory fort he digital age. Ekim 2004, 6,

2. Trukhin A. V. Ispol'zovanie virtual'nykh laboratoriy v obrazovanii // Otkrytoe i distantsionnoe obrazovanie. 2002. № 4 (8). S. 67-69.

3. Vygotsky, L. The genesis of higher mental functions. In The Concept of Activity in Soviet Psychology; Wertsch, J.V., Ed.; M.E. Sharpe: Armonk, NY, USA, 1981; pp. 144–188.

4. Бутко Е.Я. Эволюция дистанционного образования // Дистанционное и виртуальное обучение. 2016. - № 5. - с. 53-61.

5. Вайндорф-Сысоева М.Е. Виртуальная образовательная среда: категории, характеристики, схемы, таблицы, глоссарий: Учебное пособие. – М.: МГОУ, 2010. – 102 с.

6. Выготский Л. С. Собрание сочинений: В 6-ти т. Т. 1. Вопросы теории и истории психологии/Под ред. А. Р. Лурия, М. Г. Ярошевского. – М.: Педагогика, 1982. – 488 с.

7. Выготский Л.С. Психология развития человека. – М.: Изд-во Смысл; Изд-во Эксмо, 2005. – 1136 с.

8. Остроух А.В., Николаев А.Б. ПРОЕКТ РАЗРАБОТКИ ВИРТУАЛЬНЫХ ЛАБОРАТОРНЫХ РАБОТ В СРЕДЕ ILABS // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. – 2013. – № 11-1. – С. 36-38.

9. Сафаров С. С. Воқеияти вертуалӣ дар таҳсилот/ С. С. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №3. – С.286-291. – ISSN 2074-1847.

10. Селиванов В.В., Селиванова Л.Н. Виртуальная реальность как метод и средство обучения // Образовательные технологии и общество. 2014. Т. 17, № 3. С. 378–391.

11. Фомина М.Н. Инновационные процессы в высшем образовании как фактор становления гражданского общества // Личность. Культура. Общество. 2010. Т. XII. Вып. 2. № 55-56. 496 с.

12. Хуторской А. В. Современная дидактика: учебник для ВУЗов. СПб.: Питер, 2001. С. 402-405.

**Раъно БОБОКАЛОНОВА,**
**омӯзгори ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**



# ВИЖАГИҲОИ ИФОДАИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ҲОЛИ ТАРЗИ АМАЛ

Забони тоҷикӣ дар ибтидои асри XX ба дигаргунию таҳаввулоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардида, дар марзҳои алоҳида густариш ёфтааст. Дар ин давра забони тоҷикӣ аз вартаи мураккабнависию сабки муншиёна раҳо гардид. Заминаи воқеӣ барои рушди бесобиқа дар роҳи содабаёнию оммафаҳмӣ ва ба асолату покизагии давраи оғозини худ баргаштану аз имконҳои дохилии худ ба таври васеъ истифода кардан ва ба забони тавонои ҷомеаи навин табдил ёфтан пайдо гардид [10, с. 8].

Тадриси забони тоҷикӣ аз омӯзгор талаб мекунад, ки ҳамеша ва ҳамарӯз дар пайи донишандӯзӣ буда, аз комёбиҳои ҷадид дар усули таълим ва тадқиқоти илми забоншиносӣ бархурдор бошад.

Талаботи замони муосир моро водор мекунад, ки дар макотиби миёна, пеш аз ҳама, ба нақшаи корӣ, мақсад, мазмуну мундариҷа ва усули босифати нишонраси таълими забони модарӣ ва маводи тадрисӣ, ба таври ҷиддӣ таваҷҷуҳ кунем. Дар баробари ин, қобили зикр аст, ки меҳвар ва маводи асосии тадриси омӯзиши забони тоҷикӣ, ин забонест, ки аз овони кӯдакӣ аз бар намудан ва омӯхтани онро оғоз намуда, дар гуфтору муомилоти ҳамарӯза ва маҳз бо истифода аз калимаву ибораҳои озоду устувор, ҷумлаҳои содаю мураккаби забони тоҷикӣ мулоҳизаву мушоҳидаҳои худро ба таври оммавию публитсистӣ, илмӣ ва илмию методӣ иншо намуда, ба ҷомеа манзур менамоем. Тадриси предметҳои забони тоҷикӣ хеле мураккаб буда, омӯзиш ва аз худ кардани онҳо ба маҳорат ва қобилияти забономӯзиву забондонии донишомӯзон иртибот дорад.

Мавзуи интихобшуда яке аз қисмҳои синтаксии забоншиносӣ маҳсуб ёфта, ибора, ҷумлаҳои содаю мураккаб, сохту таркиби онҳо, алоқаи маъно ва грамматикии ҷузъҳояшон, ибора, хелҳои ибора ва ҷойи онҳо дар низоми сохти синтаксисии забони тоҷикиро баррасӣ менамояд.

Ҷумлаи мураккаби тобеъ яке аз мавзуъҳои нисбатан душвори синтаксис мебошад. Дар ҷумлаи мураккаби тобеъ яке аз ҷумлаҳои таркиби ҷумлаи муракаб нисбатан мустақил буда, ҷумлаи дигар ва ё ҷумлаҳои дигар ба он тобеъ мебошанд.

Чӣ тавре ки иброз намудем, ҷумлаҳои пайрав, одатан, дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ омада, вазифаи он сарҷумлаи ҷумлаи мураккаби тобеъро пурра мекунад ва доир ба инъикоси андешаи дар ҷумлаи асосӣ иншогардида хидмат мекунанд. Номгӯ ва навъҳои мавзуъҳои дарбаргирифтаи наҳвии забоншиносӣ, алалхусус, роҳи тадриси ҷумлаҳои мураккаби тобеъ - сарҷумла ва ҷумлаи пайрави он аз нуқтаи назари илмӣ - методӣ паҳлуҳои зиёди он то имрӯз ба таври кофӣ зери тадқиқот қарор гирифта нашудааст.

Ҷумлаи содаи мустақилро сарҷумла ва ҷумлаи эзоҳдиҳандаро ҷумлаи пайрав меноманд. Дар ҷумлаи мураккаби тобеъ ҷумлаи сода, ки дар вазифаи сарҷумла меояд, ҷумлаҳои пайравро ба худ тобеъ менамояд ва дар баробари ин, ҷумлаи пайрав, барои шарҳ ва ё эзоҳи мубтадо меояд.

Ҷумлаи мураккаби тобеъ "дар асоси шакли тафсилӣ гирифтани алоқаи маъно ва грамматикии ҷумлаҳои сода ба вуҷуд меояд. Ҳар як ҷумлаи мураккаби тобеъ аз ду ва ё зиёда аз он ҷумлаҳои содаи аз ҷиҳати маъно бо якдигар алоқаманд, ки байни худ алоқаи мустаҳками синтаксисӣ доранд, таркиб меёбанд. Дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҳама гуна ҷумлаҳои сода, чи аз ҷиҳати сохт ва чи аз ҷиҳати маъно, бо ҳамдигар вобаста гардида, маънои мустақили худро то як андоза гум мекунанд ва яке ба дигаре тобеъ мешаванд, ки навъи махсуси ҷумлаҳои мураккаби тобеъ низ аз ҳамин на-

муд ва аз ҳамин ҷо сар мезананд”. Мисол, “Карим ба рӯйи падару модари худ зӯр ба зӯракӣ лабханд мекард, ба тавре ки ӯро дида зории кас меомад”. Дар ҷумлаи зерин “Карим ба рӯйи падару модари худ зӯр ба зӯракӣ лабханд мекард” - сарҷумла ва “ӯро дида зории кас меомад” - ҷумлаи пайрав мебошад. Чӣ тавре ки маълум аст, сарҷумла ҷумлаи асосӣ буда, ҷумлаи пайрав сарҷумларо пурра мекунад.

Зикр бояд кард, ки ҷумлаи пайрави ҳол аз рӯйи маъно ва вазифаҳои наҳвии худ ба навъи васеъ ҷумлаҳои пайравро ташкил медиҳанд. Роҷеъ дар онҳо танзими воситаҳои алоқаи тобеъ, ҷиҳатҳои кулли тафовути онҳо, махсусан, равшан ва пурра ифода гардидаанд.

Мушоҳидаву корҳои тадқиқотӣ маълум менамоянд, ки ҷумлаҳои пайрави ҳоли замон, шарт, хилоф бештар дар аввал ва пас аз он сарҷумла омада, дар ҷумлаҳои пайрави сабаб, мақсад, натиҷа бошад, ҷумлаи пайрав баъд аз сарҷумла ҷой мегирад. Ҷумлаи пайрави тарзи амал ҳам бар эзоҳи калимаҳои ҳамнисбати сарҷумла омада, он дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ бештар дар байн ё пас аз сарҷумла ҷойгир мешавад. Мисол, “Мансур бо оилааш омада расиданд ва дамашонро базӯр рост карда, ба тавре ки тавонистанд, арзи ҳол карданд”. “Лола бисёр шарм мекашид, ба тавре ки ҳатто ду бари рӯяш ҳам суп-сурх мешуданд”.

Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал бештар ва асосан, хабари ҷумлаи мураккаби тобеъро ва ё таркиби хабари сарҷумларо шарҳ медиҳад. Вале он ҷумлаи пайрав ба ҳоли тарзи амали сарҷумла ҳам тобеъ шуда, сарҷумларо шарҳ медиҳад. Дар ин маврид ҷумлаи пайрави тарзи амал ба ҳоли тарзи амал ва ё калимаҳои ҳамнисбат, ки дар сарҷумла вазифаи ҳоли тарзи амалро иҷро мекунанд, тобеъ шуда меоянд. Мисол, “Халтаи хатчӯбро дар бағал чунон ҷой мекарданд, ки қисми номи қарздор навишташудаи чӯбҳо аз бағал берун ва намоён шуда меистод” (С. Айнӣ).

Баёни ҷумлаи пайрави ҳол яке аз масъалаҳои дарси забони тоҷикӣ буда, вазифаи ҳар омӯзгори забони тоҷикӣ равшан шарҳ додани ин ё он мавзуи грамматикӣ аст. Дарси забони тоҷикӣ дар синфҳои V-XI аз соҳаҳои муҳимми забоншиносӣ буда, қисми грамматика назар ба дигар қисматҳои забоншиносиро меҳвари асосии омӯзиш ҳисобидан мумкин аст. Баргузор кардани дарс мувофиқи талаботи имрӯза аз муаллим тайёрии пухта ва маҳорати касбиро талаб менамояд, чун шунаванда дар дарс се самти таълимро баробар аз худ кунад. Дар натиҷаи азхудкунии маводи нав, арзёбӣ ва истифодаи донаниши адӯхтаашро дар мисолҳо шарҳу эзоҳ дода тавонад. Аз ин хотир, дарси замонавӣ набояд дилгиркунанда бошад. Ба ин маънӣ, «Зиқӣ дар дарс душмани ашаддии таълим аст» [9, с. 33].

Истифодаи методҳои нави таълим боиси хотирмону ҷолиб баргузор кардани дарс мебошад. Бинобар ин, кӯшиш бояд кард, ки дар қисми зиёди дарс хонандагон фаъолона иштирок кунанд. Ин ҷо мо лозим донистем, ки ба мушоҳидаву таҷрибаи андӯхтаи хеш перомуни роҳу усулҳое, ки аз истифодаи онҳо метавон натиҷаҳои самарабахш гирифт, андеша дошта бошем. Пеш аз ҳама, миқдори соатҳои ба ин ё он боб додашудаи барномаи таълимиро дуруст истифода бояд кард. Афзалияти ин кор дар он аст, ки ба хонандагон имкони аз худ намудани мавзуъҳо сабуктар мегардад. Мутобиқи талаботи “Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI (с. 2006) омӯзиши боби “Ҷумлаи мураккаби тобеъ” дар синфи IX ба роҳ монда шудааст, ки онро мо ба тариқи зайл соатбандӣ намудем:

1) Маълумот дар бораи ҷумлаи мураккаби тобеъ ва хусусиятҳои барҷастаи он; 2) Сарҷумла (ҷумлаи тобеъкунанда) ва ҷумлаи пайрав (ҷумлаи тобеъшаванда); 3) Кори хаттӣ - «Зебоиро дар чӣ мебинед»; 4) Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои пайрав бо сарҷумла; 5) Ҷойи ҷумлаи пайрав; 6) Фарқи ҷумлаи мураккаби тобеъ аз ҷумлаи мураккаби пайваст; 7) Инкишофи нутқи мураттаб. Иншои тасвири “Кишвари ман обод мегардад”; 8) Умумияти ҷумлаи мураккаби тобеъ ва пайваст; 9) Зарурати ҷумлаи мураккаби тобеъ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ; 10) Диктанти санҷишӣ; 11) Инкишофи нутқи мураттаб. Мубоҳиса: “Дӯстӣ бо мардуми доно накуст”; 12) Хелҳои ҷумлаи пайрав, ҷумлаи пайрави пуркунанда; 13) Ҷумлаи пайрави муайянкунанда; 14) Ҷумлаи пайрави мубтадо ва хабар; 15) Инкишофи нутқи мураттаб. Озмун: «Кӯш, то халқро ба кор ойӣ» (хаттӣ); 16) Ҷумлаи пайрави ҳол ва хелҳои он, ҷумлаи пайра-

ви ҳоли замон; 17) Ҷумлаи пайрави ҳоли тарзи амал; 18) Ҷумлаи пайрави ҳоли шарт; 19) Инкишофи нутқи мураттаб. «Навиштани тақриз бо иншои ҳамсинфон». 20) Ҷумлаи пайрави ҳоли сабаб ва мақсад; 21) Ҷумлаи пайрави ҳоли миқдору дараҷа; 22) Ҷумлаи пайрави макон; 23) Инкишофи нутқи мураттаб; 24) Ҷумлаи пайрави ҳоли натиҷа ва хилоф; 25) Мавридҳои кор фармуда шудани вергул дар ҷумлаи мураккаби тобеъ; 26) Маълумоти умумӣ дар бораи хелҳои махсуси ҷумлаҳои мураккаб: омехта ва сертаркиба (бо якчанд ҷумлаи пайрав); 27) Инкишофи нутқи мураттаб. Иншо: «Домони устод гиру шод шав!»; 28) Диктанти санҷишӣ; 29) Таҳлили диктантҳо ва такрори мавзуъҳои гузашта [3, с. 18].

Аз ин соатҳо роҷеъ ба таҳлил ва таълими мавзуи «Ҷумлаи пайрави ҳоли тарзи амал» ба таври мушаххас истода мегузарем. Дар лаҳзаи пурсиши мавзуи гузашта ду ва ё чор нафарро ба назди тахтаи синф даъват намуда, супориш медиҳем, ки яктоӣ ҷумлаи мураккаби тобеъ, ки ҷумлаи пайрави замон бошад, нависанд. Баъдан ба чор хонандаи дигар варақчаҳои пешакӣ омода намударо месупорем:

**Варақчаи 1.**

Аз рӯйи нақшаи зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед:

____________, муайянкунанда, _____________

**Варақчаи 2**.

Ҷумлаи мураккабе нависед, ки дар он ҷумлаи пайрави замон пас аз сарҷумла омада бошад.

**Варақчаи 3.**

Аломати вергулро гузошта, сарҷумларо аз ҷумлаи пайрав ҷудо созед ва хели ҷумлаи пайравро муайян кунед: “Мақсади мо ҳамин аст, ки ӯро дастгирӣ намоем”.

Ба хонандагони дигар супориш додан лозим аст, ки ба саволҳои тестии пешниҳодшуда доир ба мавзуъ ҷавобҳо ёбанд. Рафти иҷрои супоришҳои додашударо зери назорат гирифта, кӯшиш бояд кард, ки дар дарс бештар худи хонандагон фаъол бошанд. Зеро дарси муосир ба талаботи имрӯза, яъне, таълими муносибати босалоҳият ҳамвора бояд тадрис шавад.

Ба ақидаи олими рус Е. Вяземский “Муносибати босалоҳият дар таълим падидаи нав набуда, онро мардуми тоҷик ҳазорсолаҳо инҷониб истифода бурдаанд. Чӣ тавре ки таърих гувоҳ аст, дар гузашта шахсони соҳибкасб таҷрибаи худро аз як насл ба насли дигар интиқол медоданд. Татбиқи муносибати босалоҳият пайванди наслҳо мебошад” [4, с. 25].

Муҳаққиқони низоми босалоҳият зикр намудаанд, ки ҳамаи дониш, таҷриба ва маҳорати касбӣ бо якдигар пайваст буда, якдигарро пурра мекунанд, ки он барои ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси зиндагӣ, маърифатӣ ва касбӣ пиёда карда мешавад. Бинобар ин, инфиродӣ роҳандозӣ кардани навъҳои гуногуни дониш, малакаю маҳорат, инчунин, навъи амал дар ҳолати мушаххас намоиш медиҳад (вазъияти таълимӣ, инфиродӣ ва касбӣ), салоҳиятнокист.

Натиҷаи маълумоти гирифташуда ҷараёни фаъолиятест, ки зери мафҳуми он маърифати дорои ҳақиқати ногузир ва санҷиши таҷрибавӣ фаҳмида мешавад. Ҷараёни фаъолияти муайянро, ки дар натиҷаи андӯхтани донишу таҷриба гирифта мешавад, малака меноманд. Раванде, ки тавассути таълим ва такрори пай дар пай дар шуури зеҳни шогирд пайдо мешавад, маҳорат меноманд.

Тазаккур бояд дод, ки салоҳияти фанни забони тоҷикӣ, маҳорати касбӣ, малака ва хаёли рангоранг ва эҷодкории омӯзгорро талаб мекунад. Омӯзгор ҳангоми таҳлили маводи ҷадид, яъне, ягон мавзуъ мақсад, мундариҷаи таълим, усули фаъолияти шогирдон, муносибати мутақобиларо ба инобат мегирад. Банақшагирии омӯзгор дар асоси масъалагузорӣ оғоз ёфта, дарс дар низоми босалоҳият роҳандозӣ карда мешавад. Мазмун ва вазифаи таълим бошад, бо ҳадафи болоравӣ ва инкишофу ташаккули салоҳиятҳо аз муқаддимаҳои мухталиф иборат буда, интихоб мешавад. Омӯзгор таълимгирандагонро вазифадор мекунад, ки ба таълим ва раванди он бодиққат муносибат намояд. Ҳамкории мутақобила хусусияти эҷодӣ ва навгониро доро аст. Дар рафти таълим ба хонандагон роҳу воситаҳои худбаҳодиҳиро меомӯзонад.

Бо мақсади муайян кардани сатҳи дониш, малака ва маҳорати асосии хонандагон оид ба мақсад ва мавзуи дарс арзёбӣ байни дониш, малака ва маҳорати пешина ва маводи таълимии

нав чун пуле хидмат мекунад. Инчунин, ин навъи арзёбӣ барои тағйир додани раванди дарс ва мутобиқ сохтани муҳтавои он ба талаботи хонандагон ёрӣ мерасонад. Воситаҳои гуногуни арзёбӣ дар раванди машғулият ва пас аз хатми боби муайяни таълим истифода мешавад. Воситаҳои арзёбии “Ба худ баҳо додан”, “Ба ҳамдигар баҳо додан” дар машғулиятҳо истифода мешавад.

Аз гуфтаҳои боло маълум аст, ки салоҳиятро таълим намедиҳанд, балки он дар натиҷаи аз худ кардани дониш, малака ва маҳорат ба даст оварда мешавад. Дар тақвияти гуфтаҳои боло, пас аз таҳлилу муҳокимаи супоришҳо оид ба мавзуи гузашта, ба баёни мавзуи нав шуруъ мекунем. Дар тахтаи синф аёнияти омодашударо пешкаши хонандагон мекунем.

Ҳоли тарзи амал аломат, ҳолат ва тарзи иҷрои амалро фаҳмонда, ба саволҳои чӣ тавр?, чӣ тарз?, чӣ тариқ? ҷавоб мешавад.

Давлат омада ин корро аз дасти пиразан гирифт ва чолокона гиреҳҳоро кушод (Р. Ҷалил). Ӯ хоҳ-нохоҳ саргузашташро ба пурсандагон нақл кард (С. Улуғзода). Ман вайро пештар ҳаргиз он гуна хурсанду хушҳол надида будам (С. Улуғзода).

Ҳоли тарзи амал бо ҳиссаҳои нутқи зерин ифода меёбад: 1. Бо исм: “Духтарон ба ин гуна ҷавон бо чашми ҳавас нигоҳ мекунанд” (С. Улуғзода). 2. Бо ҷонишин: “Шабона ӯ чӣ тавр ба гузари Ғозиён рафтагиашро худаш ҳам надониста монд” (С. Улуғзода). 3. Бо сифати феълӣ: “Ҳама аз ҷавоби ӯ завқ карда хандиданд” (С. Улуғзода). 4. Бо зарф: “Ҳама дар ҳайрат ва тааҷҷуб ба ҳамдигар нигоҳ мекарданд” (Ҷ. Икромӣ). 5. Бо ибораҳоии фразеологӣ: “Одамон дандон ба дандон монда ба хунукӣ тоқат мекарданд”.

Пайвандакҳои ҷумлаи пайрави тарзи амал:

Ба тавре ки, ба тарзе ки, дар ҳолате ки, бе он ки, ба тартибе ки, чунон ки, гӯё ки, мисли он ки.

Ҷумлаҳои зеринро дар тахтаи синф менависем:

«Шахси ношинос аз ин дарёфти ногаҳонии ҳамсуҳбати ношиноси худ дар ҳайрат афтод, бе ин ки ба пурсиши ӯ ҷавоб диҳад, ба ӯ нигоҳ карда истод» (С. Айнӣ). «Ман, дар ҳолате ки аз ҳалвои қоқтии дар дастам будагӣ газида гирифта, қатар-қатар мехоидам, ба падарам гуфтам» (С.Айнӣ).

Сипас, дар асоси ин мисолҳо, таърифи мавзуъро шарҳ медиҳем:

Ҷумлаи пайрави тарзи амал дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ омада, чӣ тарз воқеъ гардидани амали сарҷумларо шарҳу эзоҳ медиҳад. Ҷумлаҳои навишташударо таҳлил карда, таърифи мавзуъро асоснок бояд кард. Шавқмандии хонандагонро ба мавзуъ ба мушоҳида гирифта, супориш медиҳем, ки кадоме аз онҳо пештар шарти машқи 109-ро иҷро мекунад.

Намуна: Ҷалол, гӯё ки ба гарданаш ресмон андохта, базӯр мекашида бошанд, пойҳояш ба мисли сурб вазнин, хоҳам-нахоҳам ба сӯйи аспи худ мерафт [9, с. 64].

Агар дар таълими мавзуи мазкур ғайр аз китоби дарсӣ аз китоби Муҳаммадӣ Афғонов бо номи «Маҷмуаи машқҳо аз забони тоҷикӣ барои синфи IX» истифода намоянд, ба хонандагон дастрас шудани мавзуи номбурда осонтар мегардад.

Аз машқи 126, саҳифаи 95 ҷумлаҳои зеринро навишта, супориш медиҳем, ки хонандагон сарҷумлаву хели ҷумлаи пайравашро ёбанд:

“Табиб, дар ҳолате, ки чашмонашро аз даст ба кисаи саройбон намеканд, хуб-хуб-гӯён аз дар баромад”. “Дар даруни молхона якчанд нафар, ба тарзе ки бинанда онҳоро мурда гумон мекард, хобида буданд”.

Аз ҷумлаҳои додашуда шогирдон бе душворӣ сарҷумла ва ҷумлаи пайравро ёфта, хелҳои онро муайян мекунанд. Дар лаҳзаи мустаҳкамкунии мавзуъ супориш дода мешавад, ки хонандагон аз рӯйи нақшаи зер ҷумлаҳо тартиб диҳанд:

1.____________, ҳол.
2.______________, ҳол ________________.
3. __________ҳол, ____________________
________________________________________.

Бо мақсади дарки хуби боби “Ҷумлаҳои пайрави ҳол ва хелҳои он” ба шогирдон супориш медиҳем, ки дар шакли зерин нақша тартиб диҳанд ва таърифу воситаҳои алоқаи онҳоро бо мисолҳо нависанд:

| р/т | Навъҳои ҷумлаи пайрави ҳол | Шарҳ диҳед | Воситаҳои алоқа | Ҷумлаҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҷумлаи пайрави макон | | | |
| 2 | Ҷумлаи пайрави тарзи амал | | ба тавре ки, дар ҳолате ки, бе он ки, гӯё ки | |
| 3 | Ҷумлаи пайрави мақсад | | | |
| 4 | Ҷумлаи пайрави хабар | | | |

Хонанда оид ба азхудкунии фанҳои гуногун бояд на танҳо ҳамчун шунаванда ва донишомӯз, балки ҳамчун эҷодкор бошад ва қисмҳои забонро хуб дарк карда тавонад. Аз таърихи забон, луғатҳои забони тоҷикӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, фарҳанги забон ва дигар маводи ба он вобаста истифода намуда, ба фаъолияти ҳамсабақонаш арзёбӣ карда тавонад.

Вазифаи аслии ҳар омӯзгори забони тоҷикӣ ин равшану возеҳ шарҳ додани ин ё он мавзуи грамматикӣ аст. Омӯзгор вазифадор аст, барои таълими забони тоҷикӣ аз усулҳои гуногуни таълим бархӯрдор буда, барои истифода ва интихоби усули таълим нозукбинона муносибат карда, тайёрии хуб дошта бошад, зеро таълими мавзуъҳои қисмати синтаксисии забоншиносӣ аз омӯзгор донишу маҳорати касбиро талаб мекунад. Дар баробари ҷараёни таълим омӯзгор вазифадор аст, ки пеш аз ҳама, ба дили хонанда омӯзиш ва парвариши забони ноби шевои тоҷикиро ҷой диҳад.

Аз кори заҳматписанди таълим омӯзгор бояд мантиқ ва пайдарҳамии омӯзишро риоя кунад, то ки шогирдон мунтазам ба муваффақият ноил гарданд. Бо чунин равиш дарси яксоатаи пешниҳодшудаи тадриси мавзуъ метавонад, омӯзгорро ба мақсад расонад.

**Адабиёт:**

1. Авғонов, М. Маҷмуаи машқҳо аз забони тоҷикӣ барои синфи IX/ Душанбе: Сифат, 2010. – 320 с.
2. Аминов С. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ - Душанбе, «Маориф», 2020. – 255 с.
3. Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI – Душанбе: Маориф, 2006. – 152 с.
4. Вяземский Е.Е., О.Ю. Стрелова. Педагогически подходы к реализации концепции единого учебника по истории. – М.: Просвещения, 2015. – 80 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ч.1 (Лексикология, фонетика, морфология). – Душанбе: Дониш, 1985. – 385 с.
6. Дудников А. В. Методика изучения грамматики русского языка в восьмилетней школе. - М.: Просвещение, 1977. – 303 с.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 2 , Нашриёти «Маориф», Душанбе 1984 - 325с.
8. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 2, Нашриёти «Маориф», Душанбе 1984 – 325 с.
9. Қурбонов, М. Асосҳои лингвистӣ ва методии таълими услубшиносии тоҷик дар мактаби миёна / М. Қурбонов. - Душанбе: Маориф, 1988. – 192 с.
10. Лутфуллоев, М. Эҳёи педагогикаи аҷам / М. Лутфуллоев. - Душанбе: Маориф, 1997. - 148с.
11. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе / А.В. Текучев. - Москва: Просвещение, 1980. - 414 с.
12. Хоҷаев, Д. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи IX / Д. Хоҷаев З. Зикриёев, А. Муллохонов. - Душанбе: Собириён, 2007. – 260 с.
13. Шарофиддин Рустамов. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 3, ҷумлаҳои мураккаб / Рустамов Шарофиддин, Б. Камолиддин. – Душанбе: Дониш, 1989. – 322 с.
14. Шербоев, С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ (барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олии Тоҷикистон) / С. Шербоев. – Душанбе: Шуҷоиён, 2009. – 456 с.

**Бахтовар ҲУКУМЗОДА,**
**муовини директор оид ба корҳои тарбияи Литсейи давлатии «Ориёно»-и шаҳри Бохтари вилояти Хатлон**

# НАҚШИ ҚОНУНҲОИ МИЛЛӢ ДАР ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОН



Ахлоқ, ки яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, маҷмуи меъёру муқаррароти асосии муносибати оилавӣ, фардӣ ва иҷтимоии одамон мебошад, дар луғат ба маънои рафтору кирдор, хулқу хӯ ва сират омадааст. Тарбияи ахлоқӣ ба ташаккули арзишҳои анъанавӣ, баҳодиҳӣ, муносибат ба гузаштагон асос меёбад. Кӯдак бояд маҳдудиятҳои ахлоқии тафаккури мустақили худро дарк кунад ва оқибатҳои қарору амалҳои худро барои худ ва атрофиён ба назар гирад. Ҳар як муносибати танқидӣ бояд на ба майлу хоҳиш ва ҳисси шахсӣ, балки ба донишҳои базавии ӯ асос ёбад, то ки қарор, ақида ва кирдораш ба атрофиён зарарнок нашавад. Аммо барои он ки ин донишҳои захиравӣ ночиз набошанд, шахс бояд дар ҳама гуна муносибатҳои иҷтимоӣ, маънавӣ ва иқтисодӣ инкишоф ёбад.

Барои шавкмандӣ, руҳбаландӣ ва рушди тарбияи ахлоқии хонандагон мо метавонем, дар муассисаи таълимӣ ҳар гуна озмун, дарсҳои кушод, маҳфилҳои шавқовари тарбиявӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, чорабиниҳои беруназсинфӣ ва мизи мудаввар баргузор карда, хонандагони дорои қобилиятҳои гуногун ва душвортарбияро бо дарсҳо ҷалб намоем. Инчунин, ҳангоми иштироки онҳо дар чорабиниҳо, даъвати волидон ва шахсони наздики онҳо ба манфиати кор аст.

Омӯзгор вазифадор аст, ки волидайнро бо дарки масъулият водор намояд, ки фарзандони худро ба хотири бекор намондан, ба ҳар гуна курсҳои омӯзишӣ, ба монанди курсҳои омӯзишии забонҳои русиву англисӣ, компютер, инчунин, ба омӯхтани ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили заргариву оҳангарӣ, зардӯзиву гулдӯзӣ, кандакорию бофандагӣ ҷалб намоянд. Ҳамчунин, бояд фарзандони хешро барои машғул шудан дар риштаҳои мухталифи варзиш сафарбар на-

моянд. Зеро варзиш кафили асосии солимӣ ва инкишофи муътадили наврасон буда, метавонад, онҳоро аз бекор мондан, таъсири бади кӯча ва ба ин васила, аз аъмоли ношоиста эмин нигоҳ дорад.

Омӯзгор аснои дарсҳо ва машғулият бояд фаҳмонда тавонад, ки таълиму тарбия дар баробари қарзи виҷдонию масъулияти фитрӣ, ҳамзамон, уҳдадориҳои қонунӣ дорад. Тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи таркибии ахлоқи шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад. Давлати дорои ояндаи пурсаодат ҳамон кишвареро метавон ном бурд, ки наслҳои он тарбияи хуб дошта, сазовори боварӣ бошанд. Таълиму тарбияи чунин наслҳои ояндасоз танҳо дар доираи арзишҳои миллӣ ва башарӣ имконпазир аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» чунин шакли тарбияро имконпазир гардонидааст.

Қонуни мазкур дар таълиму тарбияи ахлоқӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии ҷомеа нақши муассир дошта, дар ташаккули худшиносӣ, маърифатнокии наврасону ҷавонон, ки неруи пуриқудрат ва боигарии давлат маҳсуб меёбад, заминаҳои ҳуқуқиро фароҳам кардааст. Тарбия, асосан, кори дастаҷамъона буда, дар доираи талаботи қонуни мазкур ҳамкории тамоми ниҳоди таълимию расмӣ бо волидайн мушаххас шудааст. Вазифаи ҷонии ҳар як падару модарро қонуни мазкур дар такя ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар моддаҳои худ асоснок намудааст.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки ин қонун нахуст бо номи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, аз 2-юми августи соли 2011, таҳти №762 қабул шуда, бо дарназардошти баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак ва ҷалби дигар ниҳодҳо ба масъала ва инчунин, барои оммафаҳм ва ба таври васеъ танзим намудани муносибатҳо оид ба таълиму тарбияи кӯдак, аз 20 июни соли 2024 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” дар таҳрири нав қабул гардид, ки он аз 7 боб ва 25 модда иборат мебошад.

Қонун дар таҳрири нав масъулияти падару модарро нисбат ба таълиму тарбияи кӯдак дучанд менамояд. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: “Дар ҳамаи зинаҳои таълиму тарбия ва такмили ахлоқу маънавият масъулияти асосӣ бар дӯши падару модар аст. Зеро падару модар дар саргаҳи ташаккули андешаву эҳсос ва рушди ҷаҳонбинии кӯдак қарор доранд, фарзандон дунёро бо чашму дили онҳо мебинанду мешиносанд ва муносибати худро ба олами атроф, қабл аз ҳама, аз дидгоҳи падару модар муайян мекунанд. Усулан ақлу идрок, ҷаҳонбинӣ ва фазилати маънавии падару модар аввалин сарчашмаест, ки дар зеҳну шуури кӯдак нақши ҳамешагӣ пайдо мекунад ва нуфузи он дар зиндагии инсон як умр боқӣ мемонад”.

Аз ин лиҳоз, ҳар фарде, ки миллати худ, Ватани худро дӯст дораду эҳтиром намояд, бояд ба қадри арзишҳои миллати худ бирасад ва дар масъалаи муҳимтарини зиндагӣ – таълиму тарбияи фарзандон бетафовут набошад. Онҳоро дар руҳияи баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихор аз Ватану ватандорӣ тарбия намояд ва ба илму касбомӯзиашон бештар диққат дода, онҳоро дар ин самт ташвиқ кунад. Зеро фарзанди хушахлоқ, донишманд, ба арзиши маънавии давлат ва сармояи зеҳнии он дохил гардида, маърифатнокии ҷомеа ва қудрати давлатро муайян месозад.

Тарбияи ахлоқии насли наврас яке аз масъалаҳои муҳимми рушди маънавии ҷомеаи муосир ба шумор меравад. Давлат ва ҷомеа бояд барои ташаккули ҷаҳонбинии солим, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва одоби шаҳрвандӣ дар байни хонандагон шароит фароҳам оваранд. Яке аз василаҳои муҳимми тарбия дар ин самт, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» мебошад, ки на танҳо хусусияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, балки фарҳангӣ ва ахлоқӣ дорад. Ин қонун, ки бо ташаббуси Пешвои муаззами миллат қабул гардид, ба тарбияи ахлоқии хонандагон таъсири мусбат мерасонад ва дар ташаккули шахси ватандӯсту худогоҳ нақши муассир мебозад. Ин қонун чанд ҷанбаи тарбиявӣ дорад, аз ҷумла:

**1. Арзишҳои ахлоқии миллӣ ва таҳкими эҳтиром ба фарҳанг.**

Яке аз вазифаҳои асосии қонуни мазкур, ҳифз ва тарғиби арзишҳои миллии тоҷикон

аст. Маросимҳо чун ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги миллӣ дар худ одобу рафтори муайянро инъикос мекунанд. Бо танзими ҷашнҳо ва маросимҳо, ҷавонон меомӯзанд, ки эҳтиром ба калонсолон, фарҳанги меҳмоннавозӣ, қадршиносии гузаштагон ва пос доштани анъанаҳо аз ҷумлаи ахлоқи баланд маҳсуб меёбад. Хонандагон дар муҳити оила ва мактаб аз ин арзишҳо сабақ гирифта, ҳисси масъулият ва ҳувияти миллӣ дар онҳо ташаккул меёбад.

**2. Пешгирии исрофкорӣ ва зоҳирпарастӣ ҳамчун тарбияи маънавӣ.**

Яке аз нуктаҳои муҳимми ин қонун пешгирӣ аз исроф ва хароҷоти зиёдатӣ дар баргузор кардани маросимҳо мебошад. Тарбияи маънавии хонандагон бояд ба он равона шавад, ки зоҳирпарастӣ, риёкорӣ ва нишон додани сарват бар зарари ҳамбастагии иҷтимоӣ ва фарҳанги миллӣ аст. Ин қонун ба наврасон мефаҳмонад, ки муҳимтарин арзиш на сарвату мансаб, балки одобу дониш ва ҳунар мебошад. Бо ин роҳ, шахсияти наврасон ба самти камолоти фикрӣ ва маънавӣ рушд мекунад.

**3. Тарбия ба риояи қонун ва масъулияти шаҳрвандӣ.**

Фаҳмондани аҳаммияти ин қонун дар мактабҳо ва муассисаҳои таълимӣ метавонад, ба ташаккули ҳисси масъулият дар хонандагон мусоидат намояд. Онҳо мефаҳманд, ки риояи қонун танҳо вазифаи калонсолон нест, балки як рисолати муҳимми ҳар шаҳрванди ҷавон низ мебошад. Бо ҳамин, донишомӯзон эҳтиром ба меъёрҳои ҳуқуқӣ, шуурнокӣ ва иштироки фаъол дар ҳаёти иҷтимоиро аз худ мекунанд.

**4. Беҳтар шудани муҳити оилавӣ ва иҷтимоӣ.**

Қонуни танзим, инчунин, ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ дар дохили оила ва ҷомеа кумак мекунад. Вақте ки маросимҳо дар доираи қонун ва бо муҳтавои маънавӣ сурат мегиранд, фазои оилавӣ ва муҳити иҷтимоӣ солимтар мегардад. Барои хонандагон, зиндагӣ дар чунин муҳит як мактаби ахлоқӣ мегардад. Онҳо мефаҳманд, ки арҷгузорӣ ба арзишҳои ахлоқӣ ва риояи одоб омили таҳкими муносибати байни наслҳо ва омили асосии суботи ҷомеа мебошад.

5. Раванди татбиқи қонун ва иштироки муассисаҳои таълимӣ

Муассисаҳои таълимӣ бояд дар татбиқи ин қонун саҳми фаъол дошта бошанд. Ин метавонад тавассути баргузор кардани дарсҳои тарбиявӣ, вохӯриҳо бо намояндагони мақомот кудратӣ ва олимон, инчунин, таҳияи корҳои илмӣ ва таҳлилӣ аз ҷониби хонандагон амалӣ гардад. Масъулияти омӯзгорон, волидон ва худи наврасон дар ин раванд калидӣ мебошад. Фаҳмондани ҳадафҳои аслии қонун, яъне, таъмини одобу ахлоқи миллӣ, инсондӯстӣ ва сарфакорӣ бояд ҷузъи муҳимми барномаи тарбиявии муассисаҳо гардад.

Дар замони муосир масъалаи тарбияи ахлоқии насли наврас ба яке аз масъалаҳои калидии ҷомеа табдил ёфтааст. Пешрафти ҳар як миллату давлат дар навбати аввал, ба сатҳи маърифат, ахлоқ ва фарҳанги ҷавонон вобаста аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як давлати мустақил, бо дарки амиқи зарурати тарбияи маънавии насли наврас, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» (20 июни соли 2024, №2049) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (20 июни соли 2024, №2048)-ро қабул ва амалӣ намудааст, ки ҳамчун қонунҳои миллӣ эътироф шудаанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» бо таъкиди масъулияти падару модар ва мактаб муҳити мувофиқ барои таълиму тарбияи кӯдакон фароҳам меорад. Қонун «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бошад, кӯдаконро аз хурдӣ ба арзишҳои миллӣ, сарфакорӣ ва ахлоқи нек ҳидоят мекунад. Маҳз бо татбиқи самараноки ин ду қонун, мо метавонем ҷомеаи солим бисозем, ки дар он насли нав бо ахлоқи намунавӣ ва масъулиятшиносӣ рушд ёбад.

Умуман, мо – омӯзгоронро мебояд, ки дар тарбияи ҳуқуқии хонандагон кулли унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ: тарбияи ғоявӣ, миллӣ, хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ, ватанпарастӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, маърифатӣ, ҳуқуқӣ, гуманистӣ, зебоипарастӣ, меҳнатӣ ва меҳнатдӯстӣ, иқтисодӣ, экологӣ, сиёсӣ, ҷисмонӣ, тафаккури интиқодӣ, таҳаммулпазирӣ ва тарбияи ҳаёти солимро дар вуҷуди хонандагон ташаккул диҳем.

**Бибиҷон ҶАББОРОВА,**
**Зебиннисо ҶАББОРОВА,**
**омӯзгорони Коллеҷи тиббии**
**шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд**

# БОЗИҲО ДАР ДАРС ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНИРО ИНКИШОФ МЕДИҲАНД

Дар Паёми навбатиашон, ки ба Маҷлиси Олии кишвар ироа гардид, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маорифро соҳаи афзалиятноки ҷомеа дониста, таъкид карданд: "Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем, зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа, оромию сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад".

Дарвоқеъ, ин таъкиди Сарвари давлат дақиқ ва илман асоснок буда, ояндаи миллату давлат аз кӯшишу ғайрати омӯзгорон дар самти таълиму тарбияи дурусти насли наврас ва омода намудани кадрҳои баландихтисос вобастагии бевосита дорад. Пешвои миллат дар суханронии хеш ба муносибати Рӯзи дониш бобати баланд бардоштани мақоми омӯзгор таъкидҳои махсус намуда, онро ҳамчун омили муҳимми рушди ояндаи ҷомеа арзёбӣ намуданд. Ин эътимод ва таъкидҳои Пешвои миллат аз ҳар як омӯзгор, ба вежа, омӯзгорони фанни забони англисӣ ҷонфидоиву садоқат, самимияту масъулиятшиносӣ ва кӯшишу ғайрати дучандро дар роҳи забондон намудани донишомӯзон талаб менамояд.

Омӯзиши забони англисӣ, ки дар шароити кунунии ҷаҳон яке аз забонҳои серистеъмоли аҳолии сайёраи Замин мебошад, барои ҳар як фарди кишвар муҳим аст. Омӯзгори муосирро зарур аст, ки забонҳои хориҷиро бештар омӯзад ва дониши андӯхтаи хешро ба шогирдон омӯзонда тавонад. Роҳҳои гуногуни омӯзиши забони англисӣ дар усулҳои таълим ҷой дорад, вале аз ҳама муассиртарини он, ба пиндори мо, ин истифодаи бозиҳо дар раванди дарсҳои забони англисӣ мебошад.

Ҳар як омӯзгор бояд дар раванди гузаронидани машғулият аз истифодаи бозиҳои гуногуни фикрию зеҳнӣ дарси яксоатаи худро шавқовар ва рангин кунад. Намудҳои бозиро мувофиқ ба мавзуи дарсӣ интихоб намояд. Истифодаи бозӣ имкон медиҳад, ки калима ва ибораҳо, ҷумла ва ё гуфтор дар хотираи шогирдон нигоҳ дошта шавад.

Интихоби бозӣ дар машғулият бояд дуруст ва мақсаднок ташкил карда шавад. Мисол: дар тахтаи синф номи узвҳои бадани инсон бо забони тоҷикӣ навишта шудааст ва ба ҷойи нуқтаҳо бо забони англисӣ калимаҳо тарҷума карда мешавад:

**1) бадан - ... (body)  1) дил – ... (heart)**
**2) сар - ... (head)  2) забон – ... (tongue)**
**3) чашм - ...(eye)  3) ҷигар – ... (liver)**
**4) гӯш - ... (ear)  4) мағзи сар – ... (brain)**
**5) бинӣ - ... (nose)  5) хун – ... (blood)**
**6) мӯйи сар - ... (hair)  6) сурхрӯда - ... (esophagus)**
**7) рӯй - ... (face)  7) меъда - ... (pancreas)**
**8) рухсора - ... (cheek)  8) талхадон – ... (gallbladder)**
**9) панҷаи даст - ... (hand)  9) рӯдаи рост - ... (rectum)**
**10) ангушти даст - ... (finger)  10) гурда - ... (kidney)**

Ё дар экран бо навбат расми узвҳои бадан нишон дода мешавад, донишҷӯ онҳоро дида бо забони англисӣ ва баъд бо забони тоҷикӣ номбар мекунад.

Омӯзгор барои ҳавасмандии донишомӯзон ба фанни забони англисӣ роҳу усулҳои беҳтаринро

истифода менамояд. Барои шавқу рағбати наврасону ҷавононро ба машғулият зиёд кардан, чанд усули дарсро ҳамчун намуна меорем.

**Муколамаро хонед ва дар нақш иҷро кунед:**

**Дар назди духтур – At the doctor's**

**Patient: I haven't been feeling well, doctor.**

**Doctor: What's wrong with you?**

**: I've had pain here – just bellow my heart.**

**Doctor: Do you have these pains all the time?**

**Patient: No, not all the time. They usually come after meals.**

**Doctor: After meals? Do you eat much?**

**Гузаронидани хониши занҷира ва тарҷумаи матн:**

**Бемории дил - Heart disease**

**Heart disorders fall into two broad groups: congenital and acquired. Congenital heart defects are caused by structural defects. Acquired heart disease is mainly due to rheumatic fever.**

**Congenital defects may result in cyanosis if the defect is such that blood does got pass through the lungs for oxygenation. The patient has blue lips and blue-finger and toe-nails. The ends of the fingers and toes are rounded and club-like.**

Омӯзонидани забони хориҷӣ ҳадди ақал дар сатҳи муошират вазифаи асосии ҳар як омӯзгори дарсдиҳанда аст. Дар замони муосир бозиҳои бисёре ҳастанд, ки қобилияти сенсорӣ, муҳаррикӣ ва зеҳниро инкишоф медиҳанд. Бояд дар хотир дошт, ки инкишофи зеҳн инкишофи ақл - хотира, дарк ва тафаккур ба ҳисоб меравад.

Бозиҳо намудҳои гуногун доранд, аз ҷумла, бозиҳои рӯимизӣ - чопӣ (лото, домино, шоҳмот, кор бо тестҳо, варақаҳо, расмҳо, ҷобаҷогузории калимаҳо, тартиб додани ҷумлаҳо, ёфтани кроссворд, тартиб додани ребусҳо), ё бозиҳо ба намуди эҷодкорӣ (экрани сехрнок, дастаи эҷодкор, тасвири расмҳо, дар экран нишон додани калима ва ҷумлаҳо, расмҳо, видеороликҳо), инчунин, бозиҳо ба намуди истифодаи диктант (зеҳнӣ, хотиравӣ, биноӣ, ҷобаҷогузорӣ).

Нақшофарӣ ва бозиҳои зеҳнӣ дониши баланди луғатдониро талаб мекунанд. Бештар ба донишҷӯён аз ёд намудани луғатҳоро тавсия додан ба маврид аст. Вобаста ба мавзуи дарс омӯзгор луғатҳо пешниҳод карда, тафаккур ва хотираи зеҳнии шогирдонашро бою ғанӣ мегардонад.

**Номи бемориҳо:**

Номи бемориҳоро донишҷӯён хонда, дар бораи намуди беморӣ бо забони англисӣ маълумоти пурра медиҳанд.

**Heart disease - бемории дил,**
**Hypertension - фишорбаландӣ,**
**First aid - ёрии аввалин,**
**Headache - сардард,**
**Pneumonia - илтиҳоби шуш,**
**Hepatits - зардпарвин.**

Дар раванди барқарор кардани муносибати байниҳамдигарӣ хусусиятҳои синнусолӣ, инфиродӣ, равонии донишҷӯён, мизоҷ, қобилият, шавқу ҳавас, талабот бояд ба инобат гирифта шавад.

Талабот ба ҳамкории сифатҳои нутқи муаллим, пеш аз ҳама, ба вазифаҳои педагогӣ вобаста аст. Яке аз технологияи асосии педагогӣ нутқи муаллим ба ҳисоб меравад. Вазифаи асосии нутқи муаллим барномаҳои маълумоти пурарзишро пешниҳод кардан аст, чунки ҳамкории озоду фаҳмо байни нутқи муаллим ва донишҷӯён боиси фаҳм ва дар хотир нигоҳ доштани донишҳо мегардад. Нутқи муаллим метавонад сода, фаҳмо шавқовару гуногун, яъне, вобаста ба мавзуъ, суръати гуфтор, лаҳн ва ифоданокии худ фарқ кунад.

Дар раванди машғулият бозиҳо метавонанд, фикрронӣро фаъол намуда, шавқи омӯзиши забони англисиро боз ҳам бештар намоянд. Ташкили бозии проблемавӣ дар баланд бардоштани сифати таълим, амиқу устувор омӯхтани мавзуъҳо ва инкишофи тафаккури эҷодии донишҷӯён аз ҳар ҷиҳат ёрии амалӣ мерасонад.

**Шогирдонро омӯзгор ба гурӯҳҳо тақсим намуда, номгузорӣ мекунад:**

Масалан, гурӯҳи “Шарора” ва “Истиқлол”. Ҳар як гурӯҳ дар тахтаи синф номи узвҳои баданро бо навбат, вале аз рӯйи дақиқаҳои муайяншуда менависад. Гурӯҳе, ки дар вақти додашуда бештар номи узвҳои бадани инсонро навишт, ғолиб дониста мешавад. Дар охир, омӯзгор ҷавобҳоро бодиққат аз назар мегузаронад ва онҳоро шарҳ медиҳад. Таъкид мекунад, ки ҳамаи мавзуъҳоро ба пуррагӣ омӯхта бошанд ва моҳияти бозиро амиқ дарк карда тавонанд.

**Манзура МАДАТЗОДА,**
**директори Литсейи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ**



# МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР МАКТАБ

Тағйироти дар ҷомеаи муосир баамаломада ба он боис мегарданд, ки дар ҷараёни таълим ва тарбия инсон на ҳамчун фарди муқаррарӣ, балки ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеа арзёбӣ мегардад. Дар ин замн, дар фазои ҷаҳони муосир оид ба таҳсилоти ватанӣ тамоюлоти афзоишёбандаи мусбат ба вуқуъ омада, ташаккули назарҳои нав ба стратегияи рушди таҳсилот, ки бешак ба вазифаҳои авлавиятнок ва эҷоди шароит барои мутобиққунии таълим ба шароити муосири педагогӣ ба воқеиятҳои тағйирёрбандаи иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудаанд, сурат мегирад. Зиёда аз ин, равшан аст, ки ҷаҳонишавии таҳсилот дар миқёси ҷаҳон шахсияти дорои зеҳнияти баланд ва дорои тафаккури созандаро талаб мекунад, ки қобил аст, дар вазъиятҳои гуногун аз уҳдаи ҳалли вазифаҳои дар наздаш гузошташуда баромада тавонад. Вобаста ба ин андешаҳо, зарурияти такмили мазмуну мундариҷаи таҳсилот ба вуҷуд меояд. Яке аз ин иқдомот дар муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои тҳсилот, аз ҷумла, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим ба ҳисоб меравад.

Муносибати босалоҳият ба таълим чӣ бартарӣ дорад? Ба ин савол аз нуқтаи назари талаботи ҷомеа бо эҳтиёҷоти бозори меҳнат ва мутобиқати он вобаста ба муҳайё будани шароити созгори таҳсилотӣ ҷавоб медиҳем. Сухан, пеш аз ҳама, дар бораи дар муассисаҳои таълимӣ муҳайё будани имкони тағйироти сифатӣ ба сифати таҳсилот, донишандӯзии хонандагон ва омодагии касбии омӯзгорон ва истифодаи технологияи такмилёфтаи таълим меравад. Ҳамзамон, дар ин замн бояд зикр намуд, ки ба мавқеи пешбар масъалаҳои арзёбӣ ва ташхиси натиҷаҳои таҳсилот бе маҳдудшавӣ бо сифати дониш ва маҳорати субъектҳои таҳсилот гузошта мешавад. Ин ба он вобаста аст, ки дар шароити таҳаввулоти иҷтимоӣ, баландшавии суръати рушди ҷомеа ташаккул ва тасдиқи амсилаи нави иҷтимоӣ-шахсӣ ба амал омада истодааст. Аз мавқеи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаи таҳсилоти умумӣ, илова ба вазифаҳои ба таври умумӣ қабулшуда, инчунин, татбиқи вазифаҳои зерин имконпазир аст: маҳорати дар хонандагон рушд додани қобилиятҳои самарабахши дар вазъиятҳои проблемавию ношинос зимни фаъолияти таълимӣ ва ҳаёти воқеӣ; ташаккул ва рушди зеҳни хонандагон, талабот ба фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ дар донишандӯзӣ; омодасозии назариявӣ-амалӣ барои истифодаи донишҳо; ташаккули ҳавасмандии таълимӣ-маърифатӣ, аксуламал ба ин ё он ҳолату вавзъияти рухдода, хоҳиши зарурати рафъи мушкилоти маърифатӣ, эҷодӣ, мушкилоти ҳангоми ба ҳаяҷон омадан; фаҳмидан ва аз худ кардани намунаҳо ва усулҳои фаъолияти маърифатӣ, рушди неруи эҷодӣ, ташаккули қобилияти эҷоди маҳсули нав; азхудкунии усулҳои интиқоли амалҳо ба маводи нав; муносибат ба худшиносӣ; ташаккули муносибати мусбат ба таҳсил, маҳоратҳои баён кардани эҳсосоти худ ба тарзи созанда.

Бояд зикр намуд, ки таълим дар асоси муносибати босалоҳият ба яке аз тамоюлҳои ҷаҳонии таҳсилоти муосир табдил ёфта истодааст. Аз ин рӯ, «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаришро ба мазмуни шахсият – меҳвари фаъолиятӣ пешбинӣ менамояд, ки ба ташаккули усулҳои васеи аз худ кардани олам (яъне, салоҳиятнокиҳои калидӣ) асос ёфтааст. Дар стратегия таъкид карда мешавад, ки бояд барномаи муосири таълим

дар таҳсилоти умумӣ, ки ба муносибати босалоҳият асос ёфтааст, ҷорӣ карда шавад. Рушди таъминоти илмӣ, таълимию методии ҷараёни таълим, ки ба истифодаи самараноки неруи тарбиявии дарсҳои омӯзишӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои шахсии таҳсилотӣ аз ҷониби хонандагон мусоидат мекунад (маводи дидактикӣ ва ташхисӣ, дастурамалҳо оид ба истифодаи онҳо дар раванди таълим) таъмин карда шавад [6, 39].

Яке аз самтҳои ҷустуҷӯи эҷодии олимон бо таҳияи механизмҳои татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаи тасҳилоти миёнаи умумӣ алоқаманд аст. Дар ин зимн, ба сифати яке аз натиҷаҳои асосии фаъолияти таҳсилотӣ салоҳиятнокиҳои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баррасӣ мешаванд. Аз рӯйи соҳаи истифода онҳо ба салоҳиятнокиҳои калидӣ, байнифаннӣ ва фаннӣ ҷудо мешаванд.

Таҳқиқоти муосири илмӣ ба андозаи зиёд ба масъалаи ташаккули салоҳиятнокиҳои калидии хонандагон нигаронда шудаанд (А.С. Белкин, Э.Ф. Зеер, И.А. Зимняя, О.Е. Лебедев, А.В. Хуторской). Аммо коркарди нокифояи механизмҳои ташаккули салоҳиятнокиҳои байнифанниро дар ҳамбастагии онҳо бо салоҳиятнокиҳои калидӣ ва фаннӣ зикр кардан зарур аст. Таҳлили адабиёти илмӣ-педагогӣ ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ моро ба чунин хулоса оварданд, ки масъалаи истифодаи самарабахши фанҳои таълимӣ дар раванди ташаккулёбии низоми салоҳиятнокиҳо дар хонандагон мавриди таҳқиқи лозима қарор нагирифтааст. Ин имкон медиҳад ихтилофоти зерин ошкор карда шаванд:

– байни эътирофи муҳиммияти татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ва сатҳи нокифояи коркарди муқаррароти дахлдори назариявӣ (муносибатҳо, принсипҳо, сохтор ва мазмуни низоми салоҳиятнокиҳо, талабот ба интихоби мазмун);

– байни имкониятҳои дидактикии донишҳои азхудкардашуда ва мавҷуд набудани амсилаи дахлдори татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим.

Дар адабиёти психологию педагогӣ мафҳуми «салоҳиятнокӣ» инъикоси васеи худро қиёсан начандон дер ёфтааст. Ҳамин тавр, дар охири солҳои 60-ум ва аввали солҳои 70-ум дар адабиёти педагогию психологӣ муносибати босалоҳият дар таҳсилот пайдо мешавад. Вале дар марҳилаи кунунии рушди илми педагогӣ ҳанӯз ҳам таърифи дақиқи мафҳумҳои «салоҳиятнокӣ» ва «салоҳият» вуҷуд надорад.

Олимон мафҳуми «салоҳиятнокӣ»-ро мавриди таҳқиқ қарор дода, хусусиятҳои гуногуни арзишию маъноии моҳияти онро шарҳ додаанд. Аз нуқтаи назари онҳо салоҳиятнокӣ – ин низоми дониши амалкунанда буда, фаъолияти амалӣ ва бошуурии таълимро инъикос мекунад. Муҳаққиқ Н.В. Кузмина салоҳиятнокиро ҳамчун хосияти шахсият маънидод намудааст. (2, с. 90). Ба қавли Г. Селевко салоҳиятнокӣ ин қобилияти ба кор бурдани донишу маҳоратҳои касбшуда дар зиндагии рӯзмарра ҷиҳати ҳаллу фасли ин ё он масоили амалию назариявӣ мебошад (5, с. 60).

А.В. Хуторской салоҳиятнокиро аз маҷмуи сифатҳои маърифатие (маҳорату малакаҳо ва қобилиятҳо) иборат медонад, ки бо таҷрибаи фаъолияти шахсият нигаронида шудаанд (7, с. 65).

Э.Ф. Зеер дар мазмуни салоҳиятҳо донишҳои назариявӣ ва таҷрибавиро, ки дар шакли мафҳумҳо, принсипҳо, муқарраротӣ маънноташкилкунанда падид меоянд, пешниҳод менамояд (1, с. 67).

Дар айни замон масъалаи муносибати босалоҳият ба таълим на танҳо аз ҷанбаи назариявӣ, балки, инчунин, аз ҷанбаи амалӣ низ иборат мебошад. Он моҳиятан, бо тағйироти ҳамаҷониба дар ҳаёти ҷомеа алоқаманд буда, афзалиятнок мегардад ва ба мадди аввал гузошта мешавад. Аз ин лиҳоз, мубрамияти масъалаи татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълими муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ падид меояд. Дар ин ҷо худи моҳияти муносибати босалоҳият ба таълим дар натиҷаҳои воқеӣ, натиҷанокии амалҳои муфид, дарки самаранок ва муассири маҳорати ҳамкорӣ намудан бо гурӯҳ ва атрофиён зоҳир мешавад.

Ҳамин тавр, салоҳиятнокии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз меъёрҳои муайяни арзёбикунанда, аз ҷумла, мавҷуд будани неруи маърифатӣ, маълумотнокии баланд, дарки амиқи ҳаматарафаи соҳаи

фаъолият, ки дар тавсифи шахсии хонандагон зоҳир мегардад, иборат аст. Ба таври дигар, салоҳиятнокӣ ба самти натиҷаҳои таҳсилот, на ба маҷмуи соҳиб будан ба иттилооти даркорӣ, балки ба қобилияту зеҳни таълимгирандагон ба иҷрои амали шоиста ва муваффақона дар вазъиятҳои гуногуни таҳсилот падид меояд. Аз ин бармеояд, ки сухан дар бораи салоҳиятнокӣ, яъне, қобилияти шахсӣ-зеҳнӣ меравад.

Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҷорикунӣ ва татбиқи бомуваффақияти муносибати босалоҳият ба таълиму тарбия бо ҳаллу фасли вазифаҳои муҳим оид ба ташаккули низому ташаккули донишҳо, маҳорату малакаҳои хонандагон дар раванди таълим ва пеш аз ҳама, ташаккули салоҳиятнокии шахсияти хонандагон вобастагӣ дорад. Мо чунин меҳисобем, ки ташкили бонизоми чараёни таълиму тарбия ҷиҳати татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълими муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба баланд бардоштани сифати таълим шароит фароҳам оварда, ҳамзамон, имкон медиҳад, то стандартҳои давлатии таҳсилот тибқи талабот ба воқеиятҳои замони муосир ва талаботи ҷомеа мувофиқ кунонида шуда, моҳирона ва саривақт дар амал мавриди истифода қарор гиранд.

Бо дарназардошти фикрҳои болозикр муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифадор мебошанд, ки фаъолияти таълимӣ – ташаккули шахсияти хонандаи босалоҳиятро дар меҳвари фаъолияти худ қарор диҳанд. Дар ин сурат хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври боварибахш барои ташаккули неруи зеҳнӣ ва тафаккури эҷодии худ имкон пайдо мекунад. Дар қатори аз худ намудани дониш, маҳорат ва малакаи муайяни таълимӣ, инчунин, дар хонандагон аз худ кардани малакаи таҳаммулпазирӣ, ташаккул додани сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ низ имконпазир мегардад.

Вазифаи омӯзгор-педагоги муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз эҷоди шароити зарурии таълим барои татбиқи иконияҳои ҳар як хонанда дар ҳаёт иборат мебошад. Дар татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ҷойгоҳи муҳимро сифат ва ҳаҷми донишҳои омӯзгор ишғол менамоянд. Омӯзгороне, ки дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ кор мекунанд, бояд дорои сатҳҳои муайяни маҳоратҳои педагогӣ бошанд.

Сатҳи муайян ва маҳорати омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ имкон медиҳанд, ки хонанда аз нуқтаи назари салоҳиятнокӣ ба ҳаёту зиндагии мустақилона омода карда шавад. Ҳар як салоҳиятнокӣ тадриҷан дар чараёни корҳои таълимию тарбиявӣ ва фаъолияти маърифатии хонандагон ташаккул меёбад.

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти илмию педагогӣ имкон медиҳад, ки дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ташаккули бомароми донишу маҳоратҳои амалии зарурӣ, рушди фаъолнокии эҷодию маърифатӣ таҳлилу баррасӣ карда шавад. Мақсади асосии ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим рушди босифати таълим ва дар ҳамин замина дар хонандагон ташаккул додани малакаҳои зеҳнӣ, ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ ва ноилшавӣ ба чунин сатҳи рушди шахсияте мебошад, ки мавқеи фаъоли иҷтимоӣ ва фаъолнокии мустақилонаи амал намудан дар ин ё он вазъияти баамаломада таъмин карда шавад. Барои ин зарур аст, ки дар хонандагон салоҳиятҳои муайяни таълимӣ ташаккул дода шавад. Аз ин ҷост, ки имрӯз муносибати босалоҳият ба таълим дар миқёси таҳсилоти ҷаҳонӣ афзалияти бештар касб намуда истодааст.

Бояд зикр намуд, ки муносибати ба салоҳиятнокӣ асосёфта таҳсилотро, ки ба пешниҳоди донишҳо ва ташаккули малакаҳо асос ёфтааст, бо тадриҷ ба сӯи фароҳам сохтани шароити созгор барои соҳиб гаштан ба маҷмуи салоҳиятҳои арзишӣ ва бо ин роҳ неру ва қобилияти хонандаро ҷиҳати зиндагӣ ва фаъолияти устувор дар фазои иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ-бозаргонӣ, иттилоотию коммуникатсионии муосир мутобиқ месозад.

Омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва таҷрибаи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба чунин хулоса далолат мекунад, ки дар самти татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим кор аз амалисозии марҳилаи фаъолиятҳо дар самтҳои дар зер нишондодашуда оғоз гардида, минбаъд бо амалӣ сохтани тадбирҳои дигари ба таври мантиқӣ ба онҳо алоқаманд идома дода мешавад:

1. Омӯзиши хусусиятҳои хоси низоми ташаккули муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Дар ин марҳила назарияҳои умумӣ ва махсуси мавҷуда дар илм ва педагогикаи амалӣ оид ба муносибати босалоҳият ба таълим омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд. Ҳамзамон, намунаи стандарт, барнома, китобҳои дарсӣ, ки дар асоси талаботи муносибати босалоҳият ба таълим таълиф гардидаанд, омӯхта баррасӣ карда мешаванд. Дар ин зимн, гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ барои мураттибон ва муаллифони барнома ва китобҳои дарсӣ ба манфиати кор мебошад.

2. Таҳия ва тасдиқи стандартҳои фаннӣ аз рӯйи тамоми фанҳои дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тадрисшаванда. Ин амал тақозо менамояд, ки стандартҳои фаннии таҳияшуда ва фанҳои дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ омухташаванда тасдиқ ва ташхис карда шаванд.

3. Таҳия ва тасдиқи барномаҳои таълимӣ мувофиқи талаботи татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим аз рӯйи тамоми фанҳои дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тадрисшаванда. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф бояд корҳои зерин анҷом дода шавад: таҳияи барномаҳои таълим бо нишондоди салоҳиятҳои умумифаннӣ аз рӯи тамоми фанҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ омӯхта мешаванд; таҳияи барномаҳои таълимӣ бо нишон додани салоҳиятҳои фаннӣ-мавзуӣ аз рӯйи тамоми фанҳои дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тадрисшаванда.

4. Таҳияи меъёрҳои арзёбии салоҳиятҳои хонандагон. Бо дарназардошти ин зарур аст, ки меъёрҳои умумии арзёбии салоҳиятҳои хонандагон таҳия карда шуда, ҳамзамон меъёрҳои махсуси (фаннии) арзёбии салоҳиятҳо низ таҳия карда шавад.

5. Таълифи китобҳои дарсӣ тибқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз ҳамаи фанҳо.

6. Пай дар пай гузаронидани такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим. Ҳамзамон, вазъият тақозо мекунад, ки директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ҷонишинони онҳо низ аз курсҳои такмили ихтисос вобаста муносибати босалоҳият ба таълим гузаронида шаванд.

Ҳамин тавр, таҳлили адабиёти илмӣ-назариявӣ, методӣ ва таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро оид ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим омӯхта, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки гарчанде дар ин самт пешравиҳо ба назар расад ҳам, вале дар шароити таҳаввулоти глобалӣ дар ҷаҳони муосир таҳсилот мушкилоти ҷиддиро аз сар гузаронида, дорои мухолифатҳои гуногун мебошад. Ҳалли мухолифатҳо, бешубҳа, ба такмили мазмун ва мундариҷаи таҳсилот мусоидат намуда, дар ин зимн, мақоми инсонро низ дар ҳаёти ҷомеа муайян месозад.

**АДАБИЁТ**:

1. Зеер, Э.Ф. Компетентностный подход к образованию [Текст] /Э.Ф. Зеер // Образование и наука. – 2004. – №4. – С. 34 – 42.
2. Кузмина Н.Ф. Профессионализм личности преподавателя и мастера производственного обучения. Текст / Н.Ф. Кузьмина. – М., 1990. – С. 90.
3. Лутфуллозода М., Бобизода Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо. Душанбе, – 2017.– 88 с.
4. Муносибати босалоҳият ба таълим (Дастури методӣ). Мураттибон: Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров, Ш. Исрофилниё, А. Байзоев, – Душанбе: «Ирфон», 2018.– 72 с.
5. Селевко Г. Компетенция и компетентность: сколько их у российского школьника? Текст/ Г. Селевко// Народное образование – 2004 – №4 – С. 141.
6. Стратегия миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Душанбе. – 2021. –109 с.
7. Хуторской, А.В. Технология проектирования ключевых и предметных компетенций [Текст] / А.В. Хуторской // Интернет-журнал «Эйдос». – 2005. – 12 декабря, http://www.eidos. ru/journal/2005/1212. htm.

**Марзбоналӣ ҚУРБОНЗОДА,**
**муҳаррири нашрияи “Пайрав”**



# АФКОРИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ТАРБИЯВӢ ДАР “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ






“Шоҳнома”-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ ҳамчун асари ҳамосӣ ба қоидаю қонунҳои хос асос гирифта, мақсади муайян дорад. Он дар равияи талаби шоҳноманависии Сомониён таълиф шуда, кӯшиш ба ҳифзи ватандӯстӣ ва ғояҳои ватанпарастӣ асос мегирифт. “Шоҳнома” анъанаҳои ниёгон ва руҳияи қаҳрамонии онҳоро зинда карда, тарбияи инсони нав ва ташаккули ғоявии ӯро ба роҳ мемонад. Махсусан, дар замони Фирдавсӣ муҳофизати Ватан ва нигоҳдории он аз ҳуҷуми бегонагон масъалаи аслӣ барои ҳар ҷавонмард маҳсуб мешуд ва “Шоҳнома” василаи ёдоварии расми неки ватанхоҳии аҷдодон ин масъаларо баррасӣ менамуд. Бинобар ин, саросари ин асари безаволро ташвиқи ғояҳои ватандӯстӣ ва адолатпарварӣ фаро мегирад. Буинед, Фирдавсӣ мардумро чӣ тавр ба муҳофизати Ватан аз душманон даъват мекунад:

**Нигаҳ кун бад-ин лашкари номдор,**
**Ҷавонони шоистаи корзор.**
**Зи бахри бару буму фарзанди хеш,**
**Зану кӯдаки хурду пайванди хеш**
**Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,**
**Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем!**

Байти интиҳои шеър ишораест, ки шахси тарсончакро ҳам ба ҷӯшу хурӯш меорад ва аҳаммияти хоки ватану дӯстдории онро талқин намуда, муҳофизати марзи меҳанро аз ҷон азизтар медонад. Дар ҳақиқат, барои

як ҷавонмард мурдан беҳтар аст, аз он ки кишварро ба душман таслим намояд.

Фирдавсӣ барои талқини ғояҳои ватандӯстӣ касро ба далерию қаҳрамонӣ даъват мекунад. Аз ному забони қаҳрамонони асар пайваста фикрҳои ба далерӣ ҳидояткунанда меорад. Қаҳрамонҳои ӯ ҳангоми ҷангҳо бо суханҳои руҳбахшандаву далерона мардумро ба ғалаба даъват карда, дар дили онҳо тухми боварӣ мекоранд ва ғайрату шуҷоатро бедор месозанд:

**Бикӯшему мардӣ ба кор оварем,**
**Бар эшон ҷаҳон тангу тор оварем.**

"Шоҳнома" асари безавол ва саросар панду ахлоқист. Пандҳои он дар тули садсолаҳо мардумро одобу ахлоқ омӯхта, дар тарбияи маънавии инсонҳо аҳаммияти калон доранд ва то ҳол арзиши ҳикматангези худро гум накардаанд. Устоди сухан дар охири достони "Коваю Заҳҳок ва тахтнишинии Фаридун" панде изҳор намудааст, ки такрораш дилҳоро мунаввар сохта, барои пойдории некию олиҳимматӣ дар ҷаҳон мадад мерасонад. Фирдавсӣ андешаашро бо боварии том ба мо талқин менамояд:

**Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,**
**Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.**
**Набошад ҳаме неку бад пойдор,**
**Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.**

Вақте ки шоҳ Кайқубод аз олам мегузарад ва ба ҷояш Кайковус меояд, оид ба пойдории анъанаҳо ва расму русуми хирадмандию ростии ниёгон Фирдавсии бузург хулосаҳои пандомези худро ин гуна изҳор менамояд:

**Падар чун ба фарзанд монад ҷаҳон,**
**Кунад ошкоро бар ӯ-бар ниҳон.**
**Гар ӯ бифканад фарру номи падар,**
**Ту бегона хонаш, махонаш писар.**
**Агар гум кунад роҳи омӯзгор,**
**Сазад, к-ӯ ҷафо бинад аз рӯзгор.**

Дар анъанаҳои шоҳигарии қадимиён бузургию хирадмандӣ мавқеи муҳим доштанд ва Фирдавсӣ аз Кайковус инҳоро талаб кардааст. Аммо ин фармудаҳояш аҳаммияти умумӣ гирифтаанд. Ҷавонони бофаросату боҳуш ва боақл роҳи неки падаронро пайравӣ намоянд ва ба бадию зиштӣ роҳ надиҳанд. Ба фармудаи омӯзгоронашон амал кунанд ва аз рӯи ақлу хирад кор баранд.

Агар ба арзиши маънавии панду андарзҳои "Шоҳнома" дар шароити имрӯза, ки раванди ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо ҷараён дорад, назар намоем, мебинем, ки аз пандҳои Ардашери Бобакони Сосонӣ, ки Фирдавсӣ бо меҳр онҳоро тавсиф кардааст, ин байтҳо қимати худро беш аз пеш нигоҳ доштаанд:

**Ба гетӣ намонад ба ҷуз номи нек,**
**Ҳар он кас, ки хоҳад саранҷоми нек.**
**Замоне маёсой аз омӯхтан,**
**Агар ҷон ҳамехоҳӣ афрӯхтан.**
**Чу фарзанд бошад, бафарҳанг дор,**
**Замона зи бозӣ бад-ӯ танг дор.**

Дар ин асари безавол, ки тараннумгари ҳисси ватандорӣ, ҳифзи марзу бум, пос доштани арзишҳои волои инсонӣ, ахлоқӣ ва ҷасорату шуҷоати мардию ҷавонмардӣ мебошад, мо метавонем, муҳимтарин василаи расидан ба асолати миллӣ ва таърихиро дарёфт кунем. Инчунин, дар "Шоҳнома" ба ғайр аз анҷоми кори нек, омӯхтан ба некию ҳиммат, равшандилию ҷасорат кӯшидан, аз таҷрибаи якдигар баҳравар шудан ва шодмону некном зистанро талқин мекунад. Аз ин рӯ, устод Фирдавсӣ таъкид мекунад, ки номи нек аз некӣ боқӣ мемонад ва омӯхтанро ҳеҷ гоҳ мавқуф гузоштан лозим нест, ки қиммат ва тавонмандии шахс дар дониш санҷида мешавад:

**Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,**
**Ба дониш дили пир барно бувад.**

Хулоса, имрӯзҳо, ки Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои нашру тақдими "Шоҳнома"-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ иқдоми фарҳангпарваронаи мондагорро роҳандозӣ кардаанд, моро зарур аст, ки ин пандномаи шоири бузургро бо шавқу рағбати беандоза мутолиа карда, мувофиқи фармудаҳои ҳакими ҳамадон амал намоем ва дар ҳифзи марзу буми Ватани хуршедиямон бо дилу ҷон бикӯшем.

**М. АТОЗОДА,**
**"Маърифати омӯзгор"**



# ТАҲАВВУЛИ РАНГҲО Ё ЭЪҶОЗИ РАССОМИ ТОҶИК

Санъати рассомӣ яке аз қадимтарин ҳунарҳои башарӣ буда, дар ҳар давру замон инсонҳо ба он таваҷҷуҳи хос доштаанд. Агар ба қадимтарин бозёфтҳои таърихӣ назар намоем, дар онҳо нигораҳо ва тасовири гуногунро мебинем, ки нақши дасти инсонҳои хушзавқ таҷассум ёфтааст. Илова бар ин, нақшу нигорҳо дар гузаштаи дур ҳамчун ҳарф ва ё василаи мукотиба низ истифода шудаанд, ки имрӯзҳо намунаҳои барҷастаи онро дар сангнигораҳо ва осори атиқаи осорхонаҳо нигоҳдорӣ мешаванд.

Ҳунари рассомии тоҷику форс дар таърихи нигорандагии ҷаҳонӣ бо исмҳои мухталиф арзи ҳастӣ намуда, дар давраҳои то ва баъд аз мелод бо вежагии хос маълуму машҳур мебошанд. Аз ҷумла, ҳунари волои рассомии Монӣ аз он зумра мебошад, ки то кунун таърихи башарӣ ҳамтоии онро ёд надорад. Зеро эъҷози ҳунарии ӯ то андозае боло гирифта, ки ба эътиқоди ботинӣ мубаддал шудааст ва бар зидди ҷараёнҳои мавҷуда ҳамчун эътиқоди ҷадид ҳаракат намудааст. Ва ё ҳунари нотакрори Камолиддини Беҳзод низ дар авҷи низоми динии вақт, новобаста аз мураккабии давру замон ва андешаҳои хурофотпарастона нисбат ба санъати рассомӣ тавонистааст, ки монеаҳоро убур намуда, қолабҳои мазҳабиро бишиканад ва ҳунари худро барои башарият ҳамчун мероси миллию маънавӣ эҳдо намояд.

Имрӯз низ ҳунари рассомӣ дар кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон як соҳаи муҳимми фарҳангу санъати миллии мо маҳсуб шуда, дар ҳар як муассисаи таълимии давлатӣ ва хусусӣ дарсҳои расмкашӣ ва машғулиятҳои ҳунарӣ ихтисос дода шудааст. Ҳамзамон, дар меҳани фарҳангпарвари тоҷикон коллеҷу литсей ва донишкадаҳои махсуси санъати рассомӣ амал мекунанд, ки ҳар қадоми онҳо шогирдонро дар ҷодаи санъати воло раҳнамун месозанд.

Ин нигошта доир ба эҷоди ду равияи рассомӣ: «Нурворизм» ва «Танворизм», ки аз ҷониби рассоми шинохтаву навовари тоҷик устод Зокир Собиров дар даврони соҳибистиқлолии кишварамон дар хоки Тоҷикистони фарҳангофару фарҳанггустар эҷод намудааст, маълумот дода, барои муҳаққиқони соҳаи фарҳангу санъат, ҳаводорони ҳунари рассомӣ ва омӯзгорони фани расмкашию санъати тасвирӣ метавонад, маълумоти иловагӣ диҳад ва ё чун маводи методӣ хидмат намояд.

Беш аз 20 сол аст, ки дар муҳити фарҳангии Тоҷикистон ва ҷаҳон равияҳои ҷадиди рассомӣ ташаккул ёфтаанд, ки бо тарзу усули хос, коркардҳои тасвирӣ, рангу аломатҳо, мавзуъҳои мунтахаб, чеҳраҳо, шакли тасвирҳо, аносири тасвир, диди нигорандагӣ, ҳикмати расмҳо ва фалсафаи эҷод аз дигар наққошиҳо ба куллӣ фарқ мекунанд. Бешубҳа, ин наққошиҳо маҳсули эҷоди рассоми тоҷик, узви Иттифоқи рассомони Тоҷикистон, Иттифоқи рассомони Иттиҳоди Шуравии собиқ, академики фахрии Академияи рассомии Федератсияи Россия, устод Зокир Собиров мебошанд. Ин равияҳои рассомӣ чӣ гуна равияҳо ҳастанд? Чӣ хусусият доранд? Кай эҷод шудаанду аз кадом солҳо ба маърази тамошои мардум гузошта шуданд? Барои санъату фарҳанги миллати тоҷик чӣ арзиш доранд? Ин суолҳое мебошанд, ки кӯшиш намудем, дар ин нигошта ба онҳо посух гуфта бошем.

Аслан, шиносоии банда аз ин равияҳои рассомӣ пас аз тамошои муназзаму мураттаби

тасвирҳои Зокир Собиров дар утоқе аз утоқҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар соли 2012 иттифоқ афтоду бо як дидан ин мусавваҳо бо эъҷози рангҳояшон зеҳни бандаро ба худ ҷалб карданд. Дар ҳар як тасвир нигоҳи ҷадиди рассомӣ ва масъалагузории фикрӣ эҳсос мешавад.

Бо нигоҳи фикрӣ ба ин расмҳо тулуи хуршед, рақси фаришта, чангу уду доира, ҷилои гесуи дилрабо, чархиши чархаи неругоҳ, сукути даштҳо, хандаи тифл, панҷаи зулм, хурӯши обшор, танини бахт, пайкари булурин ва даҳҳову садҳо рамзу аломат худро аз батни амвоҷи рангҳо намоён мекунанду ҷило медиҳанд. Дар ҳар як тасвир дар баробари ҳувайдо будани навоварии эҷодӣ, ҳамзамон, унсурҳои миллии тоҷикӣ бармало аст.

То имрӯз осори рассомии академик З. Собиров дар намоишгоҳҳои байналмилалию ҷаҳонӣ бо номҳои миллии тоҷикии худ («Нурворизм» ва «Танворизм») муаррифӣ ва рӯинамоӣ шуда, маҳз навоварии эҷодӣ ва вижагии хоси ин асарҳо боис шудааст, ки дар чандин намоишгоҳҳои байналмилалӣ сазовори ҷоизаву шоҳҷоизаҳо гардидаанд. Аз ҷумла, чор медали тилло (солҳои 2015, 2019, 2020, 2021 дар Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико), шоҳҷоизаи «Уқоби тиллоӣ» (дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико) ва ҷоизаи «Беҳтарин рассом» (соли 2018) дар кишвари Украина аз зумраи онҳо мебошанд. Унвони академики фахрии Академияи рассомии Русия ва нишони «Барои рушди санъати Украина» низ аз ҷиҳати эътирофи санъати навини рассом ба ӯ эҳдо шудааст.

Заминаҳои пайдоиши ин равияҳоро рассом вазъи бухронии кишвар дар марҳилаи ҷанги шаҳрвандӣ, парокандагии аҳли фарҳангу ҳунар, оворагии миллат, даҳшати низоъҳои таҳмилӣ, тифлони бесаробону модарони гирёни тоҷик, мактабҳои баставу донишгоҳҳои беназм, ки таъсири ин ҳама ҳаводис ба бухрони маънавӣ боис шуда буд, медонад. Нахустин асар низ дар соли 1997 аз рӯи усули кории «Нурворизм» ва «Танворизм» эҷод шуда, дар муддати 5 сол шумораи асарҳои офаридаи рассом ба 30 мусаввара расид ва нахустин намоиши асарҳои Зокир Собиров бо равияҳои эҷодnamудаи ӯ соли 2002 дар Осорхонаи давлатии ба номи Камолиддини Беҳзод баргузор карда шуд. Баргузории ин намоишгоҳ як таҳаввуле дар муҳити рассомии кишвар маҳсуб мешуд, зеро усули наққошӣ, коркарди рангҳо, истифодаи унсурҳо ва ташбеҳот дар мусавваҳо ба куллӣ аз усулҳо ва равияҳои анъанавӣ фарқ мекарданд. Дигар аз вежагии ин намоишгоҳ дар он буд, ки маҳсули 5 соли Ваҳдати миллии Тоҷикистон ба шумор рафта, бар он далолат менамуд, ки рисолати санъатофарии миллат дубора ба асли худ баргашт.

Тасвири илмии равияҳои рассомии Зокир Собиров ба таври зайл ташреҳ мешаванд:

«НУРВОРИЗМ»: аз калимаҳои тоҷикӣ, арабӣ ва лотинӣ (нур-вор-изм = гароиш ба чизе шабеҳи нуру фазо, дорои нур, такрори фазо ба нур ва он чӣ аз нур таркиб меёбад) гирифта шуда, нигоҳи хос ба воқеият мебошад. «Нурворизм» – равияи танзимкунандаи физикии нур мебошад, ки ба фазо омезиш хӯрда, нахуст дар мафкура тавлид мегардад ва пасон дар дохили образ ва дар шакли асар мезияд. Он метавонад бо ҳар сабки мавҷудаи ҳунар мувофиқат кунад ва омезиш ёбад. Зеро асли он нур аст ва нур маҳдуд набуда, ба қолабҳои сунъӣ ҷудо намешавад. «Нурворизм» дар мусавваҳои монументалӣ, ороиши театрӣ ва либос низ ба кор бурда шуда, татбиқи худро дар санъати меъморӣ интизор аст.

«ТАНВОРИЗМ» аз калимаҳои тоҷикию лотинӣ (тан-вор-изм = гароиш ба он чӣ дар шакли номуайянӣ қарор дорад, монанди матоъ ё ҷомавор) гирифта шуда, моҳияти табиат, анвои андеша, ғоя, тафаккур, зеҳният бо шаклу намои мухталиф, ки мо ҳамарӯза онро дар шакли матоъ, либос, рӯйҷо, рӯймол, парда ва монанди инҳо мебинем… «Танворизм» ҳастии дунёро ҳатто дар он ҷузъҳое, ки ба чашми инсон нонамоёнанд, боз мекунад. Инъикоси дунёи ботинии инсон ва ашёро, ки дар матоъ нуҳуфтааст, бо андак коркард ва танзими ҳунарӣ ҳувайдо ва муаррифӣ мекунад.

Санъатшиноси тоҷик Муҳаммадуллоҳи Табарӣ тағйирпазирии вақту замон, инъикоси руҳ ва таъсири он ба муҳитро дар осори Зокир Собиров мушоҳида намуда, бар он таъкид мекунад, ки «дар осори мазкур, пеш аз ҳама,

иваз шудани замонҳо ва таъсири онҳо ба инсону муҳит мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Бо тағйир ёфтани замон тафаккур, мазмуни худи зиндагӣ ва дар маҷмуъ, набзи зиндагӣ дигар мешавад. Дар ин силсилаи асарҳои Зокир Собиров шукӯҳу шаҳомати замон ва рухи тавонои соҳибзамонон андар рангҳои мухталиф ҷилвагар мешаванд». Бо чунин тарз ин ду равия дар санъати рассомии ҷаҳон ворид шуда, кулвори маънавии миллати тоҷикро ғанӣ гардонида, дар таърихи санъати рассомӣ дар қатори дигар бузургон исми як ҳамватани дигари моро сабт гардонид.

Намоиши дуюми мусаввараҳои академик Зокир Собиров соли 2019 дар меҳмонхонаи «Серена Душанбе» баргузор шуда, намоиши сеюми асарҳои мавсуф аз 10 то 20-уми июли соли 2024 дар «Осорхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Ду равияи як рассом» баргузор карда шуд, ки он ба 50-солагии фаъолияти эҷодии рассом бахшида шуда буд.

Дар ин намоишгоҳ бинанда шоҳиди эъҷози ҳунарӣ, таҳаввули санъат, бархӯрд ва омезиши рангҳо шуда, тасовири ҷадидеро аз чеҳраҳои саршиноси миллати тоҷик, шоирону нависандагон, олимон, шахсиятҳои сиёсии ҷаҳон ва ҳунармандони маҳбуби театр ва кино хоҳанд шуд. То имрӯз Зокир Собиров чеҳраи сардафтари адабиёти тоҷику форс, устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, шоир, файласуф, мутафаккир ва табиби асрҳо Абуалӣ ибни Сино, сардафтари адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ, адибоне чун Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулназар, Темур Зулфиқоров, Абдурафеъ Рабеъзод, академикҳо Султон Умаров, Носирҷон Салимӣ ва дигар шахсиятҳои маънавиро дар қолаби равияҳои «Нурворизм» ва «Танворизм» офаридааст.

Чеҳраҳои муҳиму таъсиргузоре, ки дар сиёсати ҷаҳонию байналмилалӣ мақому манзалати хос доранд, низ аз маркази диққати рассом дур намонда, то кунун чеҳраҳои арзандаро дар асарҳои алоҳида ба тасвир кашидааст. Аз ҷумла, чеҳраи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, роҳбарони кишварҳои Русия – Владимр Путин, Ҷумҳурии мардумии Чин – Си Зин Пин, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико – Доналд Трамп ба риштаи тасвир дароварда шудаанд.

Ба шинохти банда, равияҳои эҷоднамудаи ҳунарвари тоҷик дар таърихи наққошии миллӣ ва ҷаҳон марҳилаи ҷадидеро боз хоҳад кард, дар он мактаби эҷодии рассомӣ бо номҳои миллии тоҷикӣ – «Нурворизм» ва «Танворизм» сабт хоҳад шуд. Доир ба ин масъала муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Манучеҳр Шарифзода низ бар ин назар аст, ки «ҳунари рассомӣ як пешаи дорои назокатҳои эҷодӣ мебошад, аммо Зокир Собиров дар баробари ин ҳама душворӣ ду равияи рассомиро коркард намудааст, ки дар таърихи наққошӣ беҳамто мебошанд. Равияҳои ӯ дар фарҳанги наққошии миллию ҷаҳонӣ падидаи ҷадид маҳсуб шуда, бо вижагиҳои эҷодӣ ва унсурҳои табиияшон ҳамчун сарвати миллии тоҷикон эътироф мешаванд».

Наққошиҳои З. Собиров тасвири зебоиҳои ҳаёт, образҳои воқеию бадеӣ, чеҳраҳои саршиноси миллию байналмилалӣ ва фарогири мавзуъҳои ҳассоси таъриху фарҳанг ва тасвири лавҳаҳои гуногуни зиндагии инсонҳо аз таърихи тамаддуни башарӣ мебошад, ки дар қолаби танзими нур ва шаклдиҳии матоъ тасвир меёбанд.

Агар ба офаридаҳои рассом аз лиҳози мантиқи илмӣ назар карда шавад, ин мавқеи рассоми тоҷик дар баробари инъикоси афкор дар тасвир, ҳамзамон, назарияи ҷадиди фалсафӣ доир ба дунё ва ҳастӣ низ мебошад. Яъне, ба пиндори академик Зокир Собиров олами ҳастӣ қабл аз даромадан ба шакл аз нур ва фазо иборат аст ва баъд аз танзими нурҳои мавҷудаи табиат шакли дидашаванда пайдо мекунад.

Хулоса, ин ду равияи рассомӣ, ки мутаваллиди даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, паёми озодиҳои фикрию эҷодӣ дар кишвари ободу сулҳофари Тоҷикистон буда, дар санъати рассомии тоҷик дастовари бузург маҳсуб мешаванд ва чун падидаи мондагори санъати тасвирии тоҷикон дар фарҳанги рассомии ҷаҳон арзиш доранд.

**Нуъмон РӮЗИЕВ,**
**омӯзгори фанни риёзии**
**Литсейи касбии политехникии**
**шаҳри Душанбе**

# ТО ФАЗЛУ ҲУНАР ОИНАПАРДОЗ НАШУД...

Илм, ахлоқ ва фарҳанг арзишҳои волои инсонианд. Неруи бузурге, ки башариятро бар коинот ҳоким мегардонад, илм аст. Бешак, миллату давлате, ки ба илм ва олимон эҳтиром мегузоранд, ба саодату муваффақият ва комёбиву пешравиҳо ноил мегарданд. Бетаваҷҷуҳӣ ба омӯзиши илм ва беэҳтиромӣ ба олимон омили қатъи рушди миллату давлат мегардад. Оре, маҳз фарзонафарзандони донишманд - бузургони тоҷик дар тули ҳазорсолаҳо ба ҷаҳониён илму дониш меомӯхтанд. Осору омоли нобиғагони таърихии тоҷик - Абуалӣ Ибни Сино, Закариёи Розӣ, Абурайҳони Берунӣ, Муҳаммади Хоразмӣ, Умари Хайём ва дигарон, далели равшани он аст, ки тоҷикон аз қадимулайём дар оламИ тамаддуни илму фарҳанг маъруфу пешрав буданд. Барафрохтани муҷассамаи чаҳор донишманди бузурги форсу тоҷик дар саҳни маҷмааи бонуфузтарин ниҳоди ҷаҳонӣ - Созмони Милали Муттаҳид тақвиятбахши ин гуфтаҳост.

Дар воқеъ, маориф дастгоҳи махсуси тавлиди илм ба шумор рафта, пояи мустаҳками ҳар як давлат эътироф мешавад. Шикасти маориф шикасти давлат аст ва пешравии маориф бошад, пешравии он. Аз ин рӯ, илму маориф дар сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавқеи марказӣ дошта, дар ҳар суханронияшон аҳаммияти илмро барои рушди кишвар бо такрор таъкид менамоянд.

Самти дигари муҳимми сиёсати Ҳукумати Тоҷикистон сиёсати давлатии ҷавонон маҳсуб меёбад. Ва яке аз ҷанбаҳои меҳварии сиёсати давлатии ҷавонон ҷалби наврасону ҷавонон ба илм ва ихтироъкорӣ мебошад.

Сарвари кишвар ҳанӯз соли 2019 дар Паёми солонаашон ба Маҷлиси Олӣ тазаккур дода буданд, ки ба хотири таҳкими қобилияти эҷодии ҷавонон ба мутолиаи китобҳои илмиву бадеӣ, тавсеаи тафаккури техникии насли наврас ва барои боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон карда шавад. Ин иқдоми Роҳбари давлат мояи хушҳолӣ ва сарфарозии аҳли илму дониш гашт. Мо шоҳид гардидем, ки хонандагони мактабҳоямон дар олимпиадаҳои дохил ва хориҷ аз кишвар, махсусан, дар самти илмҳои дақиқ ба комёбиҳои шоиста даст ёфтанд.

Ҷиҳати амалишавии Барномаи давлатии “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф” бо ташаббуси бевоситаи Пешвои муаззами миллат баргузории Озмуни ҷумҳуриявии “Илм-фурӯғи маърифат” яке аз тадбирҳои муҳим буда, бо мақсади ҷалби бештари наврасону ҷавонон ба омӯзиши илмҳои дақиқ, табиӣ ва риёзӣ ташкил шудааст. Ин озмун, ки таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мешавад, ба рушди тафаккури илмӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии техникӣ ва ташаккули маҳорати навовариву ихтироъкорӣ мусоидат мекунад.

Дар ҳақиқат, Озмуни ҷумҳуриявии “Илм-фурӯғи маърифат” тантанаи илму дониш дар Ватан ба ҳисоб меравад. Ҳар як шаҳрванди бонангу ори кишварро зарур аст, ки ба хотири расидан ба як ҷомеаи пешрафта, эҳёи армонҳои миллӣ, шукргузорӣ аз дастгириҳои пайваста ва маорифпарваронаи Пешвои миллат ва ба хотири наслҳои оянда ба илм рӯ оварад.

Илмҳои дақиқ барои пешрафти технологияҳои иттилоотии нав, ки ҳаёти моро фаро гирифта, тағйир медиҳанд, заминаи мусоиди рушд фароҳам меоваранд. Тавре медонем, бунёду

роҳандозии фаъолияти корхонаҳои азим истифодаи комили илмҳои дақиқро талаб мекунад. Усулҳои математикӣ барои таҳлили маълумот, омор ва моделсозӣ истифода мешавад. Принсипҳои физикӣ барои тарҳрезии таҷрибаҳо ва тафсири натиҷаҳо истифода мешаванд. Дониши химиявӣ дар синтези моддаҳои нав ба таҳияи маводи доруворӣ ва дигар моддаҳои таъсирнок ёрӣ мерасонад.

Тавре маълум аст, таърихи рушди технология ба такмилу навоварӣ хос аст. Инқилобҳои саноатӣ, ки дар асрҳои XVIII-XIX падид омаданд, истеҳсолоти фарогирро падид овард, ҳоло бошад, автоматикунонии равандҳои истеҳсолиро суръат бахшид.

Асри XX пайдоиши компютерҳо, технологияҳои рақамӣ ва интернетро ба миён овард, ки тарзи дарк кардани ҷаҳон ва муносибатҳои моро тағйир дод. Дар шароити кунунӣ бе илму инноватсия, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии техникӣ қадаме ба пеш гузоштан ғайриимкон аст.

Дар доираи рушди соҳаи саноатикунонии босуръат, ки ҳадафи чоруми стратегии давлат эълон гардидааст, истифодаи технологияҳои муосир дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ густариш ёфта, тафаккури техникии аҳолӣ, махсусан, ҷавононро тақвият бахшида, барои пешрафти илмҳои бунёдӣ ва техникиву технологӣ фазои мусоид фароҳам меорад. Маҳз бо ҳамин мақсад дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки шумораи онҳо 47 адад мебошад, 214 ҳазор донишҷӯ ба омӯзиши донишҳои замонавӣ машғул мебошанд. Инчунин, зиёда аз 42 ҳазор ҷавони боистеъдоди мо дар 42 кишвари дунё ба омӯзиши илму дониш машғул ҳастанд. Танҳо дар Федератсияи Россия беш аз 20 ҳазор ва дар Ҷумҳурии Мардумии Чин зиёда аз 5 ҳазор донишҷӯи тоҷик таҳсил мекунанд, ки ҳар қадоми онҳо дарояндаи наздик барои рушди кишвар саҳми босазо мегузоранд.

Дар суханронии хеш ба муносибати Рӯзи дониш (01.09.2024) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, ки ҳоло дар кишвари мо 88 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, яъне, коллеҷҳо бо фарогирии 90 ҳазор донишҷӯ фаъолият доранд. Яъне, якҷо бо 214 ҳазор донишҷӯи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 312 ҳазор нафар ҷавон дар дохили кишвар ба омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар машғул мебошанд. Илова бар ин, дар кишвар 65 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият менамояд, ки дар онҳо аз рӯйи 14 самт ва 135 ихтисос бо фарогирии беш аз 18 ҳазор нафар хонанда барои соҳаҳои гуногуни иқтисоди мамлакат мутахассис омода карда мешавад. Инчунин, дар 39 маркази касбомӯзии калонсолони назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҷумҳурӣ 46 ҳазор шаҳрванд ба омӯзиши 78 намуди касбу ҳунар машғул мебошанд.

Бояд гуфт, ки ҳамқадами замон шудан ва дуруст истифода бурдан аз дастовардҳои илму технологияҳои муосир, дар пешрафти онҳо нақш гузоштан, инчунин, муаррифӣ намудани давлату миллат дар арсаи байналмилалӣ ба чигунагии муносибат ба илмҳои дақиқу риёзӣ вобастагии зиёд дорад. Дар ин самт дар доираи “Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025” ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” дар Литсейи касбии политехникии шаҳри Душанбе як силсила корҳо анҷом дода шуданд. Гуфтан бамаврид аст, ки дар муассиса бо фарогирии 939 касбомӯз (112 духтар), аз рӯи 8 самт ва 23 ихтисос барои соҳаҳои гуногуни иқтисоди мамлакат мутахассис омода карда мешавад. Инчунин, курси омӯзиши калонсолон ташкил карда шудааст, ки дар он 200 нафар ба омӯхтани касбу ҳунар машғул мебошанд.

Хулоса, илму маориф ва омӯзиши касбу ҳунари муосир дар авлавияти сиёсати пешгирифтаи Пешвои маорифпарвари миллат қарор дошта, пайгирӣ аз ин сиёсат ва татбиқи он метавонад, кишварро ба музаффариятҳои илмӣ ва тараққиёти фарогир бирасонад. Шоири дилогоҳ Абдулқодири Бедил бамаврид гуфтааст:

**То фазлу ҳунар оинапардоз нашуд,**
**З-иқбол даре бар рӯи кас боз нашуд.**

Пас, мо - омӯзгоронро лозим аст, ки дар раванди таълиму тарбияи шогирдон бо тамоми нерӯ амал намуда, ҳамаи зарфиятҳои илмию зеҳнии худро дар хидмати онҳо қарор диҳем, то ҳамчун мутахассисони варзидаи кишвар ба камол бирасанд.

**С. АБДУЛВОҲИДЗОДА,**
**“Маърифати омӯзгор”**

# ДАР БЕХАТАРИИ ҶОМЕА ҲАМА МАСЪУЛЕМ



Ҳамасола бо баланд гардидани ҳарорати ҳаво наврасону ҷавонон ба оббозӣ машғул мешаванд. Ашхосе, ки бори аввал ба шиноварӣ шуруъ мекунанд, қавли **“Гар шиновар нестӣ, по бар лаби дарё манеҳ”**-ро сарфи назар карда, ба кӯлу дарёҳо ва ҳавзҳои шиноварӣ нотарсонаву боғурур по мегузоранд. Чун дар об ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд, гуфтаи машҳури **“То миёнат ғарқ шудӣ, аз канор андеша кун”**-ро фаромӯш намуда, ба шитобкориву изтироб роҳ медиҳанду ғарқ мешаванд. Чунки онҳо бо шароити об ошно нестанд. Ҳатто агар шиноварӣ карда тавонанд ҳам, дар минтақаҳои ношинос ба монеаҳои мухталиф вомехӯранд. Зеро дар қаъри кӯлу дарё ва обанборҳо сангу харсанг, гиёҳҳои обӣ, гирдобҳо ва дигар ашё мавҷуданд, ки ба шиноварӣ халал мерасонанд.

Мо тасмим гирифтем, ки вобаста ба мавзуи рӯз – ғарқшавии одамон, хусусан, кӯдакону наврасон ва ҷавонон дар мавсими оббозӣ ва роҳҳои пешгирӣ аз ин ҳодисаҳои номатлуб бо сухангӯйи Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковник Ориф Нозимиён ҳамсуҳбат гардем.

Ҳамсуҳбати мо иттилоъ чунин дод:

- Ёдовар мешавам, ки ҳар сол, пеш аз оғози мавсими шиноварӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ оид ба пешгирии рух додани ҳолатҳои ғарқшавӣ андешида мешавад. Масалан, дар ҳудуди шаҳри Душанбе пеш аз оғози мавсими оббозӣ, дар моҳҳои апрел ва май Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ дар шаҳри Душанбе нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии ғарқшавӣ ва чораҳои зарурӣ ба мавсими оббозиро ба роҳ мемонад.

Аз моҳи май кормандони раёсат ҳолати қабули шаҳрвандонро дар кӯлҳои мавсимӣ, ки дар ҳудуди шаҳри Душанбе мавҷуданд, аз назар гузаронида, вобаста ба қабули шаҳрвандон ва пешгирӣ аз ғарқшавӣ ҳангоми оббозӣ ва ҳолатҳои фавқулода бо кормандони кӯлҳои шаҳр корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд.

Ба гуфтаи Ориф Нозимиён чорабинии дигари пешакӣ, ки аз ҷониби кормандони Раёсати ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ дар шаҳри Душанбе ба роҳ монда мешавад, аз он иборат аст, ки бо роҳбарияти муассисаҳои таҳ-

силоти миёнаи умумӣ, роҳбарони муассисаҳои ттаҳсилоти томактабӣ дар якҷоягӣ бо намояндаи Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва мудирони шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои пойтахт вобаста ба пешгирӣ намудани ҳолатҳои ғарқшавӣ нишасту вохӯриҳо гузаронида, дар бораи мавзуи мазкур суҳбатҳои муфид мегузаронанд. Дар мавсими оббозӣ бошад, аз ҷониби кормандони раёсат тамринҳо вобаста ба пешгирии ҳолатҳои ғарқшавӣ ва расонидани кумаки аввалияи то тиббӣ ба шахси ғарқшуда роҳандозӣ гардида, наворҳо аз тамринҳо ба аҳолии пойтахт тариқи шабакаҳои телевизионӣ ташвиқу тарғиб карда мешаванд. Дар баробари он, ки мутахассисони соҳа бо аҳолӣ суҳбатҳои инфиродӣ мегузаронанд, шиору овеза ва аломатҳо барои пешгирӣ аз ҳолатҳои ғарқшавиро пешниҳод карда, тариқи гузаронидани машғулиятҳои назариявӣ тадбирҳои амалӣ меандешанд. Аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои амалӣ бо мутахассисони худи кумита корҳои фаҳмондадиҳии зиёд ба роҳ монда мешавад. Ҳамзамон, огоҳиномаҳо, плакату овезаҳо, шиорҳо чоп карда шуда, дар машғулиятҳои сайёр дастраси ҳамагон мегарданд.

Воқеан ҳам, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бештари шаҳрвандони Тоҷикистон, ки ба ҳолати ғарқшавӣ дучор мешаванд, наврасону ҷавонон ҳастанд. Аз рӯйи маълумоти кумита давоми соли равон дар ҷумҳурӣ 111 ҳодисаи нохуш рух додааст, ки дар натиҷа 112 нафар, мутаассифона, фавтидаанд. Аз ҷумла, ҳолати ғарқшавӣ, ки ниҳоят нигаронкунанда аст, 89 ҳолат ба амал омада, 91 нафар фавтида ва 20 нафар наҷот дода шудааст. Ба заҳмату кори сангини кормандони Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудовиаи гражданӣ таҳсину офарин гуфтан кам аст ва ҳамагон бояд дар бартараф кардани дилхоҳ ҳодисаи ғарқшавӣ саҳмгузор бошем.

Аз рӯйи маълумот давоми соли равон шумораи бештари ҳодисаҳои ғарқшавӣ дар вилояти Хатлон ба амал омада, 31 ҳолат рух додааст, ки дар натиҷа 41 нафар ғарқ шуда, ҷони худро аз даст додаанд ва 3 нафар наҷот дода шудааст.

Дар вилояти Суғд 25 ҳолати ғарқшавӣ рух дода, 17 нафар ғарқ шуда, 10 нафар наҷот дода шудааст.

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 14 ҳолати ғарқшавӣ рух дода, 14 нафар ғарқ шудааст ва як нафар наҷот дода шудааст.

Ҳолати ғарқшавӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳам, мутаассифона, кам нест. Давоми соли равон 11 ҳолати ғарқшавӣ рух дода, дар натиҷа, 12 нафар ғарқ шуда, 5 нафар наҷот дода шудааст. Дар пойтахти кишварамон, новобаста аз он ки баҳри пешгирии ҳолати ғарқшавӣ тамоми чораҳои зарурӣ андешида шудаанд, 8 ҳодисаи ғарқшавӣ рух дода, 7 нафар фавтидааст ва 2 нафар наҷот дода шудааст.

Ориф Нозимиён зикр кард, ки ҳодисаи ғарқшавӣ, асосан, миёни кӯдакону наврасон ва ҷавонон бештар ба чашм мерасад, ки нигаронкунанда аст. Тибқи маълумоти оморӣ давоми соли равон шумораи умумии ғарқшудагон аз рӯи синну сол чунин аст: 10 ҳолати ғарқшавии кӯдакони то 4-сола, 18 ҳолати ғарқшавии кӯдакони аз 5 то 10-сола, 17 ҳолати ғарқшавии наврасони аз 11 то 16-сола, 30 ҳолати ғарқшавии ҷавонони аз 17 то 35-сола ва 16 ҳолати ғарқшавии калонсолони аз 35-сола боло. Бояд зирк намуд, ки ҳар як ҳодисаи ғарқшавии кӯдакону наврасон, ҷавонон ва калонсолон сабабҳои худро дошта, сабабҳои асосии ҳолати ғарқшавӣ ин риоя накардани қоидаҳои бехатарии оббозӣ, беэҳтиётии худи нафари ғарқшаванда, беназоратии волидон, дар ҳолати мастӣ оббозӣ кардан мебошанд. Дар баробари ёрии ҳамешагии кормандони кумита аз тамоми шаҳрвандон ва сокинони кишварамон хоҳиш менамоем, ки дар фасли гармо кӯдакону наврасон ва наздикони худро беназорат нагузоранд ва вобаста ба пешгирӣ аз ҳодисаҳои ғарқшавӣ саҳми худро фаъолона гузоранд, зеро дар бехатарии ҷомеаи солими кишвари азизамон ҳама масъулем.

Вақте ки мавсими оббозӣ фаро мерасад, бояд волидон, омӯзгорон, калонсолон ва ниҳодҳои масъул, умуман, тамоми қишрҳои ҷомеа ба кӯдакону наврасон дар бораи хатарҳои шиноварӣ дар ҷойҳои номуносиб ва мамнуъ иттилоъ диҳанд. Волидон бояд ба фарзандон қоидаҳои оббозиро омӯзонанд, тазаккур диҳанд, ки дар ҳар ҷои ношинос набояд онҳо оббозӣ кунанд. Саъдии бузургвор дар ин бора чунин фармудааст:

**Чу кӯдак ба дасти шиновар-дар аст,**
**Натарсад, в-агар Даҷла пахновар аст.**

**Мураттиб Ҳотами ҲОМИД**

## МУАММОИ «ФОЗИЛ»

**Аз чап ба рост:**

5. Гурӯҳи одамонро гӯянд. 7. Макони илму дониш. 8. Шахси ба ҳама азиз. 9. Рутубат, намнокӣ. 11. Муродифи вожаи «нанг». 13. Шоҳ дар «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ. 14. Металли химиявӣ. 15. Донишманд, олим. 16. Ҷавонмарде, ки дар асри VI дар саховатмандӣ ном баровaрда буд. 18. Сафедорро ҳамин тавр мегӯянд. 20. Шахси якуми шумораи танҳо. 21. Асъори хурди миллӣ. 22. Ба манзил мерасонад. 23. … Ортиқов, адиби бачаҳо. 25. Мақсад, хоҳиш, талаб. 26. Элементи химиявӣ.

**Аз боло ба поён:**

1. Дорой, боигарӣ. 2. Парандаи ваҳшии тезчашм. 3. Қисми бунияи инсон. 4.Номи шахси мавҳум, ки гӯё дар охирзамон харсавор пайдо мешудааст. 6. «Дашти …», асари адиби тоҷик. 7. Хавфнок, даҳшатангез, бимнок. 10. Тарозуро мегӯянд. 11. Як навъи гилем. 12. Муқобили бемор. 13. Ҷавшан, асбоби ҷангӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. 16. Ҳамсол ё ... 17. Он, ки бо тақсими об сарукор дорад. 18. Аз дарахт тайёр карда мешавад. 19. Ибораи русӣ, ифодакунандаи роҳбари баталион. 23. Иоҳан Себастян …, бастакори машҳури немис. 24. Фармон, супориш.




**Ҷавоби муаммои «Ғалаба» (№5)**

1. Юсуфӣ. 2. Иттиҳод. 3. Днепр. 4. Рейхстаг. 5. Гитлер. 6. Ракета. 7. Амиршоев. 8. Волга. 9. Аскар. 10. Роман. 11. Неъмат. 12. Тӯйчӣ. 13. Исмоил. 14. Левитан. 15. Номус. 16. Сталинград. 17. Дон. 18. Немис. 19. Снаряд. 20. Далер. 21. Раҳмат. 22. Тоҷик. 23. Комбат. 24. Танк. 25. Кӯлоб. 26. Барбарос. 27. Сталин. 28. Нарва. 29. Анкабут. 30.Тобистон. 31. Нусрат. 32. Тоҷикистон. 33. Ниёзӣ. 34. Ибаррурӣ. 35. Исмат. 36. Ташкилот. 37. Талх. 38. Хона. 39. Атом. 40. Мамлакат. 41. Тухачевский. 42. Йод. 43. Душман. 44. Номус. 45. Сотим. 46. Микола. 47. Аскар. 48. Ранг. 49. Гимлер. 50. Роҳ. 51. Ҳодӣ. 52. Ишкошим. 53. Муҳаммадҷонова. 54. Андиҷон. 55. Нева. 56. Асорат. 57. Табаддулот. 58. Ташаббус. 59. Ситора. 60. Адолф. 61. Фармон. 62. «Нону имон». 63. Нома. 64. Айнӣ. 65. Интихобот. 66. Ташаккур. 67. Рахна. 68. Амонат. 69. Тантана. 70. Асп. 71. Пулемёт. 72. Тула. 73. Асир. 74. Рух. 75. Харита. 76. Ака. 77. Аз.

# МУНДАРИҶА


**ТАШАББУСҲОИ МОНДАГОРИ ПЕШВО**

М. ҒАЙРАТОВ. Тағйирёбии иқлим, паёмадҳои он ва мавқеи Тоҷикистон............................1

**СОЛҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА ИННОВАТСИЯ**

Ф. САФАРОВ. Системаи ҷустории "Додаҳо" заминаи муфид баҳри дастрасӣ ба иттилоот.....3

**ИФТИХОР**

М. АБДУСАЛОМОВ. Ёздаҳ ёдгории таърихии вилояти Хатлон ба феҳристи ҷаҳонии ЮНЕСКО шомил гардид.......................................................................................................6

**ПАЖУҲИШ**

А. ЗАРИФӢ. Табли бедории устод Айнӣ ба гӯши Ориён!....................................................8

**ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ**

Д. ҚУРБОНЗОДА. "Тобистон-2025": Мавсими истироҳати кӯдакону наврасон чӣ гуна сипарӣ мешавад?...........................................................................................................13

**КИТОБҲОИ НАСЛИ НАВ**

Ҳ. МАҲМУДЗОДА. Уфуқҳои нав дар таълифи китобҳои дарсии мактабӣ.......................18

**РАВОНШИНОСИ МАКТАБӢ**

С. МУРОДОВ. Кӯдак агар дар симои волидон дӯсти худро биёбад... ...............................20

**ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ**

Ш. БОБОЕВА. Машғулияти шавқовар дар мавзуи «Об - манбаи ҳаёт»............................24

**УСУЛҲОИ НАВ**

Н. АКБАРОВ. Гузариш ба системаи нави таълими технологии педагогӣ.........................27

**МЕТОДИКА**

Ҷ. ИСМАТОВ. Баланд бардоштани сифати таълим тавассути истифодаи усулҳои омӯзиши ҳамфаъол.......................................................................................................28

**МАСЪУЛИЯТИ ВОЛИДОН**

И. НУСРАТУЛЛОЗОДА. Мевае ширинтар аз фарзанд набвад дар ҷаҳон.........................30

**ГЕОМЕТРИЯ**

И. АШӮРОВ. Нақши фанҳои риёзӣ дар рушди тафаккури мантиқӣ ва технологияи муосир.32

**БИОЛОГИЯ**

Ҳ. АЛИЕВ. Омӯзиши полимерҳои биологӣ дар дарс.........................................................34

**ФИЗИКА**

Ш. ХӮҶАМОВ. Лабораторияи виртуалӣ ва таснифи дидактикии он дар таълим.............36

**ЗАБОНШИНОСӢ**

Р. БОБОКАЛОНОВА. Вижагиҳои ифодаи ҷумлаи пайрави ҳоли тарзи амал.......................39

**МАШВАРАТҲОИ АВГУСТӢ**

Б. ҲУКУМЗОДА. Нақши қонунҳои миллӣ дар тарбияи ахлоқии хонандагон....................44

**ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ**

Б. ҶАББОРОВА. Бозиҳо дар дарс қобилиятҳои зеҳниро инкишоф медиҳанд..................47

**МИНБАРИ МУТАХАССИС**

М. МАДАТЗОДА. Муносибати босалоҳият ба таълим ва татбиқи он дар мактаб...........49

**АДАБИЁТ**

М. ҚУРБОНЗОДА. Афкори ватандӯстӣ ва тарбиявӣ дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ............53

**САНЪАТИ ТАСВИРӢ**

М. АТОЗОДА. Таҳаввули рангҳо ё эъҷози рассоми тоҷик...................................................55

**ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ**

Н. РӮЗИЕВ. То фазлу ҳунар оинапардоз нашуд... ..............................................................58

**МАВЗУИ РӮЗ**

С. АБДУЛВОҲИДЗОДА. Дар бехатарии ҷомеа ҳама масъулем.........................................60

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

Ҳ. ҲОМИД. Муаммои «Фозил»..............................................................................................62

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Абдулло РАҲМОНЗОДА,** ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа.

**Равшан КАРИМЗОДА,** муовини вазири маориф ва илм.

**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА,** муовини вазири маориф ва илм.

**Муҳаммадтоир САИДЗОДА,** директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Фарҳод РАҲИМӢ,** раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Наврӯз МИРЗОЗОДА,** ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф.

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ.

**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА,** ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Зулҳия НОЗАКЗОДА,** раиси Иттифоқи касабаи маориф ва илм.

**Бахром ИСМОИЛЗОДА,** сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе.

**Зиёдулло АБДУЛЗОДА,** сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон.

**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ,** сардори раёсати маорифи ВМКБ.

**Шавкат КАРИМЗОДА,** директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ.

**МУАССИС**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

**САРМУҲАРРИР**

**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҳомид ҲОШИМЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Шодӣ САФАРОВ,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ.

**Сироҷиддин НИЁЗӢ,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ.

**Хуршед ДАВЛАТАЛИЗОДА**, сардори Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**А. ШАРИФЗОДА,** муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ.

**С. МУРОДОВ,** котиби масъул.

**М. АТОЗОДА,** муҳаррири бахши филологӣ.

**Қ. НАЗАРОВ,** тарроҳ.

**А. САИДОВ,** масъули сомона.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 тахти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, 1-уми июли соли 2024, таҳти №364/МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад, бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро бар дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman қабул менамояд.
- Чопи маводи нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.

**МОРО ДАР ҶАҲОНИ ИНТЕРНЕТ ҲАМРОҲӢ НАМОЕД**

СОМОНАИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

ГУРӮҲИ ФЕЙСБУКИИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

**Индекси обуна: 77570.**
**Андозаи 60х841/8.**
**Адади нашр 6770 нусха.**
**Дар матбааи «Табъу нашр» чоп шудааст.**
**Нархаш шартномавӣ.**

**E-mail: marifati.omuzgor@mail.ru**
**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**